- Ҳар кӯдаки панҷум дар Тоҷикистон бе ҷорӣ намудани зӯроварӣ ба ҷазои интизомӣ гирифтор аст, дар айни замон 7 фоизи кӯдакон ҳеҷ вақт на ба ҷазои интизомӣ ва таъсиррасонӣ, на ба ҷазои рӯҳӣ гирифтор нашудаанд.

### Никоҳи барвақтӣ

- Дар Тоҷикистон камтар аз 1 фоизи занони 15-49 сола то расидан ба синни 15 ақди никоҳ мебанданд, вале қариб 15 фоизи ҳамаи занони аз 20-49 сола вақте, ки синнашон ба 18 мерасад, никоҳ мешаванд. Беш аз ҳама ба шавҳар баромадан то расидани синнашон ба 18 солагӣ дар байни занони 25-29 сола (23 фоиз) паҳн шудааст. Ин таҷриба низ бештар дар байни тоҷикзанони камбағал анъана шудааст: дар байни онҳо тақрибан ҳар яке аз занони шашуми то синни 18 ба шавҳар баромадааст. Дар айни замон ба таври умумӣ 6 фоизи занон дар синни 15-19 солагӣ никоҳ шудаанд ё бо иттифоқии мард зиндагӣ мекунанд.
- Қариб 5 фоизи занони ба шавҳар баромада ё бо иттифоқи мард дар 15-19 солагӣ бо ҷуфташон, ки то 10 сол ё бештар калонсолтар аст, зиндагӣ мекунанд. Барои занони шавҳардори 20-24 сола низ фоиз чунин аст. Ин нишондиҳанда бештар вақт аз сатҳи саводнокии занон вобаста мебошад.

### Зӯроварӣ дар хона

- Дар Тоҷикистон аз чор зани шавҳардор ё бо иттифоқии мард зиндагикунанда сетоашон чунин меҳисобанд, ки шавҳарашон/шарикашон бо яке аз сабабҳои зиёде ҳуқуқ доранд онҳоро лату кӯб кунанд. Бештари занон (86 фоиз) тасаввур мекунанд, ки шавҳарашон ҳуқуқ дорад, онҳоро лату кӯб кунанд, дар мавридҳое, ки агар онҳо бо шавҳаронашон баҳсу мунозира кунанд. Чунин ақида бештар дар байни занони деҳот, ки дараҷаи саводнокиашон паст аст ва аз хонаводаҳои камбағаланд, қабул шудааст.
- Тааҷҷубовар аст, ки чунин ақида аз ҳама бештар дар байни ҷавонзанони шавҳардор паҳн шудааст. 85 фоизи занони 15-29 сола чунин меҳисобанд, ки шавҳар ҳуқуқ дорад занашро занад; ин нишондиҳанда дар байни занони 45-49 сола то 69 фоиз кам аст.
- Ҳар зани сеюми шавҳардор ё зане, ки дар иттифоқии мард зиндагӣ мекунад, дар ҳалли масъалаҳои нисбии хариду фурӯши бозорӣ ва хоҷагӣ, саломатӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок мекунад. Аз дигар тараф, 39 фоизи занон дар ҳалли ягон масъалаҳо иштирок намекунанд. «Ҳуқуқи» занон дар иштироки ҳалли масъалаҳои хоҷагӣ ба сатҳи маълумотнокӣ ва осудаҳолии хонавода вобастагӣ дорад.

### ВНМО/АНМО

- Дар Тоҷикистон 42 фоизи занон дар бораи ВНМО/АНМО шунидаанд. Аммо тааҷҷубовар аст, ки фоизи занони бохабар аз се усули асосии пешгирии сирояти ВНМО хеле кам буда, ҳамагӣ 11 фоизро ташкил медиҳад.
- Ҳамагӣ 6 фоизи занон бо ду гумроҳии хеле паҳншуда розӣ нестанд (дар бораи он ки ВНМО ба воситаи ғизо ва газидани хомӯшак сироят намекунад) ва дар бораи он медонанд, ки инсоне, ки солим дида мешавад, метавонад сироятнок бошад. Ин фоиз дар байни занони русизабони босавод бештар аст.
- Ҳайратовар аст, ки ҳамагӣ 4 фоизи занон дар бораи сирояти ВНМО маълумоти ҳаматарафа доранд (2 усули пешгирии сирояткунанда ва гумроҳиро медонанд). Дар байни занони 15-24 сола, заноне, ки дар бораи сирояту гузаштани ВНМО хуб бохабаранд, ҳанӯз ҳам камтар (2 фоиз) аст.

- Умуман, 37 фоизи занон дар бораи он медонанд, ки ВНМО метавонад аз модар ба кӯдак сироят кунад. Танҳо 10 фоизи занон дар бораи ҳамон усулҳои сирояти гузаштан аз модар ба кӯдакро медонанд, дар айни замон ҳамагӣ 4 фоизи занон дар бораи ягон усули сирояти ВНМО нашунидаанд.
- Шумораи зиёди занон дар Тоҷикистон (95 фоиз), ки дар бораи АНМО шунидаанд то андозае ба яке аз изҳороти ҳуқуқпоймолкунӣ розианд. Муносибати хеле паҳншудаи ҳуқуқвайронкунӣ ин аз харидани сабзавот аз одамоне, ки бо ВНМО/АНМО касаланд сарфи назар кардан мебошад.
- Ҳамагӣ 13 фоизи занон медонанд, ки дар куҷо аз муоина гузаштан лозим аст, зеро 4 фоизи онҳо кайҳо аз чунин ташхис гузаштаанд. Аз онҳо қисми зиёдашон (87 фоиз) натиҷаи санҷишро медонанд.
- Гарчанде 77 фоизи занони таваллудкарда ду сол пеш то гузаронидани тадқиқот аз муоинаи давраи то таваллудро гузаштаанд, камтар аз чоряки занон дар бораи пешгирии ВНМО бохабар карда шуда буданд. Ҳамагӣ 11 фоизи занон ҳангоми нигоҳубин ва муоинаи давраи то таваллуд аз санҷиши зидди ВНМО гузаштаанд.

### Ятимӣ

- 88 фоизи кӯдакони то 17 сола ба волидайн зиндагӣ мекунанд. Қариб 2 фоизи ин синну сол бо волидайни биологиашон зиндагӣ намекунанд, 5 фоизи кӯдакон яке ё ҳарду волидайнашонро гум кардаанд.

### Бо хабар будан аз сирояти касалии сил

- Аз ду зани 15-29 сола якеаш дар Тоҷикистон дар бораи касалии сил шунидааст, аз онҳо қариб аз се ду ҳиссаи занон 67 фоизашон медонанд, ки ин касалӣ муолиҷашаванда аст.
- Фоизи зиёди занон (88 фоиз) ба узви оила, ки ба касалии сил гирифтор шудаасту дар шифохона барои муолиҷа хобидааст, нигоҳубин карда метавонистанд. Аммо дар ин маврид, аз се як қисми занон мехост далели ба бемории сил гирифтор шудани аъзои оиларо махфӣ нигоҳ дорад.
- Бештари занон (88 фоиз) чунин меҳисобанд, ки касалии силро дар бемористон муолиҷа кардан зарур аст.

# I. САРСУХАН

### Асосноккунӣ

Ҳамин ҳисобот бо натиҷаҳои тадқиқоти кластерӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зиёде, ки Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон (КДО) бо дастгирии мақомоти омории вилоятҳо, инчунин Вазорати тандурустӣ, Вазорати маориф, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ва Кумитаи ҷавонон дар соли 2005 гузаронида буданд, асоснок карда шудааст. Тадқиқоти мазкур дар бораи вазъи кӯдакону занон дар Тоҷикистон иттилооти пурарзишро пешниҳод менамояд, асосан ба зарурати пеш бурдани комёбии мақсадҳо ва вазифаҳое, ки дар созишномаҳои байналхалқӣ аз қабили Изҳорот дар бораи Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола дар моҳи сентябри соли 2000 қабул кардаи 191 давлати аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва нақшаи амали «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ», ки дар моҳи маи соли 2002-юм 189 давлати аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар Сессияи махсуси оид ба корҳои кӯдакон қабул карда буданд, равона карда мешавад. Ҳар дуи ин ӯҳдадорӣ ба қарордодҳои қабулкардаи созмонҳои байналхалқии САММИТи умумиҷаҳонӣ ба манфиати кӯдакон дар соли 1990 асос ёфтаанд.

Созишномаҳои байналхалқиро имзо карда, хукуматҳо ба худ ӯҳдадорӣ гирифтаанд, ки шароити зиндагии кӯдаконро беҳтар мегардонанд ва чараёни комёбии ин мақсадро зери назорат мегиранд. ЮНИСЕФ дар иҷрои вазифаҳои гузошташуда барои расонидани ёрӣ ваколатдор карда шуда буд (ниг. ба ҷадвал).

**ӮҲДАДОРИИ АМАЛ КАРДАН: ӮҲДАДОРИИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТҲО ДАР САТҲИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛХАЛҚӢ.**

ҲУКУМАТҲОЕ, КИ ДЕКЛОРАТСИЯ ВА НАҚШАИ АМАЛИ «ДУНЁИ БА ҲАЁТИ ТИФЛОН МУВОФИҚ»-РО ИМЗО КАРДААНД, ҲАМЧУНИН БА ХУД ӮҲДАДОРӢ ГИРИФТААНД, КИ БАРОИ ПЕШРАФТУ КОМЁБИИ МАҚСАДҲО ВА ВАЗИФАҲОИ ДАР ОНҲО ИНЪИКОСЁФТА НАЗОРАТ МЕБАРАНД.

ДАР САТҲИ МИЛЛӢ, МИНТАҚАВӢ ВА МУТОБИҚИ ҲОДИСАҲОИ ДАХЛДОР БА РАФТИ ТАТБИҚИ МАҚСАДҲО ВА ВАЗИФАҲО, КИ ДАР ҲАМИН НАҚШАИ АМАЛ МУҚАРРАР КАРДА ШУДААНД, МУНТАЗАМ НАЗОРАТ МЕБАРЕМ, БА САТҲИ МИЛЛӢ, МИНТАҚАВӢ ВА ГЛОБАЛӢ, ДАР КОРИ ТАТБИҚИ ОНҲО БА ПЕШРАВӢ БАҲО МЕДИҲЕМ. БАРОИ ИН МО МАЪЛУМОТҲО, ТАКМИЛИ ОНҲО ВА ГУРӮҲБАНДӢ, АЗ ОН ҶУМЛА АЗ РӮИ АЛОМАТҲОИ ҶИНСИЯТ, СИННУ СОЛ ВА ДИГАР ОМИЛҲОИ ДАХЛДОР, КИ БА ФАРҚИЯТ ОВАРДА МЕТАВОНАНД, МУСТАҲКАМ МЕНАМОЕМ ВА АЗ ИН РӮ, ДАР ДОИРАИ ВАСЕЪ ГУЗАРОНИДАНИ ТАДҚИҚОТҲОРО, КИ БА КӮДАКОН БАХШИДА ШУДААНД, ДАСТГИРӢ МЕКУНЕМ. МО ҲАМКОРИИ БАЙНАЛХАЛҚИРО ДАР ҲИМОЯЮ ТАҚВИЯТ ОИД БА АФЗОИШИ ИҚТИДОРИ ОМОРӢ ФАЪОЛ МЕСОЗЕМ ВА БАРОИ НАЗОРАТ, БАҲОГУЗОРӢ ВА БАНАҚШАГИРИИ ИҚТИДОРИ ҶАМЪИЯТИРО ТАЪСИС МЕДИҲЕМ («ДУНЁИ БА ҲАЁТИ ТИФЛОН МУВОФИҚ», БАНДИ 60)

«…МО, ДАР САТҲИ МИЛЛӢ ВА ҒАЙРИМИЛЛӢ БАРОИ БЕШТАР САМАРАНОК БАРТАРАФ КАРДАНИ МОНЕАҲО ВА СУРЪАТ БАХШИДАНИ ФАЪОЛИЯТ МУНТАЗАМ ХУЛОСАҲОИ ПЕШРАВИРО МЕГУЗАРОНЕМ…» («ДУНЁИ БА ҲАЁТИ ТИФЛОН МУВОФИҚ», БАНДИ 61)

ДАР НАҚШАИ АМАЛ (БАНДИ 61) НИЗ БА ТАВРИ МУШАХХАС ҶАЛБ НАМУДАНИ ЮНИСЕФ ДАР ҶАРАЁНИ ТАҲИЯИ ГУЗОРИШҲОИ ДАВРӢ ДАР БОРАИ ВАЗЪИ КОР ПЕШБИНӢ ШУДААСТ.

«…БА ХАЗИНАИ КӮДАКОНИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР ҶАҲОН ҲАМЧУН МУАССИСАИ ПЕШБАРАНДА, КИ МАНФИАТИ КӮДАКОНРО ҲИМОЯ МЕКУНАД, БО ХОҲИШ МУРОҶИАТ КАРДА ШУДААСТ, КИ БО ҲАМКОРИИ ЗИЧ БО ҲУКУМАТҲОИ ДАХЛДОРИ ХАЗИНА, БО БАРНОМАҲО ВА МУАССИСАҲОИ МАХСУСГАРДОНИДАШУДАИ СИСТЕМАИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД, ҲАМЧУНИН БО ҲАМАИ ДИГАР АШХОСИ АМАЛКУНАНДАИ ДАХЛДОР, ДАР ҲОЛЕ КИ ИН МУВОФИҚИ МАҚСАД АСТ, ДАР БОРАИ РАФТИ ТАТБИҚИ ДЕКЛОРАТСИЯИ МАЗКУР ВА НАҚШАИ АМАЛ ИТТИЛООТРО ТАҲИЯ КАРДА ПАҲН КАРДАНИ ОНРО ДАВОМ ДИҲАД…»

«…МО АЗ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛӢ ХОҲИШ МЕНАМОЕМ, КИ РАФТИ ТАТБИҚИ ҚОИДАҲОИ ИН ДЕКЛОРАТСИЯРО МУНТАЗАМ БАРРАСӢ НАМОЯД ВА АЗ КОТИБИ ГЕНЕРАЛӢ ХОҲИШ МЕНАМОЕМ, КИ ГУЗОРИШҲОИ ДАВРИРО БАРОИ БАРРАСИИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛӢ ВА БА СИФАТИ АСОСҲО БАРОИ ҚАБУЛИ ТАДБИРҲОИ МИНБАЪДА БА НАШР ДИҲАД…»

Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадории сиёсии худро баланд бардошта иқтидорро оид ба гузаронидани ислоҳоти иҷтимоӣ мувофиқи татбиқи Мақсадҳои Рушди Ҳазорсолаи Тоҷикистон (МРҲ) ҳуқуқҳои кӯдакон ва занонро мустаҳкам кард. Дар соли 2005 Ҳукумат дар татбиқи Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола, баҳогузории эҳтиёҷоти МРҲ-ро хотима бахшида, лоиҳаи Стратегияи миллии рушдро таҳия намуда, ба натиҷаҳои назаррас комёб шуд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз анҷоми бисёр корҳо дар пеш истодааст, махсусан дар бахши дастрас будан ба тандурустии босифат, маориф ва ҳифзи кӯдак. Дар ҳақиқат, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ба кӯмаку ҳимояи байналхалқӣ дар татбиқи МРҲ ва иҷрои ӯҳдадориҳои худ оид ба амалӣ намудани ҳуқуқҳои кӯдакон ва занон бениҳоят эҳтиёҷманд аст. Ба охир расидани МИКС-2005 барои банақшагирии оянда ва татбиқи мақсадҳо барои тарафҳои манфиатдор ва идораҳои ватанӣ маълумотҳои нав кардашударо пешниҳод карда ин амали стратегиро пурра мегардонад. Интизор меравад, ки натиҷаҳои МИКС-2005 дар беҳтаргардонии сиёсати асосноки ба нақшагирӣ ва такмил ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонанд, ҳамин тартиб, дар бештар ба танзим даровардани рушди сиёсӣ ва татбиқи МРҲ ва вазифаҳои «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» ҳиссаи худро мегузорад.

Ҳисоботи хотимавӣ натиҷаҳои нишондиҳандаҳо ва маълумотҳои фарогирифтаи тадқиқотро дар бар мегирад.

### Вазифаҳои тадқиқот

МИКС-2005 ба ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷаи таъхирнопазир равона карда шудааст.

- ✓ Додани иттилооти навкардашуда барои баҳогузории вазъи кӯдакон ва занон дар Тоҷикистон;
- ✓ Пешниҳоди маълумотҳои зарурӣ барои мушоҳидаи комёбиҳои мақсадҳое, ки дар Деклоратсияи ҳазорсола ва «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» нишон дода шудаанд, ҳамчунин дигар мақсадҳое, ки бо созмонҳои байналхалқӣ мувофиқа карда шудаанд, онҳоро ба сифати асос барои амалҳои минбаъда истифода кардан мумкин аст;
- ✓ Такмил додани системаи ҷамъоварии маълумотҳо ва системаи мушоҳида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мустаҳкам намудани санҷишҳои (экспертизаҳои) техникӣ дар соҳаи банақшагирӣ, татбиқ ва таҳлили системаҳои ба ҳамин монанд.

# II. МЕТОДОЛОГИЯИ ИНТИХОБ ВА ТАҲҚИҚ

### Системаи интихоб

Бо мақсади баҳогузории шумораи зиёди нишондиҳандаҳои вазъи кӯдакон ва занон дар сатҳи миллӣ, дар шаҳрҳо ва деҳот ва дар ҳар кадом аз панҷ минтақаҳо: шаҳри Душанбе (пойтахт), ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ), вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва ВМКБ барои МИКС оид ба Тоҷикистон системаи интихоб тартиб дода шуда буд. Ин минтақаҳо ба сифати ҳудуди асосии интихоб ҷудо карда шуданд, худи интихоб бошад, дар ду давра гузаронида шуд. Дар ҳамаи ин минтақаҳо 290 ноҳияи интихоби эҳтимолии баробарандоза ба нақша гирифта шуд. Гарчанде интихоб вазъияти ҷориро инъикос накард (барӯйхатгирии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000-ум гузаронида шуда буд), интихоби хонаводаҳо бо тартиб додани рӯйхати хонаводаҳои ҳар кадом ноҳияи ҷудо кардашуда гузашт. Баъди тартиб додани рӯйхат ва харитасозии хонаводаҳо дар ҳар кадоме аз ноҳияи ҷудокардашуда, интихоби танзимӣ аз 6 968 хонавода тартиб дода шуд. Гарчанде тақсими кластерҳо байни интихоби ҳудудӣ мутаносиб намебошад, бинобар ин тақсимоти мушаххаси хонаводаҳо низ мутаносиб нест. Аз ин рӯ, интихобро хуб санҷидашуда ҳисобидан мумкин нест. Барои гирифтани натиҷаҳо дар сатҳи миллӣ интихоби санҷидашуда ба амал бароварда мешавад. Навиштаҷоти муфассали системаи интихоб дар Замимаи А инъикос ёфтааст.

### Саволномаҳо

Дар тадқиқот се намуди саволнома истифода карда шуд: 1) саволномаи хонаводаҳое, ки дар бораи ҳамаи аъзои ҳақиқии хонаводаҳо, хонаводаҳо ва манзил барои ҷамъоварии иттилоот истифода бурда шуд; 2) саволнома барои занон, барои ҳамаи занони 15-49 сола дар ҳар кадом хонавода пешбинишуда ва 3) саволнома барои кӯдакони то панҷсола, барои модарон ва мураббиёни ҳамаи кӯдакони то панҷсола, ки дар хонавода зиндагӣ мекунанд.

Саволномаҳо барои хонаводаҳо модулҳои зеринро дар бар гирифтанд:
- Номнависи хонаводаҳо
- Маориф
- Об ва санитария
- Тавсифоти хонаводаҳо
- Тӯрҳое, ки дору карда шудаанд
- Меҳнати кӯдакона
- Интизоми кӯдакона
- Фавти модарон
- Намаки йоддор

Саволномаи инфиродӣ барои занон модулҳои зеринро дар бар гирифт:

- Фавти кӯдакон
- Саломатии модар ва кӯдаки навзод
- Никоҳ ё иттифоқ бо мард
- Пешгирии ҳомилашавӣ (контратсептсия)
- Муносибат ба зӯроварӣ дар хона
- Бохабар будан дар бораи ВНМО
- Касалии сил

Саволнома барои кӯдакони то панҷсола маъмулан барои модарони кӯдакони то панҷсола[1] ҷорӣ карда мешавад, агар модар дар рӯйхати аъзои хонавода дохил карда нашуда бошад, он шахсеро ошкор карда ва пурсиданд, ки асосан нигоҳубини кӯдакро анҷом медиҳад. Саволнома модули зеринро дар бар гирифт:

- Ба қайд гирифтани таваллуд ва таҳсили барвақтӣ
- Инкишофи кӯдак
- Витамини "А"
- Синамакконӣ
- Муоина ва нигоҳубин дар вақти касалӣ
- Табларза (безгак)
- Эмкунӣ (сироятнопазир кардан)
- Антропометрия

Саволномаҳо ба модели саволномаи Тадқиқоти кластерӣ оид ба нишондиҳандаҳои зиёде (МИКС3[2]) асоснок карда шудаанд. Ҷиҳати интихоби мавзӯъҳои бештар муҳим, ки дар тадқиқот ҷо ба ҷо карда шуданд, як қатор маслиҳату машваратро бо волидайн дар шаҳри Душанбе гузаронидем. Баъди машваратҳои гузаронидашуда барои МИКС3 саволномаҳо ба тартибе, ки вазъияти хусусиятноки мамлакатро инъикос намоянд, модулӣ карда шуданд. Саволномаҳо оид ба Тоҷикистон як қатор мавзӯъҳои иловагии муҳимро дар бар гирифтанд, ки имконият доданд маълумотҳои дастнорас ҷамъоварӣ карда шаванд, ҳамчунин маълумотҳои арзишноке, ки имконият медиҳанд, умуман дар бораи аҳолии мамлакат хусусиятҳои саломатии занон ва кӯдакон фаҳмида шаванд.

Масалан, модули "Намаки йоддор" аз ҳисоби саволҳои дахлдори тамоюлоти дарёфт ва истеъмоли намак ҳал карда шуд. Саволномаи инфиродӣ барои занон дар бораи натиҷаҳои ҳомиладорӣ, васеъ намудани рӯйхати хизматҳои антенаталӣ (хизматҳое, ки дар давраи то таваллуд расонда мешаванд), бохабар будан дар бораи пешгирии ҳомилашавӣ саволҳои иловагиро дар бар гирифт, ҳамчунин саволҳо дар бораи иштироки занон дар ҳалли масъалаҳо дар сатҳи хонавода ва модулро дар бораи касалии сил дар бар гирифт.

Саволномаҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар асоси намунаи англисии МИКС3 тарҷума шуда буданд. Баъди мусоидгардонӣ дар моҳи июли соли 2005 онҳо пешакӣ дар шаҳрҷойҳо ва деҳоти наздики шаҳри Душанбе аз санҷиш гузаронида шуданд. Дар асоси маълумотҳои натиҷаҳои санҷиши пешакӣ ба тасвияҳо ва тарҷумаи саволномаҳо тағйирот дароварда шуд. Намунаи охирини саволномаҳо аз тарафи Кумитаи ҳамоҳангсозӣ маъқул дониста шуд. Нусхаи саволномаҳои МИКС оид ба Тоҷикистон дар Замимаи  F оварда шудааст.

1 Дар ҳамин ҳисобот навбат ба навбат истилоҳоти "кӯдакони то 5 сола", "кӯдакони аз 0-4 сола" ва "кӯдакони то 0-59 моҳа" истифода мешавад.

2 Намунаи саволномаи МИКС3-ро аз сайти www.childinfo.org. ё дар ЮНИСЕФ, 2006 пайдо кардан мумкин аст.

Ғайр аз паҳн намудани саволномаҳо, гурӯҳҳои (командаҳои) саҳроӣ намаке, ки барои тайёр кардани хӯрок дар хонаводаҳо истифода мебаранд, барои таъмини йод санҷиш гузарониданд, инчунин вазн ва қаду қомати кӯдакони то панҷсоларо чен карданд. Дар бораи ин ченкуниҳо дар фаслҳои дахлдори ҳисобот муфассал баён карда шудааст.

## Омӯзиш ва корҳои саҳроӣ

Омӯзиш оид ба масъалаҳои гузаронидани корҳо дар давоми 9 рӯз дар охири моҳи августи соли 2005 татбиқ карда шуд. Омӯзиш маърӯзаро оид ба техникаи гузаронидани пурсиш ва оид ба мазмуни саволномаҳо, ҳамчунин машғулияти амалӣ оид ба гузаронидани пурсишро бо мусоҳибон дар бар гирифт, то ки онҳо тартиби саволдиҳӣ ва саволгузориро омӯзанд. Муаллимон - омӯзгорон аз Хазинаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба аҳолӣ, "Мубориза ба муқобили гуруснагӣ", Агентӣ оид ба ёрирасонӣ дар ҳамкории техникӣ ва рушд ва ЮНИСЕФ оид ба масъалаҳои ба нақшагирии оила, антропометрия, истифодаи тӯр, ки ба воситаи доруҳои зидди ҳашароти зараррасон таҳия карда шуданд, саломатии модарон ва кӯдакон, ВНМО/АНМО ва намаки йоддор тавсияҳо доданд. Ғайр аз машғулияти аудиторӣ, иштироккунандагони МИКС3 дар давоми ду рӯз тарзи гузаронидани пурсишро дар шароити саҳро машқ карданд. Ниҳоят, дар охир бахшида ба масъалаҳо ва проблемаҳое, ки дар рафти корҳои саҳроӣ метавонанд дучор оянд, машғулиятҳо гузаронида шуданд.

Иштирокчиёне, ки роҳбари гурӯҳҳои саҳроӣ ва муҳаррирон таъин шуда буданд, як рӯзи иловагии таълимиро ба масъалаи роҳбарияти корҳои саҳроӣ ва таҳрири анкетаҳо-саволномаҳо бахшиданд. Иштирокчиён ҳамчунин пурсишҳои санҷишию озмоиширо дар шаҳру деҳоти ноҳияҳои наздики шаҳри Душанбе гузарониданд.

Дар ҷамъоварии маълумотҳо 14 гурӯҳ - команда иштирок карданд; ҳар кадом гурӯҳ 3 зани мусоҳиб - пурсанда, ронанда, як зани муҳаррир/ченкунанда ва роҳбари корҳои саҳроиро дар бар гирифт. Мутахассисони пешбари КДО ва ду ҳамоҳангсози корҳои саҳроӣ рафти корҳои саҳроиро ҳамоҳанг сохтанд ва назорат бурданд. Корҳои саҳроӣ дар оғози моҳи сентябр сар шуда, дар мобайни моҳи октябр ба поён расиданд.

## Коркарди маълумотҳо

Дувоздаҳ оператор оид ба дохил намудани маълумотҳо дар 12 компютерҳои фардӣ бо истифодаи таъмини барномаи CSPro машғул шуданд. Ҷиҳати таъмини назорати сифат, ҳамаи анкетаҳо ду борӣ ба компютер дохил карда шуданд ва аз тафтишу мӯътамадӣ гузаштанд. Тартибот ва барномаҳои меъёрӣ (стандартӣ), ки дар чорчӯбаи Лоиҳаи глобалии МИКС3 таҳия гардида, ба шароити Тоҷикистон мусоид карда шуда буданд, мунтазам истифода шуданд. Коркарди маълумотҳо дар як вақт бо ҷамъоварии маълумотҳо дар моҳи сентябри соли 2005 оғоз ва дар охири моҳи октябри соли 2005 ба поён расид. Таҳлили маълумотҳо бо истифодаи таъмини барномаи Покати Омории Илмҳои Иҷтимоӣ (ПОИИ) – тафсири 14, ҳамчунин модели синтаксисӣ ва нақшаҳои ҷадвалсозӣ, ки аз тарафи ЮНИСЕФ барои ҳамин таҳқиқот таҳия карда шуда буданд, гузаронида шуд.

# III. ФАРОГИРИИ ИНТИХОБ ВА ТАВСИФОТИ ХОНАВОДАҲО ВА ПУРСИДАШАВАНДАҲО (МУСОҲИБОН)

## Фарогирии интихоб

Аз шумораи умумии 6 968 хонавода, ки барои гузаронидани тадқиқот интихоб карда шудаанд, 6 961-тоаш маскунӣ буданд. Аз онҳо дар 6 684 хонавода пурсиш гузаронида шуд, дар ин маврид фоизи ҷавобдодаҳо 96 фоизро ташкил дод. Дар хонаводаҳои пурсидашуда 10 626 занон (синни 15-49) ошкор карда шуданд. Аз он ҷумла 10 243 нафарашон бомуваффақият пурсида шуданд, ки инчунин  96 фоизро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, дар саволномаҳои хонаводаҳо дар бораи 4 370 кӯдакони то панҷсола хотиррасон карда шуда буд. Саволномаҳо барои 4 273 кӯдакони зикршуда пур карда шуда буданд, ки 98 фоизи ҷавобҳоро ташкил медиҳад. Фоизи умумии ҷавобдодаҳо дар саволномаҳои барои занон ва кӯдакони то панҷсола 93 ва 94 фоизро ташкил медиҳад. (Ҷадвали НН.1).

Коэффитсиенти хонаводаҳои пурсидашуда дар деҳот зиёд буда, нисбат ба 94 фоизи шаҳрҷойҳо 97 фоизро ташкил медиҳад. Коэффитсиенти ҷавобдодаҳо дар шаҳри Душанбе нисбат ба дигар  минтақаҳо андаке кам аст. Ин мумкин аз он сабаб аст, ки пурсидашавандаҳое, ки дар пойтахт сукунат мекунанд, ба кор машғуланд. Сатҳи аз ҳама камтарини ҷавобҳо (88 фоиз) дар ВМКБ қайд карда шудааст, ки ин тааҷҷубовар аст, қайд кардан ҷоиз аст, ки сокинони ин минтақа бо меҳмондории худ фахр мекунанд. Хушбахтона, бо нав кардани рӯйхати хонаводаҳо дар   байни шумораи хонаводаҳои интихобкардашуда ва хонаводаҳои маскунӣ  қариб фарқият вуҷуд надорад.

## Тавсифоти хонаводаҳо

Тақсими аҳолӣ дар чорчӯбаи таҳқиқот аз рӯи ҷинсият ва синну сол дар ҷадвали НН.1. оварда мешавад. Ин тақсимот низ барои сохтани пирамидаҳо (аҳром) дар расми НН.1. истифода шудааст. Дар 6 684 хонаводаи дар рафти тадқиқот бомуваффақият пурсидашуда 41 695 аъзои хонаводаҳо ба қайд гирифта шуд. Аз он ҷумла 20 919 мардон ва 20 776 занон ба қайд гирифта шуданд. Ин рақамҳое, ки дар рафти гузаронидани тадқиқот гирифта шудаанд, дар ҳаҷми миёнаи хонаводаҳое, ки 6.2 нафарро ташкил медиҳад, низ нишон дода мешаванд.

Тақсимоти аҳолии пурсидашуда аз рӯи ҷинсият ва синну сол бо маълумотҳои барӯйхатгирии соли 2000-ум гузаронидашуда мувофиқат мекунад. Ҳиссаи аҳолии гурӯҳҳои синну соли 5-19, ки аз ҳама зиёд мебошад ва бо масофаи ҳар панҷсола кам шуда меравад. Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳақиқат “ҷавон” аст; дар чунин маврид синну соли миёнаи

аҳолӣ 20 сол аст (зеро ними аҳолии мамлакат аз 20 сола поён аст). Индекси пиршавӣ[3] мувофиқи натиҷаҳои тадқиқот 0,1 фоизро ташкил медиҳад, ки ин мисли натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ мебошад. Тақсими синну сол танҳо дар як сол (ҷадвали DQ.1 ва расми DQ.1 дар Замимаи D) камшавии доимии ҳаҷми аҳолиро ҳар сол баъди 20 солагӣ нишон медиҳад. Камшавии ночизе ҳиссаи аҳолии гурӯҳи аз 0 то 4 сола нисбат ба 15 соли гузашта мушоҳида мешавад. Таносуби мардон ва занон фарқияти сустро дар ҳар кадом гурӯҳҳои синну соли мушоҳидашаванда инъикос менамояд.

Коэффитсиенти умумии вобастагӣ[4] 73 фоизро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки гурӯҳи аз 0 то 14 сола 38 фоизи ҳамаи аҳолиро ташкил менамояд, дар айни замон аҳолии синни 65 сола ва калонсолтар 4 фоизро ташкил мекунад. Аҳолии фаъоли иктисодӣ (15-64 сола) 58 фоизи аҳолии умумиро ташкил медиҳад.

Расми НН.1: Тақсимоти аҳолии хонаводаҳо аз рӯи синну сол ва ҷинсият, Тоҷикистон, 2005




Ба сифати мисол сифати ҳисоботи синну солӣ дар ҷадвали DQ.6 (Замимаи D) фоизи маълумотҳои дастнорас нишон дода шудааст. Дар бораи қариб ҳамаи аҳолии тадкикшаванда маълумот ҷамъоварӣ карда шудааст. Аз ҳамаи занони пурсидашуда дар бораи санаи таваллуди онҳо (ин ҷо моҳ ва соли таваллуд дар назар аст) маълумот ҷамъоварӣ карда шуд ва камтар аз 0,5 фоизи занон моҳу соли аниқи таваллуди худро нагуфтаанд. Барои муқоиса, дар бораи санаи таваллуди (моҳу соли таваллуд) қариб ҳар кӯдаки то панҷсола маълумоти пурра ҷамъоварӣ карда шуд.

3 Ҳиссаи аҳолии синни 60 сола ва калонсолтар ва аҳолии гурӯҳи синну соли 0-19 сола мебошад.

4 Коэффитсиенти вобастаи синнусолӣ ин фоизи ашхоси синну солии вобаста (то 15 сола ва аз 64 сола калонсолтар нисбат ба ашхоси “қобили меҳнати иқтисодии” синни (аз 15 то 64 сола) мебошад.

Дар ҷадвали НН.3 дар бораи хонаводаҳо иттилооти асосӣ пешниҳод карда шудааст. Ҷадвал ҷинсияти сардори хонавода, маълумот дар бораи вилоят, шаҳр/деҳа ва шумораи аъзои хонаводаро нишон медиҳад. Ин тавсифоти асосӣ низ дар ҷадвалҳои минбаъдаи ҳамин ҳисобот, истифода бурда шудаанд. Ғайр аз ин рақамҳо дар ҷадвали ба ҳамин монанд шумораи мушоҳидаҳо оид ба категорияҳои асосии таҳлили ҳисобот нишон дода мешаванд.

Шумораи хонаводаҳои санҷидашуда ва носанҷида баробар аст, зеро аҳамияти интихоб ба меъёр (стандарт) даровaрда шудааст (ниг. Замимаи А). Ҷадвали НН.3 низ ҳиссаи хонаводаҳоро нишон медиҳад. Дар он ҷо як зани 15-49 сола ба ҳисоби миёна як кӯдаки аз 18 сола хурд, як кӯдаки аз панҷсола хурд дорад.

Гарчанде тадқиқот кӯшидааст қариб андозаи баробари интихобро дар панҷ минтақа таъмин намояд, мушоҳида кардан мумкин аст, ки шумораи хонаводаҳои санҷидашуда ва носанҷида дар ҳар кадоми аз панҷ минтақа хеле фарқ мекунад. Ба ҳамин тартиб, барои ҳамаи минтақаҳои мушоҳидашаванда маълумотҳо гирифта шуданд, дертар бошад, бо истифодаи интихоби санҷидашуда ин модел ба маълумотҳои барӯйхатгирии соли 2000 мусоид карда шуд.

Қариб 67 фоизи хонаводаҳо дар деҳот зиндагӣ мекунанд, бақияи хонаводаҳо дар шаҳрҷойҳо сукунат доранд. Тақсимоти минтақавии хонаводаҳо ба маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ мувофиқат мекунанд. Вилояти Суғд ва вилояти Хатлон – минтақаҳое мебошанд, ки қисми зиёди хонаводаҳо дар онҳо ҷой гирифтаанд; онҳо тақрибан аз се ду қисми шумораи умумиро ташкил медиҳанд. Қариб 11 фоизи хонаводаҳо дар пойтахт ҷой гирифтаанд, шумораи ками хонаводаҳо (3 фоиз) дар ВМКБ қарор дорад. Дар бештари хонаводаҳо сардор мард мебошад.

Тақсимоти хонаводаҳо аз рӯи андоза нишон медиҳад, ки қариб аз се ду қисми хонаводаҳо аз 4-7 аъзои хонавода иборат аст. Дар Тоҷикистон хеле кам вомехӯрад, ки хонавода аз як нафар иборат бошад; чунин категорияи хонаводаҳо ҳамагӣ 3 фоиз аст. Дар 93 фоизи хонаводаҳо ба ҳисоби миёна як зани аз 15 то 49 сола сукунат дорад, дар 46 фоиз бошад, ба ҳисоби миёна як кӯдаки аз панҷсола хурд мавҷуд аст. Аз 10 хонавода дар 9-тоаш ба ҳисоби миёна як кӯдаки то 18 сола зиндагӣ мекунад.

## Тавсифоти пурсидашавандаҳо - мусоҳибон

Ҷадвалҳои НН.4 ва НН.5 дар бораи тавсифоти асосии занон - мусоҳибони 15-49 сола ва кӯдакони то панҷсола иттилоот пешниҳод мекунанд. Дар ҳар ду ҷадвал шумораи умумии мушоҳидаҳои санҷидашуда ва носанҷида якхел аст, зеро аҳамияти интихоб ба меъёр (стандарт) мутобиқ карда шудааст. Ғайр аз пешниҳоди иттилооти муфид, дар бораи хусусиятҳои асосии занон ва кӯдакон, ҷадвалҳо шумораи мушоҳидаҳоро низ дар ҳар кадом категория нишон медиҳанд. Ин категорияҳо минбаъд дар ҷадвалҳои ҳамин ҳисобот истифода карда мешаванд.

Ба ҳамин монанд навиштаҷоти тавсифоти асосии хонаводаҳо, шумораи санҷидашуда ва носанҷидаи занон ва кӯдакони то панҷсола дар минтақаҳо ба сабаби тақсимоти баробар аз рӯи панҷ минтақа фарқ мекунад. Истифодаи интихоби санҷидашуда имконият дод, ки модел ба маълумотҳои барӯйхатгирӣ мусоид гардонида шавад.

Ҷадвали НН.4 хусусиятҳои асосии занон-мусоҳибони 15-49 соларо нишон медиҳад. Ҷадвал иттилоотро дар бораи тақсимоти занон дар минтақаҳо, шаҳру деҳот, синну сол, вазъи иҷтимоӣ, мавҷудияти кӯдакон, саводнокӣ[5] ва бо квантил (андозаи хурдтарин) нишондиҳандаи некӯаҳволиро дар бар мегирад.[6]

Бештари занони 15-49 сола дар вилоятҳои Хатлону Суғд (мутобиқан, 34 фоиз ва 32 фоиз) зиндагӣ мекунанд. 23 фоиз дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 9 фоиз дар шаҳри Душанбе ва танҳо 3 фоиз дар ВМКБ зиндагӣ мекунанд. Тақсимоти хонаводаҳо аз рӯи раванди шаҳр-деҳ ба таври зайл дида мешавад: 72 фоизи занон дар деҳот ва 28 фоиз дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд. Ин маълумотҳо ба маълумотҳои барӯйхатгирӣ мувофиқат мекунанд, бинобар ин, ғайричашмдошт намебошанд.

Фоизи аз ҳама зиёд (24 фоиз) ба гурӯҳи занони 15-19 солаи наврасон тааллуқ дорад. Дар ҳар кадом категорияи минбаъдаи синну сол ҳиссаи занон тез кам мешавад. Ҳиссаи занони ба камол расидаи 40-44 ва 45-49 сола хеле кам, мутобиқан, 11 фоиз ва 8 фоизро ташкил медиҳад.

Дар айни замон қариб аз се ду қисми занони интихоби мазкур шавҳар доранд ё бо иттифоқии мард зиндагӣ мекунанд. Гуфтан мумкин аст, ки 34 фоизашон ҳеҷ вақт шавҳар накардаанд. Тақсимот аз рӯи мавҷудияти кӯдакон чунин аст: нисбат ба 39 фоизи заноне, ки ҳеҷ вақт таваллуд накардаанд, 61 фоизи занон кӯдак доранд. Зиёда аз нисфи занони интихоби мазкур мактаби миёнаро хатм кардаанд, 31 фоизашон бошад, ба мактаби миёна рафтаанду онро хатм накардаанд. Бинобар ин, ҳиссаи занони бо таҳсилоти олӣ начандон зиёд ва ҳамагӣ 6 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлили иловагӣ, ки дар ҷадвали зер оварда шудааст, аз вобастагии хеле зиёди байни сатҳи таҳсилоти занон ва мақоми некӯаҳволии хонаводаҳо шаҳодат медиҳад. Ҳамагӣ як фоизи заноне, ки дар хонаводаҳои камбизоаттарин зиндагӣ мекунанд, таҳсилоти олӣ доранд, дар айни замон фоизи занони бо таҳсилоти олӣ, ки дар хонаводаҳои сарватманд зиндагӣ мекунанд қариб 20 фоизро ташкил медиҳад. Айнан ба ҳамин тартиб занони сокини шаҳрҳои ноҳиявӣ маъмулан бештар саводноканд; ҳиссаи занони таҳсилоти олӣ дошта

5 Дар ҳамин ҳисобот, агар ба шакли дигар ва мазмуни дигар нишон дода нашавад, "саводнокӣ" ба сатҳи саводнокии мусоҳиб ба сифати тағйирёбандаи асосӣ тааллуқ дорад. Ба ҳамин тартиб, агар таҳсилоти миёна (миёнаи хатмкарда/хатмнакарда) хотиррасон карда шавад, дар он сурат сухан дар бораи гирифтани сатҳи муайяни таҳсилот меравад.

6 Таҳлили қисматҳои асосӣ бо истифодаи иттилоот дар бораи моликияти ашёи зарурӣ ва маводи маишии (дороиҳои) хонавода гузаронда шуд. Ин имконият дод, ки ҳар кадоме аз дороии хонавода санҷида шавад ва дараҷаи некӯаҳволии ҳар кадом хонаводаи интихоб муайян карда шавад. Дороиҳое, ки дар ин ҳисобу китобҳо истифода шудаанд, аз ҷумла дар худ миқдори ҳуҷраҳои хоб ба оила, маводе, ки аз он фарши хона, бом ва девори хона сохта шудааст, мавҷуд будани телефон, яхдон, обгармкунаки барқӣ, курсиҳо, оина, мошинаи ҷомашӯӣ, чангкашак, видеоплеер, буфет, мебел, соат, велосипед, мототсикл / мопед, нақлиёти аспу ароба, автомобили сабукрав / боркаш, компютер ва трактору комбайнро дар бар гирифтаанд, Баъдан ҳар кадом хонавода аз рӯи шумораи аъзо санҷида шуд, шумораи умумии хонаводаҳо бошад, ба панҷ гурӯҳи баробар тақсим карда шуд – дар асоси дараҷаи некӯаҳволии хонавода, ки дар он зиндагӣ мекунанд, аз квантели хонаводаи камбизоаттарин то бойтарин ҷудо карда шуд. Тахмин меравад, ки индекси некӯаҳволиро некӯаҳволии дарозмуддат иттилооти дороиҳои хонаводаҳо муайян мекунад ва имкон медиҳад, ки вобаста ба некӯаҳволӣ аз квантили камбизоаттарин то ба квантили сармоядортарин тасниф карда шавад. Аммо индекси некӯаҳволӣ дар бораи камбизоатии мутлақ, даромади ҷорӣ ва сатҳи хароҷот иттилоот намедиҳад, дараҷаи некӯаҳволӣ бошад, танҳо ба маълумотҳои муайян, ки вай асос ёфтаст, ҷорӣ ва қабул карда шудааст. Барои гирифтани иттилооти иловагӣ дар бораи ҳисобу китоби индекси некӯаҳволӣ ба Рутшайна ва Ҷонсон (соли 2004) ва Филмера ва Притчета (соли 2001) нигаред.

дар шаҳрҷойҳо нисбат ба занони дорои таҳсилоти олии дар деҳоти ноҳияҳо сокинбуда шаш баробар зиёд аст.

Ҷадвали 1. Сатҳи саводнокии занон мутобиқи сатҳи хонаводаҳои сарватманд ва ҳудуди истиқоматӣ

| Таҳсилоти занон | Квинтели нишондиҳандаи некӯаҳволӣ | | | | | Маҳалли сукунат | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Қашшоқтарин | Дуввум | Миёна | Чорум | Бойтарин | Шаҳр | Деҳ |
| Таҳсилот надоранд | 3,1 | 2,0 | 1,4 | 0,9 | 0,6 | 1,4 | 1,6 |
| Ибтидоӣ | 3,7 | 3,6 | 2,5 | 2,3 | 1,2 | 2,3 | 2,7 |
| Миёнаи нотамом | 34,8 | 35,6 | 32,9 | 29,7 | 21,5 | 25,0 | 32,9 |
| Миёнаро хатм кардаст | 56,0 | 53,8 | 55,2 | 52,0 | 44,1 | 44,6 | 55,0 |
| Миёнаи махсус | 1,4 | 3,9 | 6,2 | 9,4 | 12,6 | 11,4 | 5,1 |
| Таҳсилоти олӣ | 1,0 | 1,1 | 1,8 | 5,8 | 19,9 | 15,2 | 2,6 |
| ҲАМАГӢ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

Эзоҳот: Рақамҳои “таҳсилоти ғайристандартӣ”, “маълумот нест” ва “намедонам” бо назардошти шумораи ками ҳодисаҳо нишон дода нашудаанд.

Сатҳи саводнокӣ ба гурӯҳҳои зайл ҷудо карда мешавад: таҳсил накардааст, барномаи ғайристандартии таҳсилот, ибтидоӣ (синфҳои 1-4), миёнаи нопурра (синфи 9 ва поёнтар), миёнаро хатм кардааст (синфҳои 9-10), миёнаи махсус (омӯзишгоҳи махсус гардонидашуда, касбӣ-техникӣ ва техникӣ бо барномаи 2-3 солаи таҳсилот) ва олӣ. Бо назардошти шумораи ками одамоне, ки бо барномаи ғайристандартӣ таҳсил кардаанд, ҳодисаи “маълумот мавҷуд нест” ва “намедонам” дар бештари ҷадвалҳои таҳлилӣ пешниҳод нашудаанд.

Аз рӯи индекси некӯаҳволӣ он чизе, ки ба квантил дахл дорад, ҳиссаи занони аз 18 фоиз истиқоматкунандаҳои хонаводаҳои қашшоқтарин то ба 21 фоиз занони истиқоматкунандаҳои хонаводаҳои сарватмандтарин меафзояд. Гурӯҳи аз ҳама зиёдро заноне ташкил медиҳанд, ки забони модариашон тоҷикӣ мебошад, қариб чоряки занон дар хонаводаҳое зиндагӣ мекунанд, ки забони модариашон ӯзбекӣ мебошад, дар чунин ҳолат, бақияи гурӯҳҳои забонӣ камтар аз ду фоизро ташкил медиҳад.

Тавсифоти асосии кӯдакони то панҷсола дар ҷадвали HH.5 оварда шудааст, ки классификатсияи кӯдаконро аз рӯи якчанд хусусият дар бар мегирад: ҷинсият, минтақа ва ҳудуди зиндагӣ, синну сол, таҳсилоти модарон ё мураббиён ва некӯаҳволӣ.

Ҳиссаи писарбачаҳо ва духтарбачаҳои то панҷсола қариб як хел аст. Бештари кӯдаконе, ки дар вилояти Хатлон зиндагӣ мекунанд 40 фоиз ва дар деҳот 74 фоизро ташкил медиҳанд.

Гурӯҳҳои аз ҳама хурдтарини интихоб кӯдакони синни 0-5 ва 6-11 моҳа мутобиқан, 9 фоиз ва 10 фоиз пешниҳод карда шудаанд. Фоизи кӯдакони нисбатан калонсол мутаносибан бештар - қариб 20 фоизи ҳар кадом гурӯҳи синну солро ташкил медиҳад. Тақсимоти кӯдакони то панҷсола вобаста ба сатҳи саводнокии модар ба хусусияти дараҷаи таҳсилоти занони интихобии мазкур мувофиқат мекунад. Ҳиссаи модароне, ки ба мактаби миёна рафтаанд, низ аз ҳама зиёд аст: 57 фоизи модарон таҳсилоти хатмкардаи миёна доранд, 25 фоизи онҳо ин таҳсилотро надоранд. Ҳамагӣ 5 фоизи кӯдакони синни 0-59 моҳа мода-

ри дорои таҳсилоти олӣ доранд. Сатҳи саводнокии мураббиён дар он ҳолате ба эътибор гирифта шудааст, ки модарон дар хонаводаҳо зиндагӣ намекарданд.

Ҳиссаи кӯдаконе, ки аз рӯи забони модарии сардори хонавода тақсим карда шудаанд, мисли хонаводаҳое мебошад, ки дар интихоби занон оварда шудааст; бештари кӯдакон (72 фоиз) дар хонаводаҳое зиндагӣ мекунанд, ки забони модариашон тоҷикӣ мебошад.

# IV. ФАВТИ КӮДАКОН

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола (МРҲ) ва Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқи (ДҲТМ) паст кардани сатҳи фавти кӯдакони навзод ва кӯдакони то 5 сола мебошад. Масалан, дар давраи байни соли 1990 ва соли 2015 Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола ба кам кардани аз се ду ҳиссаи фавти кӯдакон даъват мекунанд. Мушоҳидаи тадбиқи ин мақсад хеле муҳим аст, вале вазифаи мушкил мебошад. Масалан, кӯшиш карда мустақиман чунин савол додан «Оё дар оилаи Шумо дар соли гузашта касе фавт кард?», натиҷаи аниқ намедиҳад. Истифодаи усулҳои мустақими ченаки фавти кӯдакон аз рӯи таърихи рӯзи таваллудҳо ҳаҷман чорабинии меҳнатталаб ва қимат мебошад ва нисбат ба омӯзиши роҳбарият ба мусоҳибон - ҷавобдиҳандаҳо диққати ҷиддиро талаб мекунад. Бинобар ин, зарурат пеш омад, ки усулҳои ғайримустақими ченкунии фавти кӯдакон ихтироъ карда шаванд, натиҷаҳоро бо маълумотҳое, ки аз дигар манбаҳо гирифта шудаанд муқоиса кардан мумкин аст. «Усулҳои ғайримустақим» низ хавфи ҳадди ақали фаромӯшхотирӣ, мафҳумҳои муайяни ноаниқ ва нодуруст ва техникаи сусти мусоҳибагузарониро ҷамъбаст мекунанд.

Сатҳи фавти кӯдакони навзод ин эҳтимолияти фавт то рӯзи аввали таваллуд мебошад. Сатҳи фавти то панҷсолагӣ ин эҳтимолияти фавт то саршавии синни панҷсолагӣ аст. Дар тадқиқоти МИКС фавти кӯдакони навзод ва фавти кӯдакони то панҷсола бо истифодаи техникаи ғайримустақими баҳодиҳӣ ҳисоб карда шуданд; ин усул Брасса ном дорад (Созмони Миллали Муттаҳид, 1983, 1990 a, 1990 б). Маълумотҳое, ки ҳангоми баҳогузорӣ истифода шуданд, ин шумораи миёнаи кӯдаконе мебошад, ки занони 15-49 сола таваллуд кардаанд (ба гурӯҳҳои синну сол аз рӯи ҳар панҷ сол ҷудо кардашуда) ва фоизи кӯдакони фавтида мебошад. Усули мазкур дар эҳтимолияти фавт бо назардошти хавфи фавт, ки кӯдакон дучор шудаанд, масалан, ҳангоми чараёне, ки кӯдак ба хавфи фавт гирифтор шудааст, ин рақамҳоро табдил медиҳад. Дар бораи сатҳи фавт дар Тоҷикистон ба иттилооти пешакӣ такя карда шудааст, ин бештар маъқул аст, барои Шарқ намунаи ҷадвали фавт интихоб карда шуд.

Дар ҷадвали CM.1 баҳогузории фавти кӯдакон вобаста ба тавсифоти фоновӣ пешниҳод карда шудааст. Дар ҷадвали CM 2 бошад, маълумотҳои аввалин, ки ҳангоми ҳисобкунии сатҳи фавт дар мамлакат истифода шудаанд, оварда мешаванд. Сатҳи фавти кӯдакони навзод ба 1000 зинда таваллудшуда 65 фавт баҳо дода мешавад, дар ҳоле ки эҳтимолияти фавти кӯдакони то панҷсола (ФКТ 5) қариб ба 1000 зинда таваллудшуда 79 фавтро ташкил медиҳад. Ин маълумотҳо бо роҳи ҳисоббарории аҳамияти миёна дар асоси маълумотҳое, ки занони 20-24 ва 25-29 сола пешниҳод карданду ба миёнаи соли 2003 тааллуқ доранд, гирифта шуда буданд.

Аз рӯи ҳар ду нишондиҳанда сатҳи эҳтимоли фавт нисбат ба духтарбачаҳо дар байни писарбачаҳо 75, дар байни духтарбачаҳо бошад 54 фавт мебошад. Ҳамчунин, сатҳи фавти писарбачаҳои панҷсола 92 ва барои духтарбачаҳо 66 фавтро ташкил медиҳад.

Дар тақсимот аз рӯи минтақаҳо, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи пасттарини фавти кӯдакони навзод ва эҳтимолияти фавти кӯдакони то панҷсола дар шаҳри Душанбе мушоҳида мешавад, дар айни замон ин нишондиҳандаҳо дар вилояти Хатлон нисбат ба ҳисоби миёнаи мамлакат хеле баланданд.

Ҳамчунин дар сатҳи фавт бо назардошти сатҳи саводнокии модар ва некӯаҳволии оилаҳо фарқияти зиёде вуҷуд дорад. Чӣ қадаре ки дараҷаи саводнокии модарон баланд бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти фавт дар байни кӯдакон кам аст. Сатҳи фавт дар байни кӯдаконе, ки модаронашон савод надоранд ва ё таҳсилоти ибтидоӣ доранд нисбат ба он кӯдаконе, ки модаронашон ба сатҳи баланди таҳсилот комёбанд, 6-7 баробар зиёд аст. Масалан, эҳтимолияти фавти байни кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои сарватмандтарин (40 фоиз) зиндагӣ мекунанд, нисбат ба мамлакат умуман се баробар кам аст. Фарқият дар сатҳи фавти байни кӯдакони то 5 сола вобаста ба хусусиятҳои асосӣ дар расми СМ.1. нишон дода шудаанд.

Расми СМ.1: Коэфитсиентҳои фавти кӯдакони то панҷсола вобаста ба тавсифоти аввалия




Дар расми СМ. 2 хулосаи маълумотҳо оид ба фавти кӯдакон дар асоси маълумотҳои дар натиҷаи Тадқиқоти Сатҳи Зиндагии Аҳолӣ (ТСЗА), маълумотҳои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумотҳои МИКС дар солҳои 2000 ва 2005 гирифташуда пешниҳод карда шудаанд.

Расми СМ.2:Тамоюлоти фавти кӯдакони навзод, Тоҷикистон, 2005




Тамоюлоти фавти кӯдакон нисбат ба аҳамияти фавти кӯдакони то панҷсола ба баъзе беҳбудиҳо нишон медиҳанд, ки аз 89 ва 126 (МИКС 2000) то ба 65 ва 79 фоиз мутобиқан ба 1000 фавт кам шудааст. (ниг. ба СМ.2.а).

Расми СМ.2.а; Тамоюлоти фавти кӯдакон мутобиқи МИКС, 2000-2005




Бо вуҷуди ин, ин аҳамиятҳо ҳанӯз ҳам хеле баланданд ва аз рақамҳои расмии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле фарқ мекунанд. Мувофиқи МИКС сатҳи фавти кӯдакони навзод нисбат ба маълумотҳои расмӣ хеле баланд аст, ба 1000 кӯдаки навзод дар соли 2001-ум 27,5 дар соли 2000-ум 17,2 ва дар солҳои 2003 ва 2004-ум 13,5 фавтро ташкил кардааст. Ин фарқият метавонад қисман ба муносибатҳои гуногуни методологӣ мусоидат кунад; Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянкунии сатҳи фавти кӯдакони навзоди замони Шӯравиро истифода мебарад, кӯдакон бо вазни аз 999 грамм камтар, кӯдакони навзоди таваллудаш то 28 моҳагии ҳомилагӣ ва кӯдаконе, ки ғайр аз нафаскашӣ дигар аломати ҳаётро зоҳир намекунанд, ҳамчун тифлони зинда таваллудшуда ба ҳисоб намегирад. Ин фарқият мумкин аст ба сатҳи пасти бақайдгирии таваллуд, махсусан дар давоми шаш моҳи аввали ҳаёти кӯдак низ сабаб шуда бошад (Алёшина ва Родмонд: с. 2003).

Дар айни замон мувофиқи баҳои МИКС 2005 сатҳи фавти кӯдакони навзод ба натиҷаҳои Тадқиқоти Сатҳи Зиндагии Тоҷикистон (ТСЗТ) мувофиқат мекунад. Вай ба 1000 кӯдаки зинда таваллудшуда (35 фоиз бо масофаи боварӣ ба 65-92) 72 фавтро ташкил дод. Тадқиқот сабабҳои асосии фавти кӯдакони навзодро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004 гузаронида шуда буд,[7] тахмин мекунад, ки дар давраи аз соли 1998 то соли 2002 сатҳи фавти кӯдакони навзод дар чор минтақаи тадқиқшудаи мамлакат аз 58 (вилояти Суғд, НТҶ) то ба 103 (шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон) фарқ кард. Ҳисоботи ЮНИСЕФ «Вазъияти кӯдакон дар ҷаҳон, с.2006» сатҳи фавти кӯдакони навзоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба 91 фавт баҳо медиҳад.

Маълумотҳои номувофиқи маълуми миллиро ба назар гирифта (ҳисоботи нопурраи маълумотҳои муҳимтарини оморӣ), Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) (Аврупо) сатҳи фавти кӯдакони навзодро дар Тоҷикистон тақрибан ба 1000 кӯдаки зинда таваллудшуда дар соли 2001-ум 86 фавт ва дар соли 2002-ум 63 фавт баҳо медиҳанд.

Омӯзиши минбаъда ин пастравии маълум ва фарқият, ҳамчунин сабаби онҳо таҳлили бештар муфассал ва ҷудогонаро тақозо мекунанд.

7 Бо истифодаи мутобиқшавии протоколҳои меъёрии (стандартии) сабти лафзии аудиоии Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ).

# V. ҒИЗО

## Ҳолати ғизо

Ҳолати ғизои занон инъикоси ҳолати умумии саломатии онҳо мебошад. Ҳангоме ки кӯдакон ба ғизои мӯътадил дастрас мешаванд, онҳо ба бемориҳои доимӣ мубтало намебошанд ва аз нигоҳубини хуб бархӯрдоранд. Вақте ки онҳо ба қаду қомати иқтидорӣ мерасанд, дар он сурат ҳолати ғизои онҳо мӯътадил ҳисобида мешавад.

Зиёда аз нисфи ҳамаи кӯдакон дар ҷаҳон аз серӣ истеъмол накардани ғизо мемиранд. Кӯдаконе, ки аз серӣ истеъмол накардани ғизо азият мекашанд, бештар аз касалиҳои паҳншудаи бачагона мемиранд. Касе, ки зинда монд аз бемориҳои доимӣ ва таваққуфи афзоиши қад азият мекашад. Аз чор се қисми кӯдаконе, ки аз беморӣ мемиранд ба серӣ истеъмол накардани ғизо вобаста аст, аз серӣ истеъмол накардани ғизои мӯътадил ё сабук азият кашидаанд ва аломатҳои берунии кашшоқиро зоҳир накардаанд. Вазифаи Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола (МРҲ) аз кам кардани шумораи одамоне, ки аз гуруснагӣ дар нимаи давраи солҳои 1990-2015 азият мекашанд, иборат аст. Мақсади «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) аз он иборат аст, ки ба сатҳи серӣ истеъмол накардани ғизои байни кӯдакони то панҷсоларо то андозае аз се як ҳисса дар давраи аз солҳои 2000 то 2010 кам кунад, ба кӯдакони синни то дусола диққати махсус диҳад. Паст кардани сатҳи серӣ истеъмол накардани ғизо дар муваффақ шудан ба паст кардани сатҳи фавти кӯдакон кӯмак мерасонад.

Ҳангоми ба сатҳи мӯътадил ғизо истеъмол кардани аҳолӣ меъёрҳои муқоисавии инкишофи қад ва вазни кӯдакони то панҷсола вуҷуд доранд. Серӣ истеъмол накардани ғизои аҳолиро бо қисми кӯдакони муқоисашавандаи аҳолӣ муқоиса карда, чен кардан мумкин аст. Қисми муқоисашаванда, ки дар ҳамин ҳисобот истифода шудааст, ин меъёри тафсиякардаи ТУТ/ММҲС (Мақсади миллии ҳифзи саломатӣ) барои истифодаи ЮНИСЕФ ва ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) мебошад. Ҳар кадоме аз нишондиҳандаи ҳолати ғизо метавонад дар баҳогузории калавишҳои стандартии (модели Z) аз бузургии - ҳадди миёна қисми муқоисашаванда ифода ёбад.

Вазни синну сол ин усули ченаки чӣ бениҳоят кам ва чӣ ба таври доимӣ серӣ истеъмол накардани ғизо мебошад. Кӯдаконе, ки вазни синну солашон ду бал аз ҳадди-бузургии миёна кам аст, аз *мӯътадил ё бениҳоят нарасидани вазни бадан* азият мекашанд, дар ин ҳолат кӯдаконе, ки вазни синну солашон аз бузургии миёнаи қисми муқоисашванда се бал кам аст, аз *бениҳоят нарасидани вазни бадан* азияткашида ҳисобида мешаванд.

Қаду қомати синну сол ин усули ченаки қади хаттӣ мебошад. Кӯдаконе, ки қади синну солашон ду балли меъёрӣ (стандартӣ) аз бузургии миёна кам бошад, барои синну соли худашон кам ҳисобида мешавад ва ҳамчун мӯътадил ё хеле камафзоиш - кӯтоҳқад тасниф мешаванд. Он кӯдаконе, ки қади синну солӣ аз бузургии миёнаи муқоисашавандаи қисм се балли меъёрӣ (стандартӣ) кам бошад, дар он сурат хеле пастқомат ҳисобида мешавад. Дар натиҷаи мавҷуд набудани комилан мувофиқу якхелаи ғизо дар давоми

давраи тӯлонӣ ё бемориҳои давомдор қомати паст инъикоси доимии серӣ истеъмол накардани ғизо мебошад.

Ва дар охир, кӯдаконе, ки таносуби вазн ва қадашон аз бузургии миёнаи қисми муқоисашаванда ду балли стандартӣ кам бошад, *харобу лоғари мӯътадил ё бисёр хароб* ҳисобида мешаванд, дар он сурат он касе, ки аз бузургии миёна се балл боқӣ мемонад, *бисёр харобу лоғар* ҳисобида мешавад. Харобу лоғарӣ маъмулан натиҷаи камии тӯлонии гузаштаи ғизо мебошад. Ин нишондиҳанда метавонад ба таври назаррас ба тағйироти мавсимӣ гирифтор кунад, ин ба мавҷудияти озуқа ё ба касалӣ мубтало будан вобаста аст.

Аз дигар тараф, кӯдаконе, ки таносуби вазн ва қадашон аз бузургии ҳадди миёна ду ва ё се зиёдтар балли меъёрӣ (стандартӣ) зиёд аст, мӯътадил ё бисёр фарбеҳ ҳисобида мешаванд. Фарбеҳӣ бештар натиҷаи хӯроки ғайри муносибу даркорӣ (истеъмоли мӯътадили сафедаҳо, меваҳо ва сабзавот ва ба таври фаровон истеъмол кардани равғану қанд) мебошад ва дар худ омили хавфнокро зоҳир мекунад, дар оянда дар ба вуҷуд омадани касалиҳои доимӣ, аз қабили касалии системаи дилу рагҳо ва касалии қанд сабаб мешавад.
Ғайр аз нишондиҳандаҳои МИКС, ки дар боло оварда шуданд, боз ду нишондиҳандаи иловагии ҳолати ғизо - мудаввари қисми шонаи даст (МҚШД) ва мавҷудияти варамҳо баҳо дода шуданд. Ин нишондиҳандаҳо бо мақсади санҷишу тафтиш барои мавҷудияти «бағоят серӣ истеъмол накардани глобалии ғизо»-и кӯдакони 12-59 моҳа (ки аз рӯи таносуби вазн ва қад аз бузургии миёнаи қисми муқоисашаванда ба андозаи ду балли меъёрӣ (стандартӣ) кам, мудаввари қисми шонаи даст (МҚШД) аз 12,5 сантиметр кам ё аз рӯи мавҷудияти варамҳо муайян карда шудаанд), ҷорӣ карда шуданд.

Дар Тоҷикистон вазн ва қади ҳамаи кӯдакони то панҷсола бо истифодаи дастгоҳи ченкунии қаду қомат (антропометрия), ки ЮНИСЕФ тавсия кардааст, чен карда шуданд. Ғайр ин, барои чен кардани бағоят серӣ истеъмол накардани глобалии ғизо МҚШД чен карда шуданд. Дар баҳогузории ҳолати ғизои кӯдак детерминантҳои зерин истифода карда шуданд: қад (бо сантиметр), вазн (бо килограмм), синну сол (бо моҳ), мудаввари қисми шонаи даст (бо сантиметр) ва ҷинсияти кӯдак.

Дар Ҷадвали NU.1 фоизи кӯдаконе, ки аз навиштаҳои категорияҳои серӣ истеъмол накардани ғизо оид ба ҳар кадомашон таснифот дода шудааст, дар асоси ченкунии қаду андом (антропометрӣ), ки дар рафти гузаронидани корҳои саҳроӣ гузаронида шудаанд, нишон дода шудаанд. Ғайр аз ин, ҷадвал фоизи кӯдаконро бо вазни зиёд меоварад. Кӯдаконе, ки вазн ва қадашонро чен кардан муяссар нашуд, он нишондиҳандаҳо дар хориҷи тақсимоти дубора боқӣ монданд, ҳамчунин он кӯдаконе, ки санаи таваллудашон маълум нест, сарфи назар карда шуданд, ҳамин тартиб таҳлили мазкур тақрибан 5 фоизи пурсидашудаҳоро истисно мекунад.

Дар Тоҷикистон қариб 17 фоизи кӯдакони то панҷсола вазни синну соли мӯътадил ё ғайрикофӣ доранд; чор фоизи кӯдакон бошанд, аз камияти вазни модарзод азият мекашанд. Зиёда аз як чоряки кӯдакон (27 фоиз) қоматашон паст ё барои синну солашон хеле кам мебошад, 7 фоизи кӯдакон бошанд, аз харобию лоғарӣ ё бениҳоят харобӣ барои қадашон азоб мекашанд. Қариб 4 фоизи кӯдакон дар Тоҷикистон аз фарбеҳии вазни бадани худ азият мекашанд.

Расми NU.1: Фоизи кӯдакони то панҷсола, ки ғизои кофӣ истеъмол намекунанд, Тоҷикистон соли 2005




Дар вилояти Хатлон ва дар ВМКБ кӯдакон нисбат ба кӯдакони дигар минтақаҳо аз камии вазн ва қад бештар азият мекашанд, дар айни замон нишондиҳандаи аз ҳама каму паст дар шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудааст. Айнан чунин ҳолат нисбат ба харобию лоғарӣ ошкор карда шудааст.

Сатҳи камии вазн ва сатҳи харобию лоғарии байни писарбачаҳо ва духтарбачаҳо бо мавҷуд набудани фарқияти ҷиддӣ тавсиф карда мешавад, гарчанде дар байни писарбачаҳо бештар нисбат ба духтарбачаҳо пастқоматӣ дучор меоянд. Модели синнусолӣ нишон медиҳад, ки кӯдакони синни 12-23 моҳа аз ҳама зиёдтару бештар мутобиқи се нишондиҳандаи ҳолати ғизо нисбат ба кӯдакони синни хурд ва калонтар аз серӣ истеъмол накарадани ғизо азият мекашанд. (Расми NU.1).Ин модел пешгӯишаванда буда, ба синни бисёр кӯдаконе дахл дорад, ки синамаккониии онҳо қатъ мегардад ва ба микробҳое, ки дар об, маҳсулоти хӯрокворӣ ва муҳити зист мавҷуданд, мубтало мебошанд.

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ҳолати ғизои кӯдак аз бисёр ҷиҳат ба вазъияти моддии хонавода ва саводнокии модар вобаста аст. Аз рӯи ҳар кадом категорияи ченак-камии вазн, харобию лоғарӣ ва пастқоматӣ-нишондиҳанда барои кӯдакони хонаводаҳои камбизоаттарин ба таври назаррас аз аҳамияти миёнаи мамлакат хеле баланд аст. Ғайр аз ин, кӯдаконе, ки модаронашон таҳсилоти олӣ доранд, хеле кам аз камии ғизо азият мекашанд.

Дар Тоҷикистон қариб 11 фоизи кӯдакони аз 12 то 59 моҳа ба "ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо" мубтало мебошанд. (СИНҒ) (Ҷадвали NU.1.a). Фоизи аз ҳама зиёд дар байни кӯдаконе, ки дар вилояти Хатлон (14 фоиз) зиндагӣ мекунанд, ошкор карда шуд. Кӯдакони 12-23 моҳа бештар ба таври серӣ глобалӣ истеъмол накардани ғизо гирифторанд, гарчанде бо синну сол ин фоиз кам мешавад. Ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо дар байни кӯдакони хонаводаҳои қашшоқтарин (13 фоиз) нисбат ба кӯдакони хонаводаҳои сарватмандтарин (10 фоиз) бештар паҳн гаштааст.

## Синамакконӣ

Синамакконӣ дар соли аввали ҳаёт кӯдаконро аз ҳар гуна сироятҳо муҳофизат мекунад, бо манбаи идеалии моддаҳои ғизобахш, ки бехатарии иқтисодӣ мебошанд, таъмин менамояд. Мутаасифона, бештари модарон синамаккониро хеле барвақт қатъ мекунанд, бештар кӯдаконро маҷбур месозанд, ки ба ғизои кӯдакона, ки ба инкишофи қад монеъ мешаванд ва сабаби норасоии микроэлементҳо  мегарданд, гузаронанд.  Ғайр аз ин, чунин ғизоҳо дар тозагии обҳо бехавфу бехатар намебошанд.

Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ)/ЮНИСЕФ оид ба синамакконӣ тавсияҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- Синамакконии қатъию ҳатмӣ дар давоми шаш моҳи аввал.
- Ба таври мунтазам дар давоми ду сол ва бештар давом додани синамакконӣ
- Аз шашмоҳагӣ сар карда ҷорӣ намудани ғизодиҳии бехатар, муносиб ва кофӣ. Ғизодиҳии давра – ба даврагӣ: барои кӯдакони 6-8 моҳа дар як рӯз ду маротиба, барои кӯдакони 9-11 моҳа дар як рӯз се маротиба.

Ҳамчунин тавсия карда мешавад, ки дар давоми як соати баъди таваллуд синамакконӣ оғоз ёбад.

Нишондиҳандаҳое, ки таҷрибаи тавсияшудаи ғизои кӯдаконро дар худ дар бар мегиранд:

- Ба таври қатъӣ ва ҳатмӣ синамакконӣ (< 6 моҳ ва < 4 моҳ) ғизодиҳии саривақтӣ (6-9 моҳ)
- Синамакконии мунтазам – бе танаффус (12-15 ва 20-23 моҳ)
- Оғози саривақтии синамакконӣ ( дар давоми як соати баъди таваллуд) ғизодиҳии давра ба давра (6-11 моҳ)
- Мӯътадил фарбеҳ кардани кӯдаки навзод (0-11 моҳ)

Оғози барвақтии синамакконӣ омили муҳими ширдиҳӣ, таъсиси робитаи ҳузуру ҳаловати байни модар ва кӯдаки навзод мебошад. Дар ҷадвали NU.2 фоизи заноне, ки дар давоми соати баъди таваллуд ба кӯдакони навзоди худ синамаккониро оғоз мекунанд ва заноне, ки дар давоми як соати баъди таваллуд (аз ҷумлаи онҳо, касе ки дар давоми соати баъди таваллуд ба синамакконӣ сар кард) синамаккониро оғоз карданд, пешниҳод карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 61 фоизи заноне, ки дар ду соли охир то саршавии гузаронидани таҳқиқот таваллуд кардаанд, қайд кардаанд, ки дар давоми соати баъди таваллуд синамаккониро ба кӯдаки навзодашон сар кардаанд. Қариб 87 фоизи занон дар давоми як рӯзи баъди таваллуд синамаккониррo оғоз кардаанд. Ҳиссаи заноне, ки дар давоми як рӯз ба синамакконӣ сар кардаанд, дар ҳамаи минтақаҳо, чӣ дар шаҳрҳо ва чӣ дар деҳот баробар аст. Аз дигар  тараф, синамакконӣ дар давоми як соати баъди таваллуд дар минтақаҳо якхела нест: қариб ҳар кадом зани дуввум дар вилояти Хатлон дар давоми як соати баъди таваллуд синамаккониро сар кардааст, дар муқоиса бо вилояти Суғд ва ВМКБ ин нишондиҳанда аз чор  се ҳиссаи (77 фоизи) занонро ташкил медиҳад.

Расми NU.2 Фоизи модароне, ки дар давоми як соат ва як рӯзи баъди таваллуд синамаккониро оғоз кардаанд,Тоҷикистон,соли 2005




Дар ҷадвали NU.3. ҳолати синамакконӣ ба суханони модарон / мураббиён асоснок карда шудааст, зеро онҳо дар пурсиши гузашта ҷавоб доданд, ки кӯдак дар давоми 24 соат ба чӣ андоза ғизо ва нӯшокӣ истеъмол кард. *Синамакконӣ ба таври қатъӣ* ба он кӯдаконе дахл дорад, ки танҳо шири сина макидаанд (ҳамчунин витаминҳо, иловагии маъданӣ ва дору истеъмол кардаанд). Ҷадвали синамакконии қатъии кӯдакони навзодро дар давоми шаш моҳи аввал (ба таври ҷудогона барои 0-3 моҳа ва 0-5 моҳа), ҳамчунин ғизодиҳӣ барои кӯдакони 6-9 моҳа ва синамакконии мунтазам барои кӯдакони 12-15 ва 20-23 моҳаро нишон медиҳад.

Дар Тоҷикистон қариб чоряки кӯдакони аз шашмоҳа хурд, қатъӣ дар ҳолати синамакконӣ қарор доранд; ин аз сатҳи тавсия кардашуда хеле кам аст. Писарбачаҳо нисбат ба духтарбачаҳо дар синамаккии қатъӣ қарор доранд, ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд (45 фоиз) ва дар ВМКБ (51 фоиз) ба қайд гирифта шудааст.

Дар 6-9 моҳагӣ 15 фоизи кӯдакон шири сина мемаканд, ғизои сахт ё моеъ истеъмол мекунанд. Дар 12-15 моҳагӣ аз чор се ҳиссаи модарон синамаккониро давом медиҳанд, дар синни 20-23 моҳагӣ бошад, ҳиссаи онҳо аз се як ҳиссаи кӯдаконро ташкил медиҳад. Писарбачаҳо, кӯдакон дар ВМКБ, ҳамчунин кӯдакони хонаводаҳои қашшоқ дар синамаккии давомдор қарор доранд.

Расми NU.3 вазъияти муфассали синамакконии кӯдаконро аз рӯи моҳҳо пешниҳод менамояд. Ҳатто бисёрии кӯдакон ғайр аз шири сина аз синни барвақтӣ ба истеъмоли ғизо ё ошомиданӣ сар мекунанд. Қариб нисфи кӯдакони 0-1 моҳа дар синамаккии қатъӣ қарор доранд; ин ҳиссаи кӯдаконе, ки дар синамаккии қатъӣ қарор доранд, якбора кам шуда меравад ва оқибат дар охири моҳи ҳафтум то ба 3 фоиз кам мешавад. Қариб 13 фоизи кӯдакон баъди ду сол ҳам шири сина мемаканд.

Расми NU.3 Ғизодиҳии кӯдакони навзод вобаста ба синн: тақсимоти фоизии кӯдакони то се сола аз рӯи хусусияти ғизодиҳӣ дар гурӯҳҳои синни гуногун, Тоҷикистон, соли 2005




Дар ҷадвали NU.4. мутобиқати талаботи ғизои кӯдакони то 12 моҳа пешниҳод карда шудааст. Вобаста ба синни кӯдак меъёрҳои гуногуни ғизо истифода шудаанд. Барои кӯдакони навзоди 0-5 моҳа ғизои муносиб ин қатъиян синамаккониӣ мебошад. Агар кӯдакон дар як рӯз ду маротиба ба ҳисоби миёна ҳам шири сина ва ҳам хӯрок истеъмол кунанд, дар ин ҳолат ғизои кӯдакони 6-8 моҳа мӯътадил ҳисобида мешавад, дар мавриде, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз се маротиба кӯдакони 9-11 моҳа ҳам шири сина, ҳам хӯрок истеъмол намоянд, он гоҳ ғизои мӯътадил ҳисобида мешавад.

Ҳамагӣ 5 фоизи кӯдакони 6-8 моҳа мувофиқи ҷадвали вақти тавсияшуда ҳам шири сина ва ҳам хӯрок истеъмол менамоянд, ки ин хеле фоизи кам аст. То андоза вазъияти кӯдакон дар вилояти Суғд (17 фоиз) ва он кӯдаконе, ки модаронашон ба мактабҳои миёнаи махсус рафтаанд (39 фоиз) хуб аст. Ин тавсияҳо бештар нисбат ба 9 фоизи деҳот дар муқоиса бо 4 фоизи шаҳрҷой рост меоянд. Ин фоиз низ дар байни кӯдакони 9-11 моҳа, ҳангоми риояи ин модели дар оғоз қабул ва ҷорӣ кардашуда хеле зиёд аст, ҳамон тавре, ки дар боло навишта шудааст.

Бо назардошти модели ғизои овардашуда, ҳамагӣ 7 фоизи кӯдакони 6-11 моҳа дар Тоҷикистон мӯътадил ғизо мехӯранд. Агар дар бораи ҳамаи кӯдакони навзод (0-11 моҳа) сухан равад, дар он сурат фоизи истеъмоли ғизои мӯътадил то ба 16 фоиз меафзояд. Асосан, ин ба шарофати ҳиссаи зиёди кӯдаконе, ки дар гурӯҳи синни хурдтари синамаккониӣ қарор доранд, ба вуҷуд омадааст.

Писарбачаҳо нисбат ба духтарбачаҳо хубтар ғизо истеъмол мекунанд. Кӯдакони синамаки вилояти Суғд ва ВМКБ нисбат ба кӯдакони вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хубтар ва беҳтар ғизо истеъмол мекунанд, дар айни замон кӯдаконе, ки дар шаҳрҷойҳо зиндагӣ мекунанд, нисбат ба кӯдакони деҳот ғизои мӯътадил истеъмол менамоянд. Кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои сарватманд зиндагӣ мекунанд, тез-тез ғизои мӯътадил истеъмол мекунанд. Аз дигар тараф, кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои квантили чоруми некӯаҳволӣ зиндагӣ мекунанд, ба ҳисоби миёна ғизои мувофиқ истеъмол мекунанд. Саводнокии модарон ва

ғизои мӯътадили кӯдакон дар вобастагии мустақил қарор дорад. Чӣ қадаре ки модар саводнок бошад, ҳамон қадар кӯдакаш хуб ғизо истеъмол мекунад. Фоизи кӯдакони то 12 моҳа, ки мӯътадил ғизо истеъмол мекунанд, аз 17 фоизи байни кӯдаконе, ки модаронашон таҳсилоти миёнаи нотамом доранд то ба 24 фоизи байни кӯдаконе, ки модаронашон таҳсилоти олӣ доранд, меафзояд.

## Намаки йоддор

Вайроние, ки камии йод (ВКЙ) ба амал овардааст, яке аз сабабҳои ақибмонии фикрӣ ва тавaққуфи инкишофи рӯҳии кӯдакони хурд мебошад. Шакли вазнинтарини норасоии йод метавонад ба ноқисулақлӣ оварда расонад. Вай ҳамчунин хавфи мурда таваллудкунӣ ва бачапартоиро дар занони ҳомила зиёд мекунад. Нокифоягии йод пеш аз ҳама ба бемориӣ ва ба ошкоршавии ҷоғар сабаб мешавад. Вайроншавӣ аз камии йод ин сабаби асосии дермонии афзоиши фикрӣ ва рушд натиҷаи сатҳи пасти пешравӣ дар мактаб, пастшавии қобилияти фикрӣ ва вайроншавии малакаю маҳорати корӣ мебошад. Дар сатҳи байналхалқӣ мақсад аз он иборат буд, ки ба решакан кардани устувории камии йод дар соли 2005 хотима дода шавад. Дар ин ҷо нишондиҳанда фоизи хонаводаҳое, ки ба таври кофӣ намаки йоддор (>15 қисми дар миллион) истеъмол мекунанд, мебошад.

Қувваҳои муттаҳидкардаи Ҳукумат ва ҷамъиятҳои мададгорон оид ба ҳалли масъалаҳои ВКЙ дар Барномаи миллӣ оид ба решакан кардани ВКЙ, ки дар соли 1997 таҳия карда шуда буд, инъикос ёфтаанд. Барнома комёбии умумии намаки йоддорро то ба сатҳи 45 қисми дар миллион (ҚДМ) пешбинӣ менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №344 «Дар бораи намаки йоддор», ки дар соли 2002 қабул карда шуда буд, дар мамлакат истеҳсол, тақсим ва истеъмоли намаки йоддорро ба танзим медарорад. Таҳияи стандарти миллӣ оид ба йоддор кардани намак ва сафарбар кардани қувваи истеҳсолкунандагони намак, инчунин мувофиқаи чорабиниҳо дар сатҳи миллӣ ба тағйир додани вазъият нисбат ба намаки йоддор равона карда шудаанд. Тадқиқоти МИКС дастгоҳи асосии мушоҳидаи вазъият дар ин соҳа мебошад.

Мувофиқи маълумоти расмӣ паҳншавии ҷоғари эндимӣ, аломати асосии ВКЙ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1,14 ба 1 000 дар соли 1997 то ба 2.15 дар соли 2002 афзоиш ёфт. Тадқиқоти гузаронидашудаи аҳолӣ шумораи зиёди одамонро ошкор кард, ки аз ҷоғар азият мекашанд: дар минтақаҳои гуногун дар байни кӯдакон 45-82 фоиз ва дар байни занони синну соли тазаккур 60 фоиз (ВТҶТ, с. 2003).

Дар рафти гузаронидани МИКС қариб ҳамаи хонаводаҳо, намаки истифодашаванда барои тайёр кардани хӯрок, бо ёрии санҷиш оид ба мавҷудияти йодатҳои калия (ҷадвали NU. 5) таъмин будани йод тафтиш карда шуд. Дар камтар аз ду як ҳиссаи хонаводаҳо (46 фоиз) ошкор карда шуд, ки намак 15 ё бештар аз қисми миллион (қдм) йод дорад. Хусусият аз он иборат аст, ки дар айни замон 46 фоизи хонаводаҳо дар ҳақиқат намаки йоддор истифода мекунанд, 61 фоизашон тахмин мекунанд, ки онҳо низ намаки йоддор истифода мебаранд. Истифодабарии намаки йоддор аз ҳама кам (мутобиқан, 26 фоиз ва 27 фоиз) дар НТҶ ва вилояти Хатлон, истеъмоли аз ҳама зиёди намаки йоддор бошад, дар вилояти Суғд (76 фоиз) мебошад. Тақрибан 60 фоизи хонаводаҳои шаҳрҷойҳо нисбат ба 40 фоизи хонаводаҳои деҳот ба таври кофӣ намаки йоддор истифода мекунанд. Истифодаи намаки йоддор ба сатҳи хонаводаҳои давлатманд дар алоқамандии зич қа-

рор дорад. Фоизи истеъмоли намаки йоддор аз 33 фоиз дар хонаводаҳои қашшоқ то ба 62 фоиз дар хонаводаҳои сарватманд зиёд мешавад.

Расми NU.4. Фоизи оилаҳое, ки ба таври кофӣ намаки йоддор истеъмол мекунанд, Тоҷикистон , 2005




Бо вуҷуди ин, таҳлили тамоюлоти намаки йоддор нишон медиҳад, ки аз соли 2000-ум сар карда ба муваффақиятҳои муайян ноил шудаанд (расми NU.4a). Истеъмоли кофии намаки йоддор дар ҳамон лаҳза аз 20 фоиз (натиҷаҳои МИКС 2000) то ба 46 фоиз дар соли 2005 расид, яъне ду баробар зиёд шуд (расми NU. 4a).

Сатҳи бохабарӣ ва модели истеъмоли намаки йоддор дар ҷадвалҳои NU.5A ва NU.5B пешниҳод карда шудаанд. Дар ҳиссаи бештари хонаводаҳои Тоҷикистон (91 фоиз) ба ҳисоби миёна як нафар дар бораи намаки йоддор медонад. Сатҳи бохабарӣ дар бораи намаки йоддор дар байни сокинони шаҳри Душанбе, шаҳрҳои ноҳиявӣ ва дар байни аҳолии хонаводаҳои сарватмандтарин, ҳамчунин хонаводаҳое, ки сардорашон таҳсилоти миёнаи махсус ва олӣ доранд, зиёд аст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки бохабар будан дар бораи намаки йоддор ва истеъмоли вай бо ҳам алоқаманданд, дар айни замон 95 фоизи хонаводаҳое, ки намаки йоддор истифода мекунанд, дар бораи вай медонанд, сатҳи баробарӣ дар бораи намаки йоддор дар хонаводаҳое, ки чунин намакро истифода намебаранд, то 86 фоиз кам мешавад.

Дар айни замон, бисёрии аҳолӣ (85 фоиз) бо мақсади пешгирӣ ва муоинаи бемории ҷоғар намаки йоддорро истифода мебаранд, қисми на он қадар зиёд (14 фоиз) ҳатто намедонанд, ки барои чӣ истеъмоли намаки йоддор лозим аст.

Қариб ҳамаи хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (48 фоиз) намакро дар борҷомаҳои бастаи саноатӣ ё (46 фоиз) бе борҷомаи саноатӣ/бо килограмм мехаранд.

Расми NU.4.a: Афзоиши истеъмоли намаки йоддор, Тоҷикистон , 2000-2005




## Иловаи витамини «А»

Витамини «А» барои саломатии чашм ва фаъолияти системаи эмкунӣ сироятнопазир кардан бениҳоят муҳим аст. Вай дар таркиби чунин маҳсулот, аз қабили шир, кулчақандҳо, тухм, меваҳои сурху зардчатоб, равғанҳои сурху дарахтони нахл, кабудӣ ва сабзавот вуҷуд дорад. Аммо миқдори витамини «А», ки узв (организм) метавонад аз ин манбаъҳо истифода кунанд, на ҳамеша яхкел аст. Дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф, дар он ҷое, ки витамани «А»-ро асосан дар намуди сабзаводу меваҷот истеъмол мекунанд, миқдори ҳамарӯза бештар ба талаботи хӯрок мувофиқат намекунад. Минбаъд истеъмоли нокофии витамин талаботи афзояндаро ба он мувофиқи инкишофи кӯдакон, ҳамчунин ҳангоми бемориҳо мушкил мегардонад, дар бораи талафоти вобаста ба касалиҳои маъмулии бачагона ҳоҷати гуфтан нест. Дар натиҷаи камии витамини «А» зуҳуроти паҳншудатарин дар ҷаҳони рӯ ба инкишоф ва, махсусан дар мамлакатҳое, ки сатҳи фавти кӯдакон баланд аст, мебошад.

Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои кӯдакон соли 1990 мақсад гузошт, ки то соли 2000-ум нокифоягии витамини «А» ва оқибатҳои вай аз ҷумла кӯршавиро самаранок решакан кунад. Ин мақсадро ҳамчунин Конфронси сиёсӣ оид ба решакан кардани гурснагии махфӣ оид ба масъалаҳои хӯрок соли 1992, ҳамчунин Сессияи махсуси Ассамблеяи Генералии СММ дар соли 2002 маъқул донист. Ба таври ҷиддӣ нақши витамини «А» барои саломатии кӯдак ва системаи сироятнопазир кардани вай камии онро бо компонентҳои афзалиятноки тақвиятнок, ки ба зинда мондани кӯдак равона карда шудаанд, назо-

рат мекунад. Ғайр аз ин, барои муваффақ шудан ба Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола-и чорум (МРҲ) кам кардани фавти кӯдакони то панҷсола ба андозаи аз се ду ҳисса дар соли 2015 бениҳоят муҳим аст.

Мамлакатҳое, ки бо масъалаи камии витамини «А» дучор шудаанд, оид ба қабули иловаи витамини «А» ҳар 4-6 моҳ ҳамаи кӯдакони аз 6 то 59 моҳа, ки дар минтақаҳои хавфнок зиндагӣ мекунанд, тавсияҳои байналхалқиро гирифтаанд. Таъмини кӯдакони хурд бо ду вояи баланди капсули витамини «А» дар як сол бехавфӣ, самаранокӣ ва фоиданокии стратегияи решакан кардани нокифоягии витамини «А» -ро нишон медиҳад ва барои ҳаёти кӯдак кафолатнок мебошад. Таъмини витамини «А» ба модарони кӯдаки синамакдор кӯмак мекунад, ки кӯдакони онҳо дар моҳи аввали ҳаёт ҳимоя карда шаванд ва захираи витамини «А»-ро дар узви (организми) модаре, ки дар давраи ҳомила ва ширдиҳӣ харобу лоғар мешаванд, пурра мегардонад. Дар мамлакатҳое, ки барномаҳои паҳнкунии иловаи витамини «А» амал мекунанд, нишондиҳанда фоизи кӯдакони 6-59 моҳа мебошад, ки ба ҳисоби миёна як вояи зиёди витамини «А»-ро дар шаш моҳи охир қабул кардаанд.

Дастурамали /ЮНИСЕФ/ ТУТ-ро ба асос гирифта, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия медиҳад, ки ба кӯдакони 6-11 моҳа як капсули баландвояи витамини «А», ба кӯдакони 12-59 моҳа бошад, ҳар шаш моҳ қабули капсули витамини «А» таъмин карда шавад. Дар баъзе қисматҳои мамлакат капсули витамини «А» аз тарафи хадамоти эмкунӣ паҳн карда мешавад, кӯдакон дар он ҷо дар 6 моҳагӣ иловаи витамини «А»-ро қабул мекунанд. Ҳамчунин тавсия дода мешавад, ки модарон витамини «А»-ро баъди 8 ҳафтаи баъди таваллуди кӯдак, дар сурате, ки эҳтиёҷот ба витамини «А» зиёд шавад, қабул кунанд.

Дар давоми шаш моҳе, ки тадқиқоти МИКС гузаронида шуд, 47 фоизи кӯдакони 6-59 моҳа вояи баланди иловаи витамини «А»-ро қабул карданд (ҷадвали NU.6). Тақрибан 5 фоизи кӯдакон дар давоми шаш моҳи охир вояи баланди иловаро қабул накардаанд, аммо инро то замони гузаронидани тадқиқот қабул кардаанд. Ҳар кӯдаки даҳум витамини «А»-ро дар ягон вақту замони гузашта қабул кардааст, аммо модарон-мураббиён натавонистанд онро аниқ кунанд. Қариб ҳар кӯдаки сеюми 6-59 моҳа ягон маротиба ҳам иловаи витамини «А»-ро қабул накардааст.
Дар қабул кардани иловаи витамини «А» вобаста ба ҷинсият, синн, маҳалли сукунат-шаҳрҷой, деҳот ва минтақа якчанд фарқият вуҷуд дорад. Аммо вобастагии байни сатҳи саводнокии модарон ва эҳтимолияти қабули витамини «А» қайд карда шудааст. Фоизи кӯдакони витамини «А»-ро қабулкарда дар шаш моҳи охир аз 35 фоизи байни кӯдакони модаронашон дорои таҳсилоти ибтидоӣ мебошанд, то ба 55 фоизе, ки модаронашон ба мактаби махсусгардонидашуда рафтанд, афзудааст. Ҳамчунин, вобаста ба сатҳи некӯаҳволии хонавода, ки дар он ҷо кӯдакон вояи баланди витамини «А»-ро гирифтаанд, мушоҳида мешавад, дар хонаводаҳои квинтили чорум (56 фоиз), дар хонаводаҳои қашшоқтарин (39 фоиз) бошад, аз ҳама кам ба қайд гирифта шудааст.

Тақрибан 41 фоизи модарон ду сол пеш то гузаронидани тадқиқоти МИКС витамини «А»-ро дар давоми 8 ҳафтаи баъди таваллуд қабул кардаанд (ҷадвали NU.7). Ин фоиз дар ВМКБ ва вилояти Суғд аз ҳама зиёд, мутобиқан 65 фоиз ва 54 фоиз, дар вилояти Хатлон аз ҳама кам-31 фоиз аст.

## Вазни кам ҳангоми таваллуд.

Ҳангоми таваллуд вазн, на танҳо саломатӣ ва ҳолати хӯроки модарон, ҳамчунин имконияти зинда мондани кӯдаки навзод, қад, саломатии оянда ва инкишофи рӯҳӣ-ичтимоӣ нишондиҳадаи беҳтарин аст. Вазни кам дар сатҳи таваллуд (камтар аз 2 500 грамм) барои саломатии кӯдакон хавфи ҷиддиро нишон медиҳад. Кӯдакони навзоде, ки дар батни модар ғизои кофӣ нагирифтаанд дар моҳҳо ва солҳои наздиктарини ҳаёти худ ба хавфи ҷидии фавт дучор мешаванд. Кӯдакони навзоди зиндамонда системаи сироятноки сустдошта метавонанд ба хавфи бемориҳо гирифтор шаванд; бештар онҳо аз харобию лоғарӣ ва мушакҳои заиф дар давоми ҳаёти худ, ҳамчунин ба хавфи бештари гирифторшавӣ ба касалии қанд ва дил дар оянда азият мекашиданд. Кӯдаконе, ки вазнашон кам аст дар вақти таваллуд низ метавонанд коэффитсенти камии ақл (КА) ва камшавии қобилияти идрок дошта бошанд, ин ба таҳсили онҳо дар мактаб ва ба имкониятҳои касбӣ, ҳангоме, ки онҳо калонсол мешаванд таъсир мерасонад.

Дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф вазни кам дар вақти таваллуд, пеш аз ҳама ба заифии саломатӣ ва ғизои модарон вобаста аст. Се омиле, ки бештар таъсир мерасонад, ғайриқаноатбахш будани ҳолати ғизои модарон пеш аз ҳомила, вазни кам (асосан ба сабаби ғизои ғайриқаноатбахш ва дар давраи кӯдакӣ ба бемориҳои сирояткунанда гирифтор шудан) ва камии ғизо дар вақти ҳомиларо дар бар мегиранд. Нокифоя будани вазн дар вақти ҳомила, гарчанде вай асосан ба монеъшавии инкишофи кӯдак ҷавобгӯ мебошад, аҳамияти махсус дорад. Илова ба ин, чунин касалиҳо, аз қабили беобии бадан (дарунравӣ) ва табларза, ки дар бештари мамлакатҳои рӯ ба инкишоф паҳншудатарин мебошанд, метавонанд ба рушду нумӯи насл таъсири манфӣ расонанд, махсусан агар дар вақти ҳомилашавӣ бемор шавад.

Дар мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ сабаби камии вазн ҳангоми таваллуд дар вақти ҳомиладорӣ сигареткашӣ аломати паҳншудатарин мебошад. Ба дараҷаи баробар дар мамлакатҳои рушдкарда ва рӯ ба инкишоф наврасони таваллудкунанда, ки организмашон ҳанӯз аз инкишоф боз наистодааст, гирифта гаштани кӯдаки вазни камро хавфнок медонанд.

Мушкилии асосии баҳодиҳи вазни кам дар вақти таваллуд далели он аст, ки беш аз нисфи кӯдакони навзодро дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ҳангоми таваллуд бар намекашанд – вазн намекунанд. Дар баҳодиҳии гузашта вазни кам ҳангоми таваллуд дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ асосан ба маълумотҳои муассисаҳои тиббӣ такя карда мешуд. Вале дар бештари мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ин баҳо як хел нест, гарчанде қисми зиёди кӯдакони навзод на дар таваллудхонаҳо, балки ба он касоне, ки ин тааллуқ дорад, ба дунё меоянд, ин танҳо як қисми ками ҳамаи кӯдакони навзодро нишон медиҳад.

Гарчанде бештари кӯдаконро ҳангоми таваллуд бар намекашанд, интихоби воқеиро нишон намедиҳанд, вазни дар вақти таваллуд ба қайд гирифташударо барои баҳогузории вазни кам ҳангоми таваллуди ҳамаи кӯдакон истифода кардан мумкин нест. Бинобар ин, фоизи кӯдакони навзод бо вазни камтар аз 2 500 грамм аз рӯи ду саволи саволнома (анкета) – аз рӯи баҳои модар андозаи кӯдак дар вақти таваллуд (яъне аз андозаи миёна бисёр хурд, аз миёна калонтар, андозаи хеле калон) ва аз рӯи ёддошти - хотираи модар дар бо-

раи вазни кӯдак ё дар бораи вазни он, ки дар корти тиббӣ навишта шудааст, агар кӯдакро ҳангоми таваллуд бар кашида бошанд, баҳо дода мешавад.[8]

Умуман, 66 фоизи кӯдакони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллудшударо ҳангоми таваллуд ва тақрибан 10 фоизи кӯдакони навзодро бар кашидаанд, ки аз рӯи баҳо, ҳангоми таваллуд камтар аз 2 500 грамм вазн доштанд (ҷадвали NU.8). Дар минтақаҳо аз рӯи фоиз кӯдакони навзоде, ки ҳангоми таваллуд бар кашида шудаанд ва кӯдакони навзод бо вазни кам ҳангоми таваллуд фарқияти зиёде вуҷуд дорад (расми NU.5). Дар айни замон, фоизи аз ҳама зиёди кӯдакони навзод, ки ҳангоми таваллуд бар кашида шудаанд, дар вилояти Суғд (92 фоиз) ва дар шаҳри Душанбе (83 фоиз) аст,- ин минтақаҳо низ фоизи аз ҳама камтарини кӯдакони навзоди бо вазни 2 500 граммро доранд. Кӯдакон дар деҳот ва дар хонаводаҳои қашшоқтарин ҳангоми таваллуд нисбат ба дигар кӯдакони навзод аз 2 500 грамм вазн доранд. Ин нишондиҳанда то андозае вобаста ба сатҳи саводнокии модарон беҳтар мегардад.

Расми.NҒ.5 Фоизи кӯдакони навзод, ки ҳангоми таваллуд аз 2 500 грамм камтар вазн доштанд,Тоҷикистон, 2005




8 Навиштаҷоти муфассали методологиро нигаред: Берма, Вайнштайн ва Соммерфельт. с. 2005

# VI. САЛОМАТИИ КӮДАК

### Эмкунӣ – сироятнопазир кардан

Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола (МРҲ) №4 аз он иборат аст, ки дар давраи аз соли 1990 то соли 2015 сатҳи фавти кӯдаконро аз се ду ҳисса кам кунад. Эмкунӣ бошад, дар комёбии ин мақсад нақши ҳалкунандаро мебозад. Дар се даҳсола бо ҷорӣ намудани дар соли 1974 "Барномаи васеи эмкунӣ" (БВЭ), эмкунӣ ҳаёти миллионҳо кӯдаконро аз марг наҷот дод. Ҷамъи 27 миллион кӯдакон дар тамоми ҷаҳон ҳанӯз ҳам ба таври мунтазам эмкуниро намегиранд. Дар натиҷа, касалиҳое, ки мумкин аст бо ёрии вактсинатсия пешгирӣ карда шаванд, ҳар сол ба 2 миллион фавт бурда мерасонад. Мақсади Дунёи ба ҳаёти кӯдакон мувофиқ (ДҲКМ) аз он иборат аст, ки эмкунии пурра 90 фоиз кӯдаконро дар як сол умуман дар мамлакат ва ба андозаи миёна 80 фоиз фарогирии ҳар кадом ноҳия ё ба ҳамин баробар воҳиди маъмурию ҳудудиро таъмин намояд.

Мувофиқи дастурамалу роҳбарияти ЮНИСЕФ ва ТУТ дар 12 моҳагӣ кӯдак бояд вактсинатсияи БЦЖ – зидди бемории сил, ки аз сил ҳимоя мекунад, се эмкунии КДС-ро аз гулӯзиндонак, сулфакабутак ва кузоз (столбняк), се эмкунии зидди варами ҳароммағз ва эмкунии зидди сурхчаро гирад. Мувофиқи барномаи миллии эмкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвали тақвимии вақти эмкунӣ то андозае дигар буда, се эмкунии иловагии зидди гепатити "Б"-ро дар бар мегирад, ки кӯдак бояд дар 12 моҳагӣ, ҷамъ (+) эмкунии зидди сурхчаро, ки ба 12 моҳагӣ расид, гирад.

Иттилоот дар бораи фарогирии эмкунӣ барои ҳамаи кӯдакони то панҷсола гирифташуда буд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), таҷрибаи нигоҳ доштан ва ҳифзи кортҳои эмкунию вактсинатсия дар назди модарон ё мураббиёни кӯдак оғоз ёфт, ки бо кӯмаку ҳимояи Ташкилотҳои глобалӣ оид ба вактсинатсия ва эмкунӣ (ТГВЭ) нисбатан ба қарибӣ оғоз ёфт, кортҳои тиббии бачагона бошад, то ҳол дар муассисаҳои маҳаллии тандурустӣ нигоҳ дошта мешаванд. Бинобар ин, маълумот дар бораи вактсинатсияро аз ҳар дуи ин манбаъҳо, ҳамчунин аз забони модарон ҷамъоварӣ кардем.

Аз модарон хоҳиш кардем, ки кортҳои эмкунии кӯдакони то панҷсоларо нишон диҳанд. Агар корт дар хона вуҷуд дошт мусоҳибон ин маълумотҳоро ба саволномаҳои МИКС-3 гузарониданд. Баъд мусоҳиб аз модар пурсид, ки оё кӯдак эмкунии зидди бемории сил (БЦЖ), эмкунии (КДС)-и зидди гулӯзиндонак, сулфакабутак, зидди сурхча, зидди кузоз, гепатити "Б"-ро гирифтааст ва чанд маротиба. Ҳамчунин дар бораи мавҷудияти муассисаи тиббии маҳаллӣ, ки дар он ҷо маълумот дар бораи эмкунӣ ҳифз ва нигоҳ дошта мешавад, ҷамъ карда шуд ва мусоҳибон ё роҳбарони гурӯҳҳо ба муассисаҳои тиббӣ рафтанд, то ки дар бораи эмкуниҳои гирифташуда маълумот гиранд.

Умуман, 83 фоизи кӯдакони аз 18 то 25 моҳа ё дар хона ё дар муассисаҳои тиббӣ кортҳои тиббӣ доштанд (ҷадвали СН.2). Таҳлили иловагӣ, ки дар ҷадвал нишон дода нашудааст,

аз он шаҳодат медиҳад, ки дар хонаҳо ҳамагӣ кортҳои 9 фоизи кӯдакон нигоҳ дошта шудаанд. Фоизи кӯдакони 18-29 моҳа, ки БЦЖ, КДС, инчунин эмкунии зидди варами ҳароммағз ва сурхчаро гирифтаанд, дар ҷадвали СН.1 инъикос ёфтааст. Барои ҷадвали мазкур махраҷ шумораи кӯдакони синни 18-29 моҳаро дар бар мегирад, ки ин ҳисоби он кӯдаконеро мефаҳмонад, ки синнашон ба онҳо имконият медиҳад эмкунии пурраро гузаранд. Сурат ҳамаи кӯдаконеро дар бар мегирад, ки мувофиқи корти эмкунӣ ё аз рӯи гуфтаи модарон дар вақту замони муайян то гузаронидани тадқиқот эм карда шудаанд. Дар қатори поён – барои БЦЖ, КДС ва варами ҳароммағз – танҳо он кӯдаконе қайд карда шудаанд, ки то як солагӣ вактсинатсияро қабул кардаанд. Барои сурхча дар қатори поён сурати танҳо кӯдаконеро дар бар мегирад, ки вактсинаро то 18 моҳагӣ гирифтаанд. Нисбат ба он кӯдаконе, ки корти эмкунӣ надоранд, ҳиссаи кӯдаконе, ки дар давоми соли аввали ҳаёташон (18 моҳагӣ барои сурхча) эм карда шудаанд, мисли он кӯдаконе ҳисобида мешаванд, ки кортҳои эмкунӣ доранд.

Тақрибан 95 фоизи кӯдакони 18-29 моҳа вактсинатсияи БЦЖ-ро дар 12 моҳагӣ гирифтаанд, эмкунии КДС бошад, дар 91 фоизи кӯдакон иҷро гардидааст. Ин фоиз аз рӯи меъёри вояи гирифтаи минбаъда кам мешавад: 86 фоиз барои вояи сеюм (расми СН.1). Ба ҳамин тартиб, дар 12 моҳагӣ 92 фоизи кӯдакон эмкунии якумро бар зидди варами ҳароммағз гирифтаанд, дар вояи сеюм ин фоиз то ба 79 фоиз кам мешавад. Ҷиҳати он, ки талафот кам карда шавад ва фарогирии саривақтии эмкунии зиёда аз 90 фоиз таъмин карда шавад, мунтазамии хизматрасонии эмкуниро дар сатҳи хадамоти тандурустӣ таъмин кардан зарур аст. Барои сурхча фарогирӣ ба кӯдакони 18 моҳа низ мисли дигар вактсинаҳо – 91 фоизро бояд фаро гирад.

Фоизи кӯдаконе, ки ҳамаи ҳашт эмкунии тавсияшударо гирифтаанд (се вояи КДС, се вояи вактсинаи зидди варами ҳароммағз ба истиснои полиомиелити 0, БЦЖ ва вактсинатсияи зидди сурхча), нисбат ба синну соли муайян хеле кам буда, 71 фоизро ташкил медиҳад. Тағйироти махраҷ ва ба ҳамин ҷо ҳамроҳ кардани кӯдаконе, ки то гузаронидани тадқиқот дар ҳар вақту замон эмкуниро қабул кардаанд, тадқиқот нишон медиҳад, ки 77 фоизи кӯдакони аз 18 то 29 моҳа ҳамаи эмкуниҳои тавсияшударо қабул кардаанд. Ин ба дермонии начандон зиёди вактсинатсия ишора мекунад, дар ҳоле, ки баъзе бачаҳо бо гузаштани вақту замони муайян вактсинатсияро гирифтаанд.

Ҳамон тавре ки дар боло қайд карда шуд, дар Тоҷикистон вактсинаи зидди гепатити Б низ ба ҷадвали вақту замони эмкунӣ дохил мешавад. Мувофиқи барномаи миллӣ кӯдак бояд се эмкунии гепатити Б-ро дар 12 моҳагӣ гирад. Фарогирии вактсинатсияи зидди гепатити Б бо назардошти ба наздикӣ ҷорӣ кардани вай (ки ҳамаи ноҳияҳоро танҳо аз соли 2003 сар карда фаро мегирад) ба таври ҷудогона таҳлил карда мешавад. Натиҷаҳои вактсинатсияҳои зидди гепатити Б дар ҷадвали СН.1с пешниҳод карда шуданд.

Тақрибан 85 фоизи кӯдакони 18-29 моҳа дар 12 моҳагӣ эмкунии якумро аз гепатити Б гирифтаанд. Ҳамон тавре ки рафти вактсинатсия бо варами ҳароммағз ва КДС нишон дод, фарогирии минбаъдаи эмкунӣ бар зидди гепатити Б барои вояи дуввум то 77 фоиз ва барои вояи сеюм то 69 фоиз кам мешавад.

Расми CH.1 Фоизи кӯдакони 18-29 моҳа, ки вактсинатсияи тавсияшудаеро дар 12 моҳагӣ (18 моҳагӣ, агар сухан дар бораи сурхча равад) гирифтаанд, Тоҷикистон, 2005




*ҳамагӣ = БЦЖ, се вояи КДС, се вояи полио ( ғайр аз полио 0) ва сурхча

Ҷадвалҳои CH.2 ва CH.2c аз рӯи тавсифоти асосӣ фарогирии вактсинатсияро дар байни кӯдакони 18-29 моҳа нишон медиҳанд. Рақамҳо кӯдаконеро дар бар мегиранд, ки то гузаронидани тадқиқот дар вақту замони муайян вактсинатсияро гирифтаанд, ба маълумотҳои дар кортҳои эмкунӣ зикр шуда, ҳамчунин аз забони модарон ва мураббиён гирифташуда, асос ёфтаанд.

Тақсимоти минтақавӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи аз ҳама ками кӯдаконе, ки ҳамаи эмкуниҳоро қабул кардаанд, дар ВМКБ ва НТҶ мебошад, (мутобиқан, 69 фоиз ва 70 фоизро ташкил медиҳад). Фоизи аз ҳама зиёди кӯдаконе, ки эмкуниро қабул кардаанд, дар вилояти Суғд буда 87 фоизро ташкил медиҳад. Кӯдаконе, ки дар шаҳрҷойҳо зиндагӣ мекунанд (82 фоиз) бештар ҳамаи эмкунии заруриро нисбат ба кӯдакони деҳот (9 фоиз) мегиранд. Чи қадаре ки сатҳи саводнокии модар баланд бошад, ҳамон қадар кӯдаки вай имконият дорад ҳамаи эмкуниро қабул кунад. Фоизи кӯдаконе, ки ҳамаи эмкуниро гирифтаанду модаронашон таҳсилоти нопурраи миёна доранд 77 фоиз ва кӯдаконе, ки модаронашон таҳсилоти олӣ доранд 83 фоизро ташкил медиҳад. Ин ба дараҷаи хонаводаҳои некӯаҳвол низ дахл дорад. Фарқияти назаррасе дар эмкунии байни писарбачаҳо ва духтарбачаҳо ба қайд гирифта нашуд, бо вуҷуди он, ки писарбачаҳо бештар, яъне 85 фоиз ҳар се эмкунии гепатити Б-ро нисбат ба 81 фоизи духтарбачаҳо гирифтаанд. Кӯдакони вилояти Суғд ва шаҳрҳо низ бештар ҳамаи се эмкунии гепатити Б-ро нисбат ба дигар кӯдакон мегиранд .

**Муоличаи дарунравӣ тавассути обиштагарӣ** – яъне нӯшонидани маҳлул барои бадани беоб (регидрататсияи пероралӣ, яъне муоличаи регидрататсионӣ ҳам аз даҳон ҳам аз қафо.)

Диарея (дарунравӣ) сабаби дуюми паҳншудатарини фавти байни кӯдакони то панчсола дар тамоми чаҳон мебошад. Қисми зиёди ҳодисаҳои фавт дар байни кӯдакон аз он шаҳодат медиҳад, ки беобӣ ин ба миқдори зиёд талафоти об дар узв (организм) ва электролитҳо дар шакли моеъ мебошад. Ҳангоми бемории дарунравӣ (диарея) ё ба воситаи қабули маҳлули барои бадани беоб (регидрататсияи пероралӣ) (МРДҚ), ё ба воситаи моеъи тавсияшудаи хонагӣ (МТХ) пешгирии бисёрии фавт имконпазир аст. Муоина ва муоличаи дарунравӣ ба таври кофӣ истеъмол накардани ғизо ва обнӯшии фаровон ва синамаккониии мунтазами кӯдак низ усули муҳимтарини муоличаи дарунравӣ мебошад.

Мақсадҳои ба миён гузоштаашуда дар худ дар бар мегиранд: 1) миқдори фавтро, ки дар байни кӯдакони то панчсола аз дарунравӣ ба вуқӯъ омадаанд, нисбат ба соли 2000 (ДҲТМ) дар соли 2010 нисф кам карда шавад ва 2) нисбат ба соли 1990 (МРҲ) то соли 2015 аз се ду ҳиссаи сатҳи фавти кӯдакони то панчсола паст карда шавад. Ғайр аз ин, барномаи Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ (ДҲТМ) ба андозаи 25 фоиз ба кам кардани бемории дарунравӣ даъват менамояд.

Ин чо нишондиҳандаҳо иборатанд аз:

- Суръати бемории дарунравӣ
- Муоличаи регидрататсионӣ ҳам аз даҳон ҳам аз қафо (МРДҚ)
- Муоличаи дарунравӣ дар шароити хона
- МРДҚ ё обнӯшии фаровон ва синамаккониии бе танаффус - мунтазам

Анкетаи МИКС бо савол ба модарон (ё мураббиён) мурочиат кард, ки оё кӯдак дар давоми ду ҳафтае, ки тадқиқот мегузашт ба касалии дарунравӣ гирифтор шуда буд. Агар ҳа, ба модар оиди он, ки ҳангоми касалӣ кӯдак чи гуна об нӯшид ва хӯрок хӯрд ва оё ин хӯрокхӯрию обнӯшии маъмулӣ буд, савол дода шуда буд.

Умуман, 13 фоизи кӯдакони то панчсола дар давоми ду ҳафта касалии диареяро аз сар гузарониданд, ки дар ин давра тадқиқот мегузашт (чадвали CH.3). Шумораи бештари касалӣ (15 фоиз) ба ноҳияҳои тобеи чумҳурӣ, миқдори камтарин бошад, ба шаҳр (10 фоиз) рост меояд. Лаҳзаи ниҳоии беморӣ ҳангоми аз сина чудо кардани кӯдакони 6-23 моҳа ба вучуд меояд. Ҳамчунин, шумораи ҳодисаҳои беморшавӣ дар байни кӯдакони хонаводаҳои камбағалтарин аз ҳама зиёд – 18 фоизро ташкил медиҳад.

Дар чадвали CH.3 низ фоизи кӯдаконе, ки дар ҳолати бемории дарунравӣ намудҳои гуногуни тавсияи истеъмоли моеъро гирифтанд, нишон дода шудааст. Гарчанде модарон тавонистанд беш аз як намуди моеъро номбар кунанд, фоизи ғайриҳатмӣ ба 100 расид. Қариб 48 фоизи кӯдакон маҳлулро дар намуди маҳлули регидрататсияи пероралии (МРП) ва 25 фоиз моеи тавсияшудаи хонагиро (МТХ) қабул кардаанд. Ҳамагӣ 58 фоизи кӯдакони бемори дарунравӣ як ё бештар намуди муоличаро дар шароити хона (масалан, МРДҚ ё МТХ)-ро қабул кардаанд, дар чунин ҳолат 42 фоиз ягон намуди муоличаро нагирифтанд.

МРДҚ - фарқияти минтақавӣ нисбатан муоличаи регидрататсионии ҳам аз даҳон ҳам аз қафо дар расми CH.2 ва дар чадвали CH.3 нишон дода шудаанд. Ҳам дар расм ва ҳам дар

чадвал фоизи истифодаи МРДҚ дар минтақаҳо ва вилоятҳо як хел аст, бо як фарқияти чудогона дар ноҳияҳои тобеи чумҳурӣ (НТҶ), ки хеле кам аст.

Расми CH.2 Фоизи кӯдакони 0-59 моҳа, ки бо касалии дарунравӣ (диарея) тавассути МРДҚ муоличҷа гирифтаанд, Тоҷикистон, 2005




Аз як чоряк камтар (22 фоиз) кӯдакони то панчсолаи ба касалии дарунравӣ гирифторшуда дар давоми ду ҳафта аз маъмулӣ зиёд моеъ қабул кардаанд, ки дар ин давра тадқиқот мегузашт, дар айни замон 72 фоиз ба миқдори зиёд ё кам моеъ нӯшиданд (чадвали CH.4). Ҳамагӣ 36 фоиз каме зиёдтар хӯрок истеъмол карданд, ба ҳамон миқдор бештар (синамакконии бе танаффус), аммо 62 фоиз хеле кам хӯрок истеъмол карданд ё умуман ҳеч. Бо назардошти ин рақамҳо, ҳамагӣ 6 фоизи кӯдакон оби фаровон нӯшиданд ва дар як замон синамаккиро давом доданд. Иттилоотеро, ки дар чадвали CH.4 зикр шудааст бо иттилооти чадвали CH.3 муттаҳид карда, қайд кардан мумкин аст, ки 22 фоизи кӯдакон ё МРДҚ ё обнӯшии фаровонро истифода кардаанд ва синамаккии давомдорро чӣ хеле ки тавсия шуда буд, давом доданд.

Бо назардошти тавсифоти асосӣ дар муоличаи дарунравӣ дар шароити хона фарқияти зиёде вуҷуд дорад. Дар вилояти Хатлон 3 фоизи кӯдакони бемории дарунрав обнӯшии фаровон ва синамаккии давомдорро истифода карданд, дар айни замон ин рақам дар Душанбе 19 фоизро ташкил дод. Фарқи байни шаҳру деҳот низ калон аст. Ҳамчунин фарқияти минтақавӣ ва ҳудудӣ (шаҳр-деҳ) нисбатан ба кӯдаконе, ки МРДҚ, обнӯшии фаровон ва синамаккии давомдорро қабул кардаанд, қайд карда шудааст (расми CH.3).

Расми CH.3 Фоизи кӯдакони 0-59 моҳа, ки ба касалии дарунравӣ (диарея) гирифтор шудаанду МРДҚ ё обнӯшиии фаровон ва синамаккониро қабул кардаанд, Тоҷикистон, соли 2005




## Нигоҳубин ва муолиҷа тавассути доруворӣ ҳангоми бемории варами шуш

Бемории варами шуш сабаби асосии фавти кӯдакон мебошад ва истифодаи доруворӣ ҳангоми гумонбар шудан ба бемории варами шуш барои кӯдакони то панҷсола тадбири муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Мақсади барномаи «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) аз он иборат аст, ки се як ҳиссаи миқдори фавтро аз бемориҳои роҳи нафас кам кунад.

Ба кӯдаконе, ки ба касалии варами шуш гумонбар шудаанд, касалиҳои сулфа, нафаскашии тез-тез ё мушкил ҳамроҳӣ мекунанд ва аломатест, ки масъалаи сина ва бинӣ баҳона намешавад. Нишондиҳандаҳо дар бар мегиранд:

- Шумораи ҳодисаҳои гумонбар будан ба варами шуш
- Муолиҷа ҳангоми эҳтимолияти бемории варами шуш
- Муолиҷа бо доруворӣ ҳангоми эҳтимолияти бемории варами шуш
- Донистани аломатҳои хавфноки бемории варами шуш

Мувофиқи ҳисоботи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВТҶТ) ва маълумоти Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, касалии системаи роҳи нафас барои 30 фоиз ва 40 фоиз ҳодисаҳои фавти кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъуланд.

Ҷадвали CH.5 шумораи ҳодисаҳои гумонбарӣ ба бемории варами шушро ва агар муолиҷа берун аз хона гирифта шуда бошад, дар он сурат махсусан дар куҷо нишон медиҳад. Дар

ду ҳафтаи то гузаронидани тадқиқот дар 2 фоизи кӯдакони 0-59 моҳа аломати варами шуш қайд карда шуд. Аз он ҷумла қариб аз се ду ҳисса (64 фоиз) кӯмаки касбии тиббӣ гирифтанд. Ҳамагӣ 41 фоизи кӯдакони то панҷсола бо гумонбар будан аз бемории варами шуш дар давоми ду ҳафтае, ки тадқиқот мегузашт тавассути доруҳо муолиҷа гирифтанд.[9]

Масъалаҳое, ки ба донистани аломатҳои хавфноки варами шуш дахл доранд, дар ҷадвали CH.6 пешниҳод карда шудаанд. Худ ба худ маълум аст, ки дониши модар дар бораи аломатҳои хавфноки варами шуш омили муҳимтарини нигоҳубин ва ёрии таъҷилӣ мебошад. Вале ҳамагӣ 3 фоизи занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ду аломати хавфноки бемории варами шуш - нафаскашии тез-тез ва мушкил шиносанд. Ин фоиз боз ҳам дар байни модарони ВМКБ (0,1 фоиз) камтар аст, модарони сокини вилояти Хатлон (5 фоиз) бо ин ду аломат хубтар шиносанд. Аломати хеле паҳншуда, ки маҷбур месозад кӯдак ба шифохона бурда шавад, ҳамон тавре, ки 88 фоизи модарон қайд карданд - ин ҳарорати баланд мебошад. Барои муқоиса танҳо 14 фоизи модарон нафаскашии тез-тезро қайд карданд ва 13 фоизи модарон мушкилии нафаскаширо ба сифати аломат номбар карданд, ки ба таври таъҷилӣ кӯдак ба шифохона бурданро тақозо мекунад.

## Истифодаи намудҳои сахти сӯзишворӣ

Зиёда аз се миллиард одамон дар тамоми ҷаҳон сӯзишвории сахт (ҷисмҳои наботот ва ангишт)-ро барои қонеъ гардонидани истеъмолоти асосии худ барои гармӣ (энергия) аз ҷумла таъмини гармӣ истифода мебаранд. Тайёр кардану пухту паз ва таъмини гармӣ бо истифодаи намудҳои сахти сӯзишворӣ ба сатҳи баланд дуду ғубори дохилӣ ва пайдо шудани моддаҳои ифлоскунанда, ки ба саломатӣ таъсири вайронию зараровар сабаб мешаванд, оварда мерасонанд. Масъалаҳои асосӣ, ки ба маҳсулоте дахл доранд ки пурра намесӯзанд, аз ҷумла карбони монооксид, карбогидридҳои бисёр бӯйнок, $SO_2$ ва дигар унсурҳои заҳрнок. Истифодаи намудҳои сахт хавфи ба вуҷуд омадани касалиҳои шадиди роҳи нафас, варами шуш, касалиҳои доимии шуш, касалии саратон ва сил, вазни кам ҳангоми таваллуд, катарактаҳо ва диққии нафасро зиёд мекунанд. Манбаи аввалини нишондиҳанда шумораи аҳолие мебошад, ки намудҳои сахти сӯзишвориро ба сифати манбаи асосии ҳарорати гармии хона барои пухту пази хӯрок – ғизо истифода мебарад. Умуман, беш аз се ҳиссаи ҳамаи (35 фоиз) хонаводаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пухтани хӯрок аз намудҳои сахти сӯзишворӣ истифода мебаранд. Дар шаҳрҷойҳо истифодаи намуди сӯзишвории сахт он қадар зиёд нест (8 фоиз), дар чунин маврид ин рақам дар деҳот ба 48 фоиз мерасад. Дар истифодаи намудҳои сӯзишвории сахт вобаста ба сатҳи некӯаҳволии хонаводаҳо ва сатҳи саводнокии сардори хонаводаҳо фарқияти назаррас вуҷуд дорад. Дар айни замон аз се ду ҳиссаи хонаводаҳои қашшоқ барои пухту пази хӯрок сӯзишвории сахт истифода мебаранд, дар хонаводаҳои сарватмандтарин ин рақам то 2 фоиз кам мешавад. Ҳамчунин, дар истифодаи сӯзишвории сахт вобаста ба забони модарии сардори хонавода фарқияти зиёде вуҷуд дорад; агар дар байни хонаводаҳое, ки забонашон забони русӣ бошад, ҳамагӣ 0,1 фоиз намудҳои сӯзишвории сахт истифода мебаранд, ин рақам барои хонаводаҳое, ки забони модариашон тоҷикӣ мебо-

9 Натиҷаҳои истифодаи доруворихо барои муолиҷа ҳангоми гумонбар будан ба бемории варами шуш аз рӯи тавсифоти асосӣ дар ҷадвали алоҳида ҳамроҳ карда нашудаанд, зеро шумораи ҳодисаҳои мушоҳидшуда хеле кам аст.

шад то ба 29 фоиз меафзояд ва якбора ин рақамҳо дар байни хонаводаҳое, ки забонашон ӯзбекӣ ва қирғизӣ мебошад, мутобиқан то ба 54 фоиз ва 74 фоиз меафзояд.

Пухтани хӯрок бо истифода аз қувваи барқ аз ҳама зиёд дар шаҳри Душанбе мебошад, ки 72 фоизи пурсидашавандаҳои хонаводаҳо изҳор кардаанд, ки аз қувваи барқ истифода мекунанд, фоизи аз ҳама кам (14 фоиз) умуман дар вилояти Суғд мушоҳида мешавад, дар он ҷо истифодаи гази табиӣ (34 фоиз) ривоҷ ёфтааст. Он чизе, ки ба хонаводаҳои некӯаҳволиашон (51 фоиз) тааллуқ дорад, дар муқоиса бо 24 фоизи хонаводаҳои қашшоқтарин хӯрокро бевосита бо истифодаи қувваи барқ тайёр мекунанд, 33 фоизи хонаводаҳои сарватманд барои ин мақсад нисбат ба 1 фоизи хонаводаҳои қашшоқтарин аз гази табиӣ истифода мебаранд.

Танҳо як истифодаи сӯзишвории сахт барои ифлос кардани ҳавои дохили манзил нишондиҳандаи кофӣ нест, гарчанде ҳангоме, ки як намуди ҳамон сӯзишвориро дар намудҳои гуногуни оташдон ё дегдон месӯзанд, контсентратсияи моддаҳои ифлоскунанда тағйир меёбад. Истифодаи манқалҳои (печкаҳои) дудбаро ифлосшавии дохили манзилро кам мекунад, дар мавридҳое, ки манқал боз бошад ё дегдон-оташдон бе дудбаро бошанд, ин маънии онро дорад, ки таъсири моддаҳои зараррасони намудҳои сахти сӯзишворӣ вуҷуд доранд ва бе ҳимоя мебошанд. Намудҳои манқалҳо ва оташдонҳое, ки сӯзишвории сахт дар онҳо сӯхта мешаванд, дар ҷадвали CH.8 нишон дода шудаанд.

Тақрибан 53 фоизи хонаводаҳое, ки барои пухту пази хӯрок сӯзишвории сахтро истифода мебаранд, оташдони кушода ё манқали дудкаш доранд. Вале фоизи зиёди (44 фоиз) хонаводаҳо аз оташдону дегдони бе дудбаро ё дудкашдор истифода мебаранд. Шумораи манқалҳои (печкаҳои) дудбародор аз 1 фоиз ҳам кам аст.

## Бемории безгак-табларза

Дар бахши касалиҳои сироятӣ (эндемикӣ), безгак-табларза сабаби асосии фавти кӯдакони то панҷсола мебошад. Ғайр аз ин, вай дар кӯдакон сабаби камхунӣ гардида, сабаби паҳншудатарини ҳозир нашудан ба машғулиятҳои (дарсҳои) мактабӣ мебошад. Тадбирҳои пешгирӣ, махсусан истифодаи тӯри зидди хомӯшак, ки бо доруҳои инсектитсидҳо (СОИ) тайёр карда шудаанд, сатҳи бемории табларзаро дар байни кӯдакон паст карда метавонад. Дар ноҳияҳое, ки табларза паҳн шудааст, тавсияҳои байналхалқӣ пешниҳод мекунанд, ки ҳар гуна варача ё табларзаи кӯдакона ба мисли безгак баррасӣ шуда, тавсия дода шавад, ки кӯдак ба таври таъҷилӣ курси пурраи тавсияшудаи қабули ҳаби (таблеткаҳои) зидди табларзаро гузарад. Кӯдакони бо аломати вазнини безгак-табларза аз қабили ҳарорати баланд ё гиряи беихтиёр бояд дар шифохона хобонда муолиҷа карда шаванд. Ғайр аз ин, ҳангоми муолиҷаи безгак-табларза ба кӯдакон бештар хӯрок хӯрондан ва ғизои моеъ додан лозим аст, ба кӯдакони синамак бошад, ба таври мунтазам ва бетанаффус сина макондан зарур аст.

Безгак-табларза дар соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран пайдо шуд, ин дар натиҷаи бад шудани вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба зиддиятҳои мусаллаҳона вобаста буд, рӯй дод: ба таври оммавӣ ҷойивазкунии аҳолӣ дар минтақаи сирояти пуршиддати табларза (аз ҷумла, дар Афғонистон, дар он ҷо безгак-табларза касалии эндемикӣ мебошад), ва вайрон шудани хизматрасонии тиббӣ, ҳамчунин чорабиниҳои оид ба назорати

гузаронандагони касалӣ. Тағйироти бақайдгирифташуда дар фаъолияти кишоварзӣ, махсусан зиёд шудани кишти зироати шолӣ, ба афзоиши манбаъҳои гузаронандагони касалӣ оварда расонд. Ҳамаи ин низ, ба пайдо шудани ҳавзҳое, ки обашон ҷорӣ намешавад ва сабаби ба вуҷуд омадани гузарондани (интиқоли) касалии эндемикӣ, махсусан дар қисми ҷанубии Тоҷикистон оварда расонд.

Шумораи ҳодисаҳои бақайдгирифташудаи безгак-табларза дар мамлакат дар соли 1997 ба андозаи максимум (аъзамӣ) расид, дар он сол қариб 30 000 ҳодиса ба қайд гирифта шуда буд. Аз ҳамон вақт то ҳол, сарфи назар аз он, ки ба миқдори 92 фоиз кам шудааст, вазъият бо касалии безгак-табларза дар мамлакат ҳанӯз ҳам ҷиддӣ боқӣ мондааст. Аз нав рӯй додани ҳодисаҳо, ки P. Falciparum ва васеъ шудани ҳудуде, ки ин навъи табларза паҳн шудааст – ин масъала ташвиши махсусро ба вуҷуд меоварад. Дар панҷ соли охир беш аз чор се ҳиссаи ҳамаи ҳодисаҳои ба қайд гирифташудаи бемории табларза дар вилояти Хатлон пайдо шуд, дар НТҶ 14 фоиз ва дар дигар минтақаҳои боқимонда танҳо 2-4 фоиз (манбаъ: Маркази безгак - табларзаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар ҳақиқат аҳолии вилояти Хатлон, ки бо Афғонистон, бо 2.2 миллион нафар аҳолӣ ҳамсарҳад аст, ин аз ҳудуди боқимондаи Минтақаи Аврупоии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ зиёд мебошад аз бемории безгак-табларза азият мекашад. Тадқиқоте, ки дар соли 2001 дар вилояти Хатлон гузаронида шуд, нишон дод, ки беш аз 10 фоизи аҳолии тадқиқшуда гузаронандаи бе аломати паразити “P. Vivax” ва “P.Falciparum” буд. Дар ҳудуди вилояти Хатлон шумораи ҳодисаҳои бемории безгак-табларза аз рӯи баҳоҳо аз 150 000 то ба 250 000-ро ташкил дод. Шумораи умумии ҳодисаҳои бемории безгак-табларза дар мамлакат, аз ҷумла ҳодисаҳои аломатдор ва беаломат, аз рӯи баҳогузорӣ 300 000 - 400 000 -ро ташкил кард.

Мувофиқи иттилооти пешниҳодкардаи Маркази безгак - табларзаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 8 соли гузашта дар ноҳияҳои интихобии бемории эндемикии вилоятҳои Хатлон ва Суғд бо дастгирии Агентӣ оид ба ёрирасонӣ дар ҳамкории техникӣ ва рушд АЁҲТР (АКТЕД) ва МЕРЛИН қариб 115 000 тӯри зидди хомӯшак тақсим карда шуд.

Саволномаи МИКС саволҳоро дар бораи мавҷудияту истифодаи тӯри зидди хомӯшак ва ҳашаротҳои зараррасон чӣ дар сатҳи хонаводаҳо, чӣ барои кӯдакони то панҷсола, ҳамчунин саволҳои дар бораи муолиҷаи бемории табларза ва муоинаю пешгирии мунтазамро дар бар мегиранд. Натиҷаҳои тадқиқот дар Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки он чизе, ки ба андозаи миёна имконият дошт, як тӯри зидди хомӯшак дар панҷ фоизи хонавода мавҷуд буд, тӯри дорукардаи инсектитсидӣ бошад, ҳамагӣ 2 фоиз буд (ҷадвали CH.9). Шумораи хонаводаҳое, ки ақаллан як тӯри зидди хомӯшак дошт, дар Хатлон аз ҳама зиёд (8 фоиз) ва вилояти Суғд (6 фоиз) дар он вақт, дар дигар минтақаҳо ин нишондиҳанда аз 1 фоиз ҳам камтар буд.

Мувофиқи натиҷаҳои гирифташуда, танҳо 2 фоизи кӯдакони то панҷсола дар шаби пеш аз гузаронидани пурсиш дар зери тӯри зидди хомӯшак хобидаанд ва 1 фоизи кӯдакон шабро дар зери тӯри дорукардаи зидди хомӯшак гузаронидаанд (ҷадвли CH.10).

Тӯрҳои зидди хомӯшак, ки бо дорувории инсектитсидӣ барои кӯдакони то панҷсола таҳия карда шудаанд, танҳо дар хонаводаҳои вилояти Хатлон (3 фоиз) истифода мешаванд. Пи-

сарбачаҳо бештар нисбат ба духтарбачаҳо дар зери тӯри зидди хомӯшак ё тӯри бо доруҳои инсектитсидӣ таҳия кардашуда мехобанд.

Ба ҳамаи модарон ва мураббиён дар бораи муолиҷа ва табларзаи кӯдакони то панҷсола саволҳо дода шуданд. Тақрибан 7 фоизи кӯдакони то панҷсола дар давоми ду ҳафтае, ки тадқиқот мегузашт аз табларза азият кашиданд (ҷадвали CH.11). Фоизи аз ҳама зиёди мавҷудияти табларза дар байни кӯдакони 12-23 моҳа (10 фоиз) мушоҳида шуд. Табларза дар байни кӯдакони хонаводаҳои сармоядортарин хеле кам мушоҳида карда шуд. Дараҷаи фарқияти минтақавӣ аз 5 фоиз дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд то 11 фоиз дар вилояти Хатлон тағйир меёбад. Вобаста ба ҷинсият, шаҳрҷой/деҳот ва сатҳи саводнокии модарон калавиши зиёде мушоҳида нашуд.

Аз модарон хоҳиш карда шуд, ки ҳамаи доруҳои барои муолиҷаи табларза чӣ аз қабили дорую воситаҳои хонагӣ ва чӣ доруҳои муассисаҳои тиббӣ ба кӯдакон навиштаро, ки ба кӯдакон додаанд, номбар кунанд. Ҳамагӣ 2 фоизи аз табларза, ки дар давоми ду ҳафтаи охир азият кашидаанд, доруҳои "дахлдори" зидди табларзаро гирифтаанд, 1 фоиз доруҳои зидди табларзаро дар давоми 24 соати баъди зоҳиршавии аломати якум гирифтааст.[10]

Фарқияти зиёд дар муолиҷаи даркории кӯдакони бо ҳарорати баланд аз бемории табларза вобаста ба минтақа, шаҳру деҳоти мамлакат, сатҳи саводнокии модарон ва некӯаҳволии хонаводаҳо мушоҳида нашуд. Фарқияти на чандон зиёде дар муолиҷаи зидди табларза бо доруҳо, дар байни писарбачаҳо ва духтарбачаҳо ба қайд гирифта шуд.

## Манбаъ ва арзиши таъминот

Дар МИКС-и оид ба Тоҷикистон дар бораи манбаъ ва арзиши чор навъи таъминот саволҳо дохил карда шуда буданд: тӯрҳо бо доруҳои инсектитсидҳо таҳия кардашуда, доруҳои зидди табларза, доруҳо (антибиотикҳо) ва маҳлули обиштарӣ (регидрататсияи пероралӣ).Ин иттилоот барои роҳбарони барнома хеле муҳим аст, масалан, вай оид ба дастрас будани барнома ба ҷомеа, ғайр аз ин, махсусан гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ бо ин барномаҳо чӣ хел фаро гирифта шудаанд, баҳо медиҳад. Ин иттилоот барои мушоҳидаи таъмини молҳои бепул ва фурӯхташаванда барои баҳодиҳии арзиши таъминот низ муфиданд, гарчанде нархи мол метавонад барои истифодаи вай монеъ шавад.

Ҳамин ҳисобот танҳо дар бораи манбаъҳо ва арзиши маҳлулҳо барои муолиҷаи регидрататсионӣ ҳам аз даҳон ҳам аз қафо (МРДҚ) (ҷадвали CH.12) маълумотҳоро дар бар мегирад. Маълумотҳои дар бораи манбаъҳо ва арзиши тӯрҳои бо доруҳои зидди хомӯшак (инсектитсидӣ (СОИ) таҳия кардашуда, доруҳои зидди бемории табларза ва доруворие, ки барои шумораи ками ҳодисаҳо гирифта шудаанд, ин ҷо зикр намешавад, зеро дар ҷадвал дар бораи манбаъҳо ва арзиши таъминот хабар дода мешавад. Барои бештар аз нисфи кӯдаконе, ки ба бемории варами шуш гумонбар шудаанд, муолиҷаи регидрататсионии ҳам

10 Доруҳои "дахлдори" зидди бемории табларза хлорохин, СФ, доруҳои дар асоси артемизинин ва ғайрро дар бар мегиранд. Дар Тоҷикистон, ҳеҷ кас аз кӯдакони тадқиқшуда хлорохин, хинин, армодиахин истифода накардаст, камтар аз як фоиз муолиҷаи СФ/фансидар ва артемизининро гирифтааст. Шумораи зиёди кӯдакон дигар доруҳоро қабул кардаанд, ки зидди бемории табларза нестанд, аз ҷумла пасткунандаи ҳарорат, масалан, парацетамол (73 фоиз), аспирин (16 фоиз) ибупрофен (0,1 фоиз) ва дигарҳо (11 фоиз).

аз даҳон ҳам аз қафо (МРДҚ) (52 фоиз) аз ҳисоби манбаъҳои давлатӣ гирифта шуда буд, 78 фоиз бошад ин маҳлулро бепул-ройгон гирифтаанд. Арзиши миёнаи покати МРП, ки пардохтан лозим шуд, 2,3 сомониро ташкил кард. Аз дигар тараф аз 12 фоизи МРП қабулкардашуда аз манбаъҳои шахсӣ, танҳо 9 фоиз бепул мебошад, ки арзиши миёнаи як покати вай 1 сомониро ташкил кард.

# VII. МУҲИТИ ЗИСТ

## Обтаъминкунӣ ва санитария

Аз нуқтаи назари санитарӣ,бехатарии оби нӯшокӣ – ин барои ҳифзи саломатӣ зарурияти аввалиндараҷа мебошад. Оби хавфноки нӯшокӣ метавонад барои гузаронидан – сирояти касалиҳо, аз қабили касалии чашм, рамад (трахома), вабо (холера), арақаи шикампеч – домана (тиф) ва шистосомос хизмат кунад. Оби нӯшокӣ ҳамчунин метавонад аз моддаҳои захрноки кимиёвӣ, физикӣ ва радиоактивӣ, ки ба саломатии одам таъсири зараровар расонанд, захролуд шавад. Ба оби тозаи нӯшокӣ дастрас будан дар шароити хусусиятноки деҳоти ноҳияҳо барои занону кӯдакон, ки дар навбати аввал ба овардани об масъуланд, ҷиҳати муҳимтарин шуда метавонад, махсусан ба онҳо лозим меояд, ки барои овардани об масофаи дуру дарозро тай кунанд.

Яке аз Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола (МРҲ) дар давраи аз соли 1990 то соли 2015 ба андозаи нисф кам кардани ҳиссаи одамоне мебошад, ки ба оби бехавфу хатари нӯшокӣ ва ба воситаҳои асосии санитарӣ ба таври доимӣ дастрас намебошанд. Мақсади «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) ба ҳисоби миёна то ба се ҳисса кам кардани шумораи хонаводаҳое, ки ба сохтмонҳои санитарию гигиенӣ ва барои саломатӣ ба оби бехатар дастрас намебошанд.

Ҳангоми гузаронидани тадқиқоти МИКС нишондиҳандаҳои зерин ҷорӣ карда мешаванд:

Обтаъминкунӣ
- Истифодаи манбаи такмилёфтаи оби нӯшокӣ
- Истифодаи усулҳои дахлдори софкунии об
- Вақти сарфкарда дар роҳ то манбаи оби нӯшокӣ
- Ашхосе, ки оби нӯшокиро истеъмол мекунанд

Санитария
- Истифодаи сохтмонҳои такомулёфтаи санитарию гигиенӣ
- Ҷудо кардани наҷосати кӯдакон (дур партофтани ахлоти тифлон)

Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи манбаъҳои оби нӯшокӣ дар ҷадвали EN.1 нишон дода шудааст. Аҳолие, ки аз манбаҳои такмилёфтаи оби нӯшокӣ истифода мебаранд: аз қубурҳои об (ки ба манзилҳо, ба ҳавлӣ ё ба қитъаҳои замин) кашида шудаанд, обҳои кашида овардаи ҷамъиятӣ/калонкаҳои сарфи об, чоҳҳои қубурдор/чоҳҳои муҳофизатшуда, чашмаҳои муҳофизатшуда, захираҳои обҳои борон. Обҳое, ки дар борҷомаҳо-бутилка ба фурӯш мераванд, низ ҳамчун манбаи такмилёфтаи оби нӯшокӣ ба назар гирифта мешаванд, танҳо дар сурате, ки агар хонаводаҳо барои дигар мақсадҳо: барои шустани даст ва пухту пази хӯрок истифода баранд.

Расми. EN.1 Тақсимоти фоизии аъзоёни хонаводаҳо аз рӯи манбаъҳои оби нӯшокӣ, Тоҷикистон, 2005




Умуман 70 фоизи аҳолӣ-93 фоиз дар шаҳрҳо ва 61 фоиз дар деҳоти ноҳияҳо манбаъҳои такмилёфтаи оби нӯшокиро истифода мебаранд. Вазъият дар ВМКБ ва вилояти Хатлон нисбат ба дигар маҳалҳо хеле бад аст; танҳо 52-55 фоизи аҳолии ин минтақаҳо оби нӯшокиро аз манбаъҳои беҳтар кардашуда истифода мебаранд. Вобаста ба некӯаҳволии хонаводаҳо дастрас будан ба манбаи беҳтар кардашудаи оби нӯшокӣ низ фарқияти назаррасе вуҷуд дорад. Ҳамагӣ 48 фоизи хонаводаҳои сарватмандтарин ба чунин об дастрас мебошанд.

Вобаста ба минтақа (ҷадвали EN.1) истифодаи аҳолӣ аз манбаи оби нӯшокӣ тамоман фарқ мекунад. Дар шаҳри Душанбе 93 фоизи аҳолӣ оби нӯшокиро аз қубури об, ки ба хона ё ба ҳавлӣ ё ба қитъаи замин гузаронида шудааст, истифода мебарад. Ин натиҷаҳо нисбат ба маълумотҳои аз ҳисоботи миллии 2005 гирифташуда, ки хадамоти санитарию эпидемологии шаҳри Душанбе овардааст, камтар аст. Мувофиқи маълумоти хадамоти мазкур 99 фоизи аҳолӣ аз оби қубури об истифода мебарад. Вале қайд кардан лозим аст, ки оби қубур, махсусан дар шаҳри Душанбе аз манбаъҳои доманакӯҳҳо мефарояд, ба таври зарурӣ марҳалаи софшавӣ ва тозашавиро комилан татбиқ намекунад. Дар НТҶ 39 фоизи хонаводаҳо аз оби қубур истифода мекунанд. Дар фарқият бо НТҶ, дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон хонаводаҳо мутобиқан 27 фоиз ва 28 фоиз аз оби қубур истифода мебаранд ва ҳамагӣ 15 фоизи аҳолии ВМКБ ба оби қубур дастрас мебошад. Дар вилояти Суғд манбаи аз ҳама паҳншудатарини оби нӯшокӣ калонкаҳои ҷамъиятӣ мебошанд, дар айни ҳол, дар вилояти Хатлон ва ВМКБ қариб аз панҷ ду ҳиссаи аҳолӣ оби аз кӯҳистон фаромада, яъне аз манбаи ғайрихавфнок истифода мекунанд.

Агар ин натиҷаҳоро бо натиҷаҳои тадқиқоти гузаштаи МИКС-2000 муқоиса намоем, пешравии назаррасро мушоҳида ва ошкор кардан мумкин аст. Ҳиссаи аҳолие, ки аз манбаи такмилёфтаи оби нӯшокӣ истифода мекунад, аз 57 фоиз то 70 фоиз афзудааст.

Дар ҷадвали EN.2 усулҳои тоза кардани об, ки дар хонаводаҳо ҷорӣ карда шудаанд, пешниҳод шудаанд. Дар бораи усулҳои тоза кардани об аз аъзои хонаводаҳо пурсидем, зеро онҳо обро аз рӯи имкон дар хона тоза мекунанд, то ки об барои истеъмол кардан бехатар шавад: ҷӯшонидан, истифодаи иловаи оҳаки хлор ё хлор, истифодаи филтр барои об ва безарар гардонидан дар офтоб мондан ҳамчун усули дахлдори таҳшин шудани оби нӯшокӣ ба назар гирифта шудаанд. Усули хеле паҳншудатарини безараргардонии об ҷӯшонидани вай мебошад. Ин усулро 79 фоизи хонаводаҳо истифода мебаранд. Дар истифодаи усули даркории тоза кардани об дар байни хонаводаҳое, ки ба манбаъҳои такмилёфта ва нотакмили об дастрас мебошанд, қариб ягон фарқият ба қайд гирифта нашудааст. Истифодаи усули даркории тозакунии об дар ҳамаи минтақаҳо як хел аст, ба истиснои ВМКБ, ки дар он ҷо фоизи хеле кам (8 фоиз) обро тоза мекунанд, то ки вай бехатар гардонида шавад. Дар айни замон некӯаҳволии хонаводаҳо ва сатҳи саводнокии сардори хонавода дар тоза кардани об таъсири муҳим дорад. Аҳолии хонаводаҳои сарватмандтарин ва хонаводаҳое, ки сардорашон таҳсилоти олӣ дорад, бештар ба усулҳои тоза кардани об кӯшиш мекунанд.

Дар ҷадвали EN.3 миқдори вақту замони зарурӣ барои гирифтани об нишон дода шудааст, дар ҷадвали EN.4 бошад, ашхосе, ки маъмулан обро истеъмол мекунанд, оварда шудааст. Ба он диққат додан зарур аст, ки ин маълумотҳо ба як рафту омад аз хона то манбаи оби нӯшокӣ дахл дорад. Иттилоот дар бораи миқдори рафту омади барои об, ки дар давоми як рӯз ба ҷо оварда шудааст, ҷамъ нашудааст.

Ҷадвали EN.3 нишон медиҳад, ки 45 фоизи ҳодисаи манбаи оби нӯшокӣ дар ҳудуди хонаводаҳо қарор дорад. Дар аз чор як ҳиссаи хонаводаҳо вақти овардани об аз манбаъ 15 дақиқаро дар бар мегирад, дар айни замон дар 13 фоизи хонаводаҳо вақти рафта овардани об аз 15 дақиқа то ним соатро дар бар мегирад. Ба 16 фоизи хонаводаҳо зиёда аз 30 дақиқа зарур аст, ки то ба манбаи об раванд ва баргарданд. Ба истиснои он хонаводаҳое, ки дар қитъаи заминашон об доранд, ҳисоби миёнаи то ба манбаи об рафта расидан 26 дақиқаро ташкил медиҳад. Вақти барои овардани об дар деҳот сарфшуда то андозае нисбат ба вақти сарфкардаи зарурии шаҳрҷойҳо зиёд аст. Тақсимоти минтақавӣ нишон медиҳад, ки вақти бештар, ки ба ҳисоби миёна барои овардани об сарф карда шудааст, дар вилояти Хатлон (35 дақиқа) мушоҳида мешавад. Тааҷҷубовар он аст, ки вақти миёнаи сарфшуда барои овардани об аз сатҳи саводнокии сардори хонавода ё хонаводаҳои некӯаҳволиашон хуб фарқ намекунад.

Ҷадвали EN.4 нишон медиҳад, ки дар бештари хонаводаҳое, ки дар ҳудудашон манбаи оби нӯшокӣ нест, шахсе, ки маъмулан обро мекашонад, мардони калонсол танҳо дар 10 фоизи ҳодисаҳо обро мекашонанд, дар хонаводаҳои боқимонда бошад, ба обкашонӣ писарбачаҳо ё духтарбачаҳои то 15 сола (11 фоиз) машғуланд.

Ба меъёрҳои санитарӣ мувофиқат накардани партовҳои ахлоти одамӣ ва ашёи гигиенаи шахсӣ метавонанд, ба як қатор касалиҳо, аз қабили касалии дарунравӣ (диарея) ва варами ҳароммағз (полиомиелит) сабаб шаванд. Сохтмонҳои такмилёфтаи санитарию гигиенӣ барои партовҳои ахлоти одамӣ дар худ дар бар мегиранд: ҳоҷатхона бо шустани зарфи об-обдон (бачок), ки ба системаи канализатсия пайваст мебошад, маҳалли таҳнишиншавӣ ё чуқурии кандашуда; чоҳ ё чуқурии кандашудаи ободи ҳавокаш – бо дастгоҳи тасфияи ҳаво, ҳоҷатхонаи кандашудаи бо фарш ва ҳоҷатхона бо порӯ.

94 фоизи аҳолӣ дар хонаводаҳое истиқомат мекунанд, ки аз сохтмонҳои такмилёфтаи санитарию гигиенӣ истифода мекунанд (ҷадвали EN.5). Ин нишондиҳанда барои хонаводаҳои деҳот 92 фоизро ташкил медиҳад. Сокинони ВМКБ нисбат ба минтақаҳои боқимонда аз сохтмонҳои такмилёфта хеле кам истифода мекунанд. Бо тақсимоти сохтмонҳои санитарӣ аз рӯи навъи истифода таҳлили амиқтар оварда мешавад. Навъи паҳншудатарини шароити санитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чоҳи кандашудаи фаршдор мебошад, зеро 79 фоизи аҳолӣ дар хонаҳое зиндагӣ мекунанд, ки ин навъи ҳоҷатхонаро доранд.  Ҳамагӣ 13 фоизи аҳолӣ ба шароити санитарие дастрас мебошад, ки ба системаи канализатсия пайваст мебошад.

Ҷадвал нишон медиҳад, ки истифодаи сохтмони такмилёфтаи санитарию гигиенӣ ба сатҳи некӯаҳволӣ алоқаи зич дорад, дар шаҳрҳо ва деҳоти ноҳияҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Дар деҳоти ноҳияҳо аҳолӣ асосан аз ҳоҷатхонаи фаршдор истифода мекунад, дар айни замон навъи паҳншудатарини сохти санитарию гигиенӣ дар шаҳрҷойҳо ҳоҷатхона бо шустани ахлот, бо системаи канализатсия пайваст мебошад.

Бехатар қазои ҳоҷат кардани кӯдак – ин аз наҷосат эмин будани кӯдак мебошад, ки бевосита аз ҳоҷатхона истифода карда мешавад ё дар ҳоҷатхона наҷосат шуста мешавад. Қазои ҳоҷат кардани кӯдакони 0-2 сола дар ҷадвали EN.6 пешниҳод карда шудааст.

Қариб дар ҳар хонаводаи сеюм, ки кӯдакони аз 0 то 2 сола доранд, наҷосати кӯдак бо назардошти тадбирҳои бехатарӣ ҷудо карда мешавад. Дар 9 фоизи хонаводаҳо кӯдакон аз ҳоҷатхона истифода мекунанд, 20 фоизи ҳодисаи наҷосати кӯдак ба ҳоҷатхона партофта ё шуста мешавад. Натиҷаҳо  нишон медиҳанд, ки усули паҳншудатарин қазои ҳоҷат кардани кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба канализатсия шуста мешавад ё ба ҳоҷатхона партофта мешавад (37 фоизи хонаводаҳо).

Тақсимот аз рӯи минтақаҳо нишон медиҳад, ки фоизи аз ҳама зиёди модарон ё мураббиён, ки бехатарии қазои ҳоҷати кӯдаконро таъмин мекунанд, дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекунанд ва 74 фоизро ташкил медиҳанд. Ин амал ё таҷриба андаке кам дар вилояти Хатлон, вилояти Суғд ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қариб ба сатҳи 20-28 фоиз паҳн карда шудаст. Фарқи байни шаҳрҳо ва деҳот низ хеле зиёд аст. Нисбат ба 20 фоизи хонаводаҳои деҳот 51 фоизи хонаводаҳои шаҳр бехатарии ҷудо кардани наҷосати кӯдаконро таъмин менамоянд.

Хулосаи мухтасари ҳиссаи фоизии хонаводаҳо бо манбаъҳои такмилёфтаи оби нӯшокӣ ва сохтмонҳои санитарию гигиенӣ дар ҷадвали EN.7 пешниҳод карда шудааст. Умуман, 69 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манбаъҳои такмилёфтаи оби нӯшокӣ ва санитарӣ дастрас ва таъмин мебошанд. Сокинони шаҳри Душанбе, шаҳрҷойҳо ва хонаводаҳои сарватмандтарин аз ҳама бештар ба сохтмонҳои манбаъҳои такмилёфтаи оби нӯшокӣ ва санитарӣ аз 90 фоиз то ба 95 фоиз дастрас ва таъмин мебошанд.

## Ашёҳои истифодаи тӯлонӣ ва дороиҳои кишоварзӣ

Молики ашёҳои зарурати хона будан нишондиҳандаи мустақими сатҳи зиндагии хонавода мебошад. Ҳиссаи хонаводаҳое, ки соҳиби ашёҳои гуногуни зарурати хона мебошанд, дар ҷадвалҳои EN.8a-EN.8c пешниҳод карда шудаанд. Қариб дар ҳамаи хонаводаҳои Тоҷикистон (99 фоиз) қувваи барқ мавҷуд аст, ба ин нигоҳ накарда ин нишондиҳанда дар ВМКБ камтар – 90 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи камтари хонаводаҳо (89 фоиз) телевизор дорад, дар айни замон соҳиб будан ба дигар ашёҳои зарурати хона ба таври назаррас кам аст. Ҳамагӣ танҳо аз се як ҳиссаи хонаводаҳо яхдон ва танҳо аз панҷ як ҳиссаи хонаводаҳо сими телефони хонагӣ доранд. Обгармкунакҳои барқӣ дар 18 фоизи хонаводаҳо, мошини ҷомашӯӣ бошад, ҳамагӣ дар 13 фоизи хонаводаҳо мавҷуд аст.

Дар соҳиб будани ашёҳои истифодаи тӯлонии байни хонаводаҳои шаҳру деҳот фарқияти намоён мушоҳида мешавад: хонаводаҳое, ки дар шаҳрҷойҳо сукунат мекунанд, бештар ашёи қиматбаҳо, ҳамчунин яхдон, мошини ҷомашӯӣ ё телевизор доранд.

Тақрибан 68 фоизи хонаводаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замини кишт доранд. Гуфтан мумкин аст, ки ҳиссаи хонаводаҳое, ки соҳиби чунин замин мебошанд, дар ҳамаи минтақаҳо, ғайр аз шаҳри Душанбе – пойтахт хеле зиёд аст. Соҳиби замини кишт будан ба сатҳи некӯаҳволии хонаводаҳо вобаста мебошад: қисми зиёди хонаводаҳои қашшоқтарин (91 фоиз) замини кишт дорад, дар айни замон дар байни хонаводаҳои сарватмандтарин танҳо ҳар хонаводаи панҷум замини кишт дорад. Ба ҳисоби миёна, хонаводаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,4 га замини кишт доранд.

Қариб ҳар хонаводаи дуввум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон модагов ё буқа дорад. Ҳар хонаводаи сеюм чӯҷа дорад, дар айни замон, ҳар хонаводаи шашум дигар намуди ҳайвонро молик мебошад. Ҳамон тавре ки қисми зиёди хонаводаҳо замини кишт доранд, қариб қисми зиёди хонаводаҳо низ чорвои хонагӣ доранд, ки дар ВМКБ ё дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Хонаводаҳои сарватмандтарин нисбат ба нишондиҳандаҳои миёна ҳайвоноти хонагӣ хеле кам доранд.

# VIII. САЛОМАТИИ ТАЗАККУР

## Пешгирии ҳомилашавӣ (контратсептсия)

Банақшагирии дахлдори оила барои саломатии занон ва кӯдакон хеле муҳим аст. Вай имконият медиҳад, ки: 1) ҳомилашавии ниҳоят барвақт ва ниҳоят бевақт пешгирӣ карда шавад; 2) фосилаи байни таваллуди кӯдакон зиёд карда шавад; 3) шумораи кӯдакон маҳдуд карда шавад. Яке аз мақсадҳои «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) иборат аз он аст, ки дастрасии ҳамаи ҷуфтҳо ба иттилоот ва хизматҳо оид ба пешгирии ҳомилашавии ниҳоят барвақтӣ, дуҷонӣ, вақти муваққатии фосилаи байни хеле кӯтоҳ ва хеле бевақт ё бениҳоят ҳомилашавии зиёд таъмин карда шавад.

Дар айни замон дар бораи истифодаи усулҳои пешгирии ҳомилашавӣ 38 фоизи занон хабар доданд, ки онҳо дар ақди никоҳ ё дар иттифоқ бо мард қарор доранд (ҷадвали RH.1). Дар Тоҷикистон занон усулҳои муосири пешгирии ҳомилашавиро афзалтар медонанд. Усули маъмултарин–ин усули дохили бачадон гузоштани спирал мебошад, ки аз чаҳор занони шавҳардор якеашон аз ин усул истифода мекунанд. Усули дигари машҳур – усули пешгирии ҳомилашавӣ ин давраи ширмаккони (УДШ), ки 3 фоизро ташкил медиҳад. Қариб 2 фоизи занон ҷавоб доданд, ки сӯзандору–тазриқ (инъектсия) ва ҳабро (таблеткаро) истифода кардаанд. Қариб 1 фоизи занон ҷавоб доданд, ки аз олоти муҳофизати ҳамл (презерватив) истифода мекунанд ва алоқаи ҷинсиро қатъ менамоянд. Камтар аз 1 фоизи занон хабар доданд, ки дигар усули огоҳии ҳомилашавиро истифода мебаранд.

Истифодаи воситаҳои зидди ҳомилашавӣ бештар дар вилояти Суғд паҳн шудааст, вай 46 фоизро ташкил медиҳад, дар дигар минтақаҳо истифодаи яке аз усулҳои пешгирии ҳомилашавӣ аз 35 фоизи вилояти Хатлон то 38 фоиз дар шаҳри Душанбе ва 39 фоиз дар ВМКБ тағйир меёбад. Фарқи байни шаҳрҷой ва деҳот низ зиёд аст: нисбат ба 38 фоизи занони шавҳардори деҳот 42 фоизи занони шаҳрҷойҳо дар бораи истифодаи усулҳои пешгирии ҳомилашавӣ хабар доданд.

Дар байни наврасон эҳтимолияти пешгирии ҳомилашавӣ нисбат ба занони калонсол андаке кам аст. Танҳо 9 фоизи занони 15-19 сола дар айни замон нисбат ба занони 20-24 сола 25 фоиз ва 50 фоизи занони бештар калонсол ин ё он усули пешгирии ҳомилашавиро истифода мекунанд. Истифодаи усулҳои пешгирии ҳомилашавӣ низ ба таври назаррас ба шумораи кӯдакони зинда вобаста аст: нисбатан ба камтар аз 1 фоизи занони бефарзанд то ба 48 фоизи заноне, ки се фарзанди зинда доранд.

Сатҳи саводнокии занон низ ба паҳншавандагии истифодаи воситаҳои зидди ҳомила зич алоқаманд аст. Ҳиссаи заноне, ки кадоме аз усули пешгирии ҳомилашавиро истифода кардаанд, аз 14 фоизи занони бетаҳсилот то ба 25 фоиз бо занони таҳсилоти ибтидоӣ меафзояд ва дар байни занони дорои таҳсилоти миёна ва олӣ ба 51 фоиз мерасад. Ғайр аз фарқияти паҳншавӣ дараҷаи ривоҷу равнақи истифодаи ин ё он усул вобаста ба сатҳи са-

воднокӣ фарқ мекунад. Вобаста ба афзоиши сатҳи саводнокӣ паҳншавии усулҳои муосири пешгирии ҳомилашавӣ махсусан истифодаи олоти муҳофизати ҳамл (презерватив) вусъат меёбад. Чунин вазъият вобаста ба сатҳи некӯаҳволии заноне, ки аз хонаводаҳои сарватмандтарин мебошанд, усули муосири пешгирии ҳомилашавиро бештар нисбат ба ҳисоби миёнаи мамлакат истифода мекунанд.

Муқоисаи натиҷаҳои маълумотҳои МИКС-2000 (расми RH.1) нишон медиҳад, ки ин нишондиҳанда беҳтар мегардад. Паҳншавии пешгирии ҳомилашавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамон вакт 4 фоиз афзуд. Истифодаи усулҳои муосири пешгирии ҳомилашавӣ дар панҷ соли охир, ҳатто ба пастравии на чандон зиёд дар истифодаи усулҳои анъанавӣ нигоҳ накарда афзоиш кард.

Расми RH.1. Фоизи занони 15-19 солаи шавҳардор ё ки дар иттифоқии мард зиндагӣ мекардагӣ, яке аз усулҳои пешгирии ҳомилашавиро истифода мебаранд (ё ки яке аз усулҳоро шарики вай истифода мекунад), Тоҷикистон, 2000 - 2005




Натиҷаҳои бохабар будани занон дар бораи усулҳои пешгирии ҳомилашавӣ дар ҷадвали RH.1.A пешниҳод карда шудаанд. Бисёрии занони шавҳардор ва заноне, ки бо иттифоқии мард зиндагӣ мекунанд, (87 фоиз) дар бораи спиралмонии дохили бачадон (СДБ) медонанд. Ҳаб (таблеткаҳо) ҳамчун усули пешгирии ҳомилашавӣ ба 48 фоизи занон маълуманд, ҳар зани сеюм дар бораи сӯзандору (инъектсия) медонад ва 19 фоизи занон дар бораи олоти пешгирии ҳомила (презервативҳо) медонанд, дар айни замон дар бораи донистани дигар усулҳои пешгирии ҳомилашавӣ хеле кам буда, камтар аз 5 фоизро ташкил медиҳад.

Тақрибан ҳар яке аз даҳ зани шавҳардор ё бо иттифоқи мард зиндагӣ мекардагӣ ягон усули пешгирии ҳомилашавиро намедонад. Ҳиссаи заноне, ки бо усулҳои пешгирии ҳомила шинос нестанд, дар байни ҷавонзанони 15-19 сола хеле зиёд аст, ҳар зани сеюм бо ин усулҳо шинос нест. Чизе, ки ба истифода, дониши пешгирии ҳомилашавӣ ва саводнокии занон дахл дорад, дар вобастагии мустақими сатҳи маълумотнокии занон қарор дорад ва вобаста ба сатҳи иловагии таҳсилоти занон баланд мешавад. Заноне, ки дар хонаводаҳои сарватмандтарин зиндагӣ мекунанд ва дар хонаводаҳое, ки забони модариашон забони русӣ аст, ба масъалаҳои мазкур хубтар сарфаҳм меараванд.

## Талаботи нопӯшида дар пешгирии ҳомилашавӣ

Талаботи нопӯшида[11] дар пешгирии ҳомилашавӣ ба заноне дахл дорад, ки қобилияти тазаккур доранд, яъне фарзанд таваллуд карда метавонанд ва мехоҳанд фарзанд дошта бошанд, ҳеҷ гуна усули пешгирии ҳомилашавиро қабул намекунанд, вале хоҳиши онро доранд, ки таваллуди фарзанди ояндаро ба таваққуф гузоранд ё умуман таваллуди фарзандро қатъ намоянд. Дар рафти МИКС талаботи нопӯшидаро бо ёрии як қатор саволҳо ошкор месозанд, ки онҳо имконият медиҳанд модели ҷории гузаронидан ва афзалияти вобаста ба воситаҳои зидди ҳомила, насддоршавӣ ва тазаккур муайян карда шавад

Ба гурӯҳи (категорияи) занони бо талаботи нопӯшида дар пешгирии ҳомилашавӣ бо мақсади ба танзим даровардани фосилаи байни ҳомилашавӣ заноне дохил мешаванд, ки дар айни замон дар ақди никоҳ мебошанд (ё бо иттифоқии мард зиндагӣ мекунанд), қобилияти тазаккур доранд (дар айни замон ҳомилаанд ё чунин меҳисобанд, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ қобилияти ҳомилашавӣ доранд), дар айни ҳол воситаҳои пешгирии ҳомилашавиро истифода намебаранд ва мехоҳанд мӯҳлати таваллуди кӯдаконро ба нақша гиранд. Занони ҳомила он заноне ба ҳисоб мераванд, ки мӯҳлати таваллуди кӯдакро орзу доранд ба нақша гиранд, дар лаҳзаи ҳомиладорӣ дар онҳо хоҳиши кӯдакдорӣ вуҷуд надошт. Заноне, ки ҳомила нестанд, ба он гурӯҳи (категорияи) заноне дохил мешаванд, ки агар онҳо мехоҳанд (боз як) кӯдак дошта бошанд, вале дар ин маврид орзу мекунанд, ки кӯдакро таваллуд кунанд, ба ҳисоби миёна баъди ду сол ё баъди он ки ба шавҳар бароянд.

Ба гурӯҳи занони бо талаботи нопӯшида дар пешгирии ҳомилашавӣ бо мақсади маҳдуд кардани шумораи кӯдакон заноне дохил мешаванд, ки дар айни замон дар ақди никоҳ мебошанд, (ё бо иттифоқии мард зиндагӣ мекунанд), заноне, ки қобилияти тазаккур доранд (дар айни замон ҳомилаанд ва чунин меҳисобанд, ки онҳо аз нуқтаи назари ҷисмонӣ қобилияти ҳомилашавӣ доранд), воситаи зидди ҳомилашавиро дар айни замон истифода намекунанд ва мехоҳанд шумораи кӯдаконро маҳдуд кунанд. Гурӯҳи охирин занонеро дар бар мегирад, ки ҳомилаанд, вале умуман намехостанд ҳомила шаванд ва заноне, ки ҳомила нестанд, вале намехоҳанд (боз як) кӯдак дошта бошанд. Талаботи умумии напӯшида дар пешгирии ҳомилашавӣ-ин ҷамъбасти оддии талаботи нопӯшида ба воситаҳои пешгирии ҳомилашавӣ барои ба танзим даровардани фосилаи байни ҳомилашавӣ ва талаботи нопӯшида дар пешгирии ҳомилашавӣ барои маҳдуд кардани шумораи кӯдакон мебошад.

Бо ёрии иттилоот дар бораи истифодаи пешгирии ҳомилашавӣ ва талаботи нопӯшида ҳиссаи фоизии талаботи нопӯшидаро ба воситаи пешгирии ҳомилашавӣ дар асоси маълумотҳои МИКС низ баҳогузорӣ мекунанд. Ҳиссаи фоизии талаботи қонеъшуда ҳамчун ҳиссаи заноне муайян карда мешавад, ки дар айни замон дар ақди никоҳ мебошанд ё бо иттифоқии мард зиндагӣ мекунанд ва дар айни ҳол воситаи пешгирии ҳомилашавиро аз рӯи таносуб нисбат ба талаботи умумӣ ба воситаи пешгирии ҳомилашавӣ истифода мекунанд. Ин талаботи умумӣ ба воситаи пешгирии ҳомилашавӣ дар худ занонеро дар бар мегирад, ки дар айни замон дар пешгирии ҳомилашавӣ талаботи нопӯшидаро месанҷанд (барои ба

11 Ченкунии талаботи нопӯшида дар доираи МИКС то андозае аз усулҳои дар рафти дигар тадқиқотҳои хонаводаҳо, аз қабили тадқиқотҳои миллии демографӣ ва тиббӣ (ТДТ) гузаронидашуда фарқ мекунад. Ҳангоми гузаронидани ТДТ дар бораи истифодаи иловагӣ, аз қабили аминорея (мавҷуд набудани ҳайз дар давраи камолоти таносули занон) баъди таваллуд ва дар бораи фаъолияти алоқаи таносулӣ иттилооти муфассалтар ҷамъоварӣ мекунанд. Натиҷаҳои ҳар дуи ин тадқиқот ба таври ҷиддӣ муқоисанашаванда мебошанд.

нақшагирии мӯҳлати таваллуди кӯдакон ё маҳдуд кардани шумораи онҳо), ҳамчунин он заноне дахл дорад, ки дар айни замон воситаи пешгирии ҳомилашавиро истифода мебаранд. Дар ҷадвали RH.2 натиҷаҳои тадқиқот оид ба ин масъалаҳо, аз қабили истифодаи воситаи пешгирии ҳомилашавӣ, талаботи нопӯшида ва қонеъ гардонидани талабот ба воситаи зидди ҳомила пешниҳод карда шудаанд.

Қариб ҳар зани чаҳорум (24 фоиз), ки дар ақди никоҳ мебошанд ё бо иттифоқии мард зиндагӣ мекунад, талаботи нопӯшидаро дар пешгирии ҳомилашавӣ месанҷад. Гарчанде, дар ин ҷо бо истифодаи пешгирии ҳомилашавӣ алоқаи зич аён аст, натиҷаҳои тавсифоти фоновӣ бо натиҷаҳои паҳншавии усулҳои пешгирии ҳомилашавӣ умуман монанданд. Талаботи нопӯшида ба пешгирии ҳомилашавӣ махсусан дар байни занони хонаводаҳои қашшоқ хеле зиёд аст.

Аз рӯи паҳншавии минтақавӣ ҳукм карда хулоса баровардан мумкин аст, ки талаботи нопӯшида ба пешгирии ҳомилашавӣ дар вилояти Суғд аз ҳама кам, дар НТҶ бошад аз ҳама зиёд аст. Талаботи нопӯшида ба пешгирии ҳомилашавӣ асосан дар намуди имконияти нопӯшидаи маҳдудияти шумораи кӯдакон (15 фоиз), ба истиснои ҷавонзанони 15-24 сола зоҳир мегардад, зеро дар онҳо талаботи нопӯшида асосан бо мақсади риояи фосилаи байни таваллуди кӯдакон зоҳир мешавад.

### Нигоҳубин ва муоина дар давраи то таваллуд

Давраи то таваллуд имконияти васеи фарогирии занони ҳомила як қатор тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки барои саломатӣ ва беҳбудию хушии модарон ва кӯдакони навзодашон метавонанд аҳамияти муҳими ҳаётӣ дошта бошанд. Мафҳуми хеле маълум, чораёни афзоиши ҷанинӣ ва инкишофи вай ва алоқамандии вай бо саломатии модарон ба имкониятҳои мушоҳидаҳои то таваллуд, ба мисли чорабиниҳо барои беҳтар гардонидани ҳифзи саломатии модарон ва кӯдакони навзод равона карда шудаанд, ба зиёд шудани диққат ва таваҷҷуҳ мусоидат хоҳад кард. Масалан, агар занон дар давраи то таваллуд ва оилаи онҳо дар бораи нишонаҳои хавфнок, дар бораи аломатҳо ва дар бораи хавфҳои вобаста ба таваллудҳо ва иҷозати таваллуд иттилоот гиранд, ин имкон дорад ба он мусоидат кунад, ки занони ҳомила дар таҷриба ҳангоми иҷозати таваллуд аз кӯмаки касбии тиббӣ истифода кунанд. Давраи то таваллуд низ имконият медиҳад, ки занон дар бораи ба танзим даровардани таваллуди кӯдакон бо иттилоот таъмин карда шаванд, зеро ин аз рӯи эътирофоти умумӣ омили муҳими кам шудани фавти кӯдакони навзод мебошад.

Эмкунии зидди кузоз (бемории шах шуда мондан) ҳангоми ҳомиладорӣ ҳам ҳаёти модар ва ҳам ҳаёти кӯдаки навзодро наҷот дода метавонад. Муоина ва муолиҷаи таблarзаи занони ҳомила, муолиҷаи камхунӣ ҳангоми ҳомиладорӣ ва муолиҷаи инфектсияе, ки бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузарад (ИФАҶ) ба инкишофи ҷанин ва саломатии модар таъсири ниҳоят мусбӣ расонда метавонанд. Натиҷаҳои носоз, аз қабили вазни кам ҳангоми таваллуд метавонанд то дараҷае дар вақти маҷмӯи тадбирҳои кӯмак, ки бо беҳтар намудани ҳолати хӯроки зан бартараф карда шаванд ва инфектсияҳо (масалан, таблarза ва ИФАҶ) дар давраи ҳомиладорӣ аз байн бурда шаванд. Дар вақтҳои охир имкониятҳои давраи то таваллуд ҳамчун лаҳзаи муносиб барои оғози муолиҷа ва муолиҷаи ВНМО, аз ҷумла пешгирӣ ва аз байн бурдани сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак, барқарорсозии манфиа-

ти дарёфти дастрасӣ ба хизматҳои оид ба ёрии то таваллуд ва истифодаи онҳо мусоидат карданд.
Бо назардошти натиҷаҳои тадқиқот самаранокии моделҳои гуногуни мушоҳидаҳои то таваллуд, Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) тавсия мекунад, ки дар давраи мушоҳидаҳо ақаллан чор маротиба то таваллуд ба муассисаҳои тиббӣ рафтан зарур аст. Нишондодҳои роҳбарикунандаи ТУТ нисбат ба мақсади ташрифоварӣ дар давраи мушоҳидаҳои то таваллуд комилан мушаххасанд, тадбирҳои зеринро дар бар мегиранд:

- Чен кардани фишори хун
- Ташхиси пешоб дар бактериурӣ ва протеинурӣ
- Ташхиси хун барои ошкор намудани сӯзок ва камхунии шадид
- Чен кардани вазн/қад (факултативӣ)

Фарогирии мушоҳидаҳои то таваллуд (хизмати духтур, ҳамшираи тиббӣ ё момодоя) дар Тоҷикистон нисбатан зиёд аст: 77 фоизи занон аз мушоҳидаҳои то таваллуд мегузаранд, ки ин ба ҳисоби миёна дар давраи ҳомиладорӣ як маротибаро ташкил медиҳад. Сатҳи аз ҳама паст – 66 фоизи мушоҳидаҳо дар вилояти Хатлон, сатҳи аз ҳама баланд бошад – 92 фоиз дар вилояти Суғд ба қайд гирифта мешавад. Фарогирии мушоҳидаҳои то таваллуд дар ноҳияҳои шаҳрӣ  нисбат ба деҳот 10 фоиз зиёд аст. Сатҳи пасти мушоҳидаҳои то  таваллуд дар байни занони хеле калонсол ва заноне, ки дараҷаи саводнокиашон паст, ҳамчунин дар байни занони хонаводаҳои қашшоқтарин ба қайд гирифта  шудааст. Ғайр аз ин, заноне, ки дар хонаводаҳои сардори хонаводаашон ба забони тоҷикӣ-забони модариаш гуфтугӯ мекунад, хеле кам аз муоинаю нигоҳубини то таваллуд мегузаранд.

Навъи корманде, ки муоинаю мушоҳидаи занони 15-49 соларо баҷо овардасту дар давоми ду сол то санаи гузаронидани тадқиқот кӯдак таваллуд кардаанд, дар ҷадвали RH.3 пешниҳод карда шудааст. Дар 68 фоизи ҳодисаҳо тавассути духтур мушоҳидаи тиббӣ гузаронида шудааст, дар чунин мавридҳо ҳамшираҳои тиббӣ ва момодояҳо ба 9 фоизи ҳодисаҳо хизмат расондаанд.

Намудҳои хизматрасонӣ, ки ба занони ҳомила расонда шудааст, дар ҷадвали RH.4 нишон дода шудаанд. Он чизе, ки барои мушоҳидаҳои то таваллуд зарур аст, аз инҳо иборат аст: 66 фоизи занон дар Тоҷикистон барои ташхиси пешоб, 68 фоизи занон бошад, хун додаанд; 72 фоизи занон фишори хунро чен кардаанд. Вале шумораи зиёди занон (35 фоиз) бар кашида нашудаанд. Қариб аз се зан ду-тоаш аз муоинаи ташхиси хун ва гинекологӣ гузаштааст. Дар рафти мушоҳидаҳои  то таваллуд 57 фоизи занон аз мушоҳидаи ултрасадо гузаштаанд, ин тадқиқоти ултрасадо асосан дар шаҳри Душанбе амалӣ шудааст. Ва ниҳоят, мӯҳлати ҳомиладории 71 фоизи занон муайян карда шудааст. Дар бораи ин тадбирҳо аз ҳама бештар занони саводнок ва сарватманд хабар доданд.

Аз нисф камтари занони ҳомила дар давраи  мушоҳидаи то таваллуд ҳаби (таблеткаи) дар таркибаш оҳанро қабул кардаанд. Шумораи миёнаи рӯзҳои қабули ҳаби (таблеткаи) таркибаш оҳандор ҳангоми ҳомиладорӣ ба 10 рӯз баробар мешавад.

### Ёрии тиббӣ ҳангоми таваллуд

Аз чор се ҳиссаи ҳамаи фавти модарон ҳангоми таваллуд ва бевосита баъди давраи таваллуд ба вуқӯъ меояд. Ягона шарти ҳалкунандаи бехатарии модарон ҳангоми ҳар кадом таваллуд иштироки корманди салоҳиятноки тандурустӣ бо малакаю маҳорати момодоягӣ мебошад. Ғайр аз ин, барои ҳамлу нақли таваллудкунанда ба муассисаи тиббӣ ҷиҳати расондани хизмати момодоягӣ дар мавридҳое, ки кӯмаки таъхирнопазирро тақозо мекунад, мавҷуд будани нақлиёт зарур аст. Мақсади «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) аз он иборат аст, ки ба занон ҳангоми таваллуд хизмати арзон ва касбии тиббӣ таъмин карда шавад. Ҳиссаи таваллудҳо бо ёрии кормандони касбии тиббӣ расондашуда ва ҳиссаи таваллудҳо дар муассисаҳои тиббӣ нишондиҳанда шуда метавонанд. Нишондиҳандаи ёрии тиббии касбӣ, ки ҳангоми таваллуд расонда мешавад, барои мушоҳидаи рафти муваффақ шудан ба мақсади кам кардани фавти модарон ба андозаи аз чор се ҳисса дар давраи аз солҳои 1990-2015, ки дар Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола гуфта шудааст, истифода карда мешавад.

Тадқиқоти МИКС як қатор саволҳоро дар бар мегирад, ки барои баҳогузории ҳиссаи таваллудҳо бо ёрии тиббии касбӣ расондаи корманд заруранд. Корманди баландихтисоси тиббӣ - духтурон, ҳамшираҳои тиббӣ, момодояҳо ва ёварони момодояҳоро дар бар мегирад.

Тақрибан дар 83 фоизи ҳодисаҳои таваллуд, ки дар давоми ду соли то гузаронидани тадқиқоти МИКС корманди баландихтисос ёрии тиббӣ расонд (ҷадвали RH.5), ҳиссаи фоизии чунин ҳодисаҳо дар вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе хеле зиёд - мутобиқан 95 фоиз ва 85 фоиз, дар вилояти Хатлон бошад хеле кам–75 фоизро ташкил медиҳад. Ёрии касбӣ ҳангоми таваллуд бештар дар шаҳрҷойҳо (89 фоиз) нисбат ба деҳот (81 фоиз) мушоҳида мешавад. Агар ба тамоюлоти ёрии тиббӣ ҳангоми таваллуд назар андохта шавад, қайд кардан мумкин аст, ки пешравӣ хеле зиёд аст. Ҳиссаи таваллудҳо бо иштироки кормандони касбӣ аз 71 фоизи (МИКС-2000) то ба 83 фоиз дар соли 2005 зиёд шудааст. Аммо вазъияти кунунӣ ба беҳбудӣ зарурат дорад.

Ба кадом андозае, ки зан саводнок бошад, ба ҳамон андоза эҳтимолияти муроҷиати вай ба корманди касбӣ ҳангоми таваллуд зиёд аст. Фарқияти сабабноки синну соли занон вуҷуд дорад. Дар айни замон 87 фоизи занони 20-24 сола ҳангоми таваллуд аз хизмати корманди касбии баландихтисоси тиббӣ истифода мебаранд, ки ин фоиз барои занони 35-39 сола то ба 78 фоиз кам мешавад.

Дар ВМКБ, вилояти Хатлон ва НТҶ духтурон ҳангоми таваллудҳо танҳо ба аз панҷ се ҳодисаи таваллудҳо ёрии тиббӣ расондаанд. Момодояҳои анъанавӣ дар 9 фоизи ҳодисаҳои ин вилоятҳо иштирок кардаанд. Дар дигар минтақаҳо духтур дар 75 фоиз-86 фоизи ҳодисаҳо иштирок дошт, дар дигар мавридҳо 8 фоиз-12 фоизи таваллуд бо иштироки момодояҳои тиббӣ гузашт. Умуман 62 фоизи таваллудҳо дар ду соли охир дар муассисаҳои тиббӣ гузаштанд. Ин шумора дар вилояти Хатлон ва ВМКБ андаке кам-мутобиқан 42 фоиз ва 46 фоизро ташкил медиҳад. Дигар тамоюлот низ вуҷуд доранд: занони саводнокиашон кам ва камбағал дар муассисаҳои тиббӣ хеле кам-42 фоиз таваллуд мекунанд.

МИКС-2005 дар Тоҷикистон саволҳои иловагиро нисбати саломатии тазаккур ва натиҷаҳои ҳомиладорӣ дар бар гирифт. Натиҷаҳои ин таҳлил дар ҷадвали RH.5а оварда шу-

даанд, дар он ҷо 85 фоизи ҳамаи ҳомиладорӣ бо таваллуди кӯдаки зинда, 8 фоизи ҳомиладорӣ бо усули чоккунии сунъӣ ва 6 фоиз бо соқит (бачапартоӣ) анҷом ёфт. Қариб 1 фоизи ҳомиладорӣ бо таваллуди кӯдаки фавтида анҷомид.

### Фавти модарон

Дар давраи ҳомиладорӣ ва ҳангоми таваллуд мушкилӣ ва мураккабӣ яке аз сабабҳои фавт ва маъюбӣ дар байни занони синни қобили тазаккур дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф мебошад. Аз рӯи баҳогузории мавҷуда, аз сабабҳои вобаста ба модарон, дар ҷаҳон ҳар сол қариб 529 000 занон мемиранд. Дар чунин маврид ба ҳар кадом зани фавтида боз қариб 20 зане мебошад, ки ҷароҳату захм мебардорад, ҳангоми ҳомиладорӣ ё таваллудҳо инфектсия мегиранд ва маъюб мешаванд. Ин нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна 10 000 000 занон дар як сол ба чунин зарар ва шикаст мубтало мешаванд.

Мушкилоти паҳншудатарин ба марги ногаҳонӣ ин хунравии баъди таваллуд мебошад. Сепсис (ба тамоми бадан сироят кардани микробҳои касалиоваранда), мушкилот баъди исқоти ҳамли хавфнок (аборт), дарди давомдору тӯлонӣ ё вазнин ва вайронии гипертензивӣ ҳангоми ҳомиладорӣ, махсусан касалиҳои вазнини занони ҳомиладор низ баъзе шумораи ҳаётро мебаранд. Ин мушкилоте, ки дар ҳаргуна лаҳзаи ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллудҳо метавонанд ногаҳон рӯй диҳанд, ба таври таъхирнопазир дастрасию хизмати момодояи баландихтисосро тақозо мекунанд, ин тадбир имконият медиҳад, ки доруҳои наҷотдиҳанда, антибиотикҳо ва хунгузаронӣ ба амал баровварда шаванд, ҳамчунин чоки қайсар ва дигар намудҳои дахолати ҷарроҳӣ иҷро карда шаванд, бартараф кардани фавт аз дарди вазнин, касалиҳои вазнини занон ва хунравии назоратшаванда имконпазир гардад. Яке аз вазифаҳое, ки дар МРҲ зикр шудаанд, аз он иборат аст, ки дар давраи аз солҳои 1990-2015 аз чор се ҳиссаи коэффитсиенти фавти модарон кам карда шавад.

Фавти модарон ҳамчун фавти занон аз сабабҳои вобаста ба ҳомиладорӣ, ҳангоми таваллуд ё дар давоми 42 рӯзи баъди хотимаи ҳомиладорӣ муайян карда мешавад. Коэффитсиенти фавти модарон - ин шумораи ҳодисаҳои фавти модарон ба 100 ҳазор кӯдаки навзод мебошад. Дар МИКС коэффитсиенти фавти модарон ҳангоми ёрии усули ғайримустақили мусоҳибон (ҷавобдиҳандаҳо) дар бораи ҳамшираҳои тиббӣ баҳо дода мешавад. Ин имконият медиҳад, ки дар бораи қариб 12 соли то гузаронидани тадқиқот маълумот ҷамъоварӣ карда шавад. Ҷиҳати ҷамъоварии иттилоот, барои истифодаи ин усули баҳогузории зарурӣ, ба аъзои калонсоли хонавода дар бораи ҳамшираҳои тиббӣ, ки ҳоло зиндаанд ва дар бораи ҳамшираҳои тиббӣ, ки фавтидаанду ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ва баъди давраи таваллуд хизмат расондаанд, якчанд савол медиҳанд. Ҳамин тартиб, иттилооти ҷамъоваришударо дар нишондиҳандаҳои давомнокии хавфи фавти модарон ва коэффитсиенти фавти модарон тағйир медиҳанд.[12]

Натиҷаҳои МИКС нисбат ба фавти модарон дар ҷадвали RH.6 нишон дода шудаанд. Натиҷаҳо танҳо нисбати рақамҳои умумӣ оид ба мамлакат, ҳамон тавре ки коэффитсиентҳои

12 Ба таври муфассал дар бораи усули ғайримустақими пурсиши ҷавобдиҳандаҳо оид ба ҳамшираҳои тиббӣ нигаред ба WHO and UNICEF/1997

фавти  модарон маъмулан хатогии зиёди интихобро доранд, пешниҳод карда шудаанд. Аз рӯи баҳогузории мавҷуда, коэффитсиенти фавти модарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 100 000 кӯдаки зинда таваллудшуда 97 фавтро (ё наздики 1 фавт ба 1000 таваллуд) ташкил медиҳад.

# IX. ИНКИШОФИ КӮДАКОН

Хуб маълум аст, ки инкишофи босуръати қобилияти зеҳнию фикрии инсон дар 3-4 соли аввали ҳаёт ба вуҷуд меояд ва сифати тарбия дар оила омили муайянкунандаи инкишофи кӯдак дар ин давраи ҳаёташ мебошад. Дар ин самт машғулияти калонсолон бо кӯдакон, мавҷудияти китобҳо дар хона, ҳамчунин шароити нигоҳубини кӯдак ҳамчун нишондиҳандаи муҳими сифати тарбияи хонагӣ хизмат мекунанд. Мақсади «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ), таъсиси шароите мебошад, ки ба кӯдакон «Саломатии ҷисмонӣ, инкишофи фикрӣ, ботамкинии пуртаъсир, масъули иҷтимоиёт ва қобилияти аз худ кардани дониш» имконпазир бошанд.

Дар чорчӯбаи тадқиқот дар бораи намудҳои гуногуни фаъолият, ки ба таҳсили барвақтӣ мусоидат карда тавонанд, иттилоот ҷамъоварӣ карда шуд. Онҳо иштироки якҷояи калонсолон ва кӯдаконро дар намудҳои зерини фаъолият дар бар мегиранд: хондани китоб ё аз назар гузаронидани китоби расмдор, нақл кардани ҳикояҳо, хондани суруд, гашту гузор бо кӯдакон берун аз хона ё дар рӯи ҳавлӣ, бозӣ бо кӯдакон ва хондану номгӯй кардани ашёҳо, ҳисоб ё машғулият бо онҳо, расмкашии ашёю чизҳои гуногун.

Дар муносибат ба қариб аз се ду ҳиссаи (60 фоизи) шумораи умумии кӯдакони то панҷсола калонсолон дар фаъолияти беш аз чор намуде, ки ба гирифтани дониш, тайёрӣ ба мактаб, мусоидаткунанда мебошанд, дар давоми се рӯзи гузаштани тадқиқот иштирок карданд (ҷадвали CD.1). Шумораи миёнаи намудҳои фаъолият, ки калонсолон бо кӯдакон машғул шуданд, 3,7 воҳидро ташкил дод. Аммо аз ҷадвал низ дида мешавад, ки иштироки падарон ба чунин намудҳои фаъолият ба таври кофӣ хусусияти маҳдуд дошт ва танҳо 21 фоизро ташкил кард.

Фоизи калонсолоне, ки бо кӯдакон дар фаъолияти онҳо ба хондану ба тайёрии мактаб машғулият мегузаронанд, дар шаҳрҷойҳо (56 фоиз) нисбат ба деҳот (39 фоиз) зиёд аст. Ҳамчунин дар байни аҳолии минтақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолии иҷтимоию иқтисодӣ фарқияти ҷиддӣ мушоҳида мешавад.
Калонсолони ВМКБ бештар фаъолтар ба тарбияи кӯдакон (77 фоиз) машғул буданд ва андаке камтар дар НТҶ (56 фоиз) калонсолон ба тарбияи кӯдакон машғул буданд, дар айни замон ба чунин фаъолият нисбат ба 44 фоизи хонаводаҳои қашшоқ 73 фоизи кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои сарватмандтарин зиндагӣ мекунанд, фаро гирифта шудаанд. Иштироки падарон он тамоюлотеро инъикос намуд, ки иштироки калонсолон ба ҳамон фаъолият дахл дошт. Модарон ва падароне, ки бештар сатҳи саводнокиашон баланд аст нисбат ба волидайне, ки сатҳи саводнокиашон хеле паст аст, бо кӯдакони худ зиёдтар машғуланд.

Шиносоӣ бо китоб дар хурдсолӣ на танҳо ба кӯдак ёрӣ мерасонад, хубтар фаҳмад, ки калимаи чопӣ чӣ маънӣ дорад, ин имконият медиҳад, ки вайро бо чашмон бинад, дигарон чӣ хел мехонанд, масалан хоҳару бародарони калонсолтараш, ки вазифаи хонагиро иҷро мекунанд. Мавҷуд будани китоб аз нуқтаи назари хониши бомуваффақияти минбаъда

дар мактаб ва гузаштан ба хондани матнҳо ба коэффитсиенти инкишофи фикрӣ аҳамияти ниҳоят муҳим дорад.

Дар Тоҷикистон 46 фоизи кӯдакон дар хонаводаҳое зиндагӣ мекунанд, ки барои калонсолон 3 ё бештар китоб мавҷуд аст (ҷадвали CD.2.). Вале дар 17 фоизи кӯдакони 0-59 моҳа китоби бачагона мавҷуд аст. Шумораи миёнаи китоб барои калонсолон ва китоб барои кӯдакон якхел аст (як дона ё ягон дона). Сарфи назар аз он, ки тафовути гендерӣ вуҷуд надорад, кӯдакони шаҳрҳо ба ҳар ду намуди китобҳо ба таври васеъ дастрас мебошанд: 55 фоизи кӯдакони то панҷсола, ки дар шаҳрҷойҳо, дар хонаводаҳое зиндагӣ мекунанд, ки барои калонсолон бештар аз се китоб мавҷуд аст, дар айни замон барои деҳоти ноҳияҳо ба ҳамин монанд нишондиҳанда 43 фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи кӯдакони то панҷсола, ки беш аз се китоб доранд, ки дар шаҳрҷойҳо 27 фоизро ташкил медиҳанд, ин нишондиҳандаҳо дар деҳоти ноҳияҳо 13 фоизро ташкил медиҳанд, нишондиҳандаҳои шаҳрҷойҳо нисбат ба деҳот беш аз ду баробар зиёд аст. Мавҷудияти китоб, чӣ барои калонсолон ва чӣ барои кӯдакон ба андозаи миёна ба синну соли кӯдак таъсири мусбат мерасонад.

Аз ҷадвали CD.2 низ дида мешавад, ки 16 фоизи кӯдакони 0-59 моҳа дар хона 3 адад ё бештар бозича ё ашёе доранд, ки барои бозӣ таъин шудаанд, дар айни замон 11 фоизи кӯдакон умуман барои бозӣ ягон ашё надоштанд (ҷадвали CD.2). Дар чорчӯбаи МИКС-3 ашёе, ки барои бозӣ муносибанд, аз ашёи хонагӣ, бозичаҳои худсоз, бозичаҳои аз мағозаҳо харидашуда, ҳамчунин ашё ва маводе мебошанд, ки берун аз хона ёфта шудаанд, дар айни замон ҳиссаи бозичаҳои боқимонда камтар аз 30 фоизро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи кӯдаконе, ки 3 воҳид бештар бозича доранд, барои писарбачаҳо 14 фоиз ва барои духтарбачаҳо 17 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин мавзӯъ фарқияти байни шаҳру деҳот мушоҳида намешавад; фарқияти каме вобаста ба мақоми иҷтимоию иқтисодии хонаводаҳо ба қайд гирифта шудааст. Аз дигар тараф қайд кардан мумкин аст, ки фарқияти минтақавӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Масалан, дар шаҳри Душанбе танҳо 8 фоизи кӯдакон 3 ё бештар барои бозича ашё ва мавод доранд, ки нисбат ба кӯдакони НТҶ 26 фоиз ва 36 фоизи кӯдакони ВМКБ хеле кам аст. Яке аз дигаргуниҳои фоновӣ, ки ба миқдори ашё ва маводи бозичаҳои кӯдакон таъсири ҷиддӣ мерасонанд, ин синну соли кӯдак мебошад.

Хуб маълум аст, ки хавфи ҳодисаҳои нохуш зиёд шуда истодааст, дар ҳоле, ки агар кӯдаконро танҳо ё таҳти назорати дигар кӯдакони хурдсол танҳо гузошта бошанд. Дар чорчӯбаи гузаронидани МИКС ҷиҳати фаҳмидани он ки оё кӯдакони 0-59 моҳа дар давоми як ҳафтае, ки пурсиш мегузашт танҳо гузошта шуда буданд ё онҳоро зери назорати дигар кӯдакони то 10 сола монда буданд, ду савол дода шуд.

Аз ҷадвали CD.3 дида мешавад, ки 12 фоизи кӯдакони 0-59 моҳа дар зери назорати дигар кӯдакон гузошта шуда буданд, дар айни замон 3 фоизи кӯдакон дар мавридҳои гузаштани пурсиш дар давоми як ҳафта бе назорат гузошта шудаанд. Бо назардошти муттаҳид намудани ин ду нишондиҳанда сатҳи нигоҳубини кӯдакон тавре ҳисоб карда шуд, ки 13 фоиз ё бештар нисбат ба ҳар кадом кӯдаки ҳаштуми дар давоми ҳафтае, ки пурсиш гузашт, аз нигоҳубини бояду шояд маҳрум буданд. Дар ин ҳолат ягон фарқият аз нуқтаи назари ҷинсияти кӯдакон ё маҳалли истиқомати онҳо шаҳр ё деҳот қайд нашудааст. Кӯдаконе, ки дар вилояти Хатлон ва вилояти Суғд зиндагӣ мекунанд, бештар бе нигоҳубини зарурӣ мемонанд, дар шаҳри Душанбе ҳиссаи чунин кӯдакон хеле кам (4 фоиз) мебошад. Аз дигар тараф ба дараҷаи хеле зиёд нисбат ба кӯдаконе, ки модаронашон ба ҳисоби миёна таҳсилоти миёна доранд (17 фоиз) нисбат ба кӯдаконе, ки модаронашон умуман ягон савод

надоранд (8 фоиз) ба таври кофӣ нигоҳубин намешаванд. Кӯдакони 24-59 моҳа бештар аз нокифоягии нигоҳубин (16 фоиз) нисбат ба кӯдакони 0-23 моҳа (7 фоиз) азият мекашанд. Ба андозаи афзоиши некӯаҳволии хонаводаҳо имконият бештар муҳаё мегардад, то ки беназоратии даркории кӯдакон то андозае кам шавад.

# X. МАОРИФ

### Рафтан ба муассисаҳои томактабӣ ва тайёрӣ ба мактаб

Ба машғулият рафтан барои тайёрӣ ба таҳсил, ба мактаб дар чорчӯбаи чараёни ташкил кардашудаи таҳсил ё барномаи кӯдакони синни барвақтӣ барои таъмини тайёрии кӯдак ба мактаб аҳамияти калон дорад. Яке аз мақсадҳои гузоштаи «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) рушди барвақтии таҳсилоти томактабӣ мебошад.

Танҳо 10 фоизи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 36-59 моҳагӣ ба муассисаҳои томактабӣ (чадвали ED.1) мераванд. Фарқияти назарраси байни шаҳру деҳот, ҳамчунин дар байни минтақаҳо ин нишондиҳанда нисбат ба 5 фоизи деҳоти ноҳиявӣ дар шаҳрҳо ба 25 фоиз мерасад. Дар байни кӯдакони 36-59 моҳа рафтан ба муассисаҳои томактабӣ аз ҳама зиёд (33 фоиз) дар шаҳри Душанбе ва аз ҳама кам (4 фоиз) дар НТҶ мушоҳида мешавад. Фарқияти гендерӣ вуҷуд надорад, аммо дар чунин ҳолат вобаста ба вазъияту ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ фарқияти назаррас вуҷуд дорад; 29 фоизи кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои сарватмандтарин зиндагӣ мекунанд ба муассисаҳои томактабӣ мераванд, дар айни замон кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои қашшоқтарин зиндагӣ мекунанд, ин нишондиҳанда то ба 1 фоиз кам мешавад. Ҳиссаи кӯдаконе, ки дар 36-47 моҳа ва 48-59 моҳа ба муассисаҳои томактабӣ мераванд, дар амал як хел аст (10 фоиз).

Дар чадвали ED.1 дар бораи ҳиссаи кӯдаконе, ки дар соли гузашта ба муассисаи томактабӣ рафта буданд, дар соли аввали таҳсил дар мактаби ибтидоӣ таҳсил мекунанд, оварда шудааст, ин ҳамчун нишондиҳандаи муҳим ба сатҳи тайёрӣ ба машғулиятҳои мактаб хизмат мекунад. Умуман, 25 фоизи кӯдаконе, ки дар айни замон 7 солаанду дар синфи аввали мактаби ибтидоӣ таҳсил мекунанд, соли гузашта ба муассисаҳои томактабӣ рафта буданд. Ин нишондиҳанда барои писарбачаҳо (27 фоиз) нисбат ба духтарбачаҳо (24 фоиз) андаке зиёд аст, дар чунин ҳолат дар шаҳрҷойҳо қариб аз се ду ҳиссаи (59 фоиз) кӯдакон дар соли гузашта ба муассисаҳои томактабӣ рафта буданд, рафтани кӯдакони деҳот дар соли гузашта 16 фоизро ташкил кардааст. Фарқияти минтақавӣ хеле зиёд аст: дар шаҳри Душанбе ҳиссаи синфҳои якум, ки ба муассисаҳои томактабӣ рафта буданд, нисбат ба ҳамсолоношон дар вилояти Хатлон (7 фоиз) 75 фоизро ташкил медиҳад. Вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ низ ба сатҳи тайёрӣ ба таҳсили мактаб таъсири назаррас мерасонад. Барои кӯдакони хонаводаҳои қашшоқтарин нишондиҳандаи дахлдор танҳо 11 фоизро ташкил медиҳад, нисбат ба кӯдакони сарватмандтарин бошад вай то ба 58 фоиз зиёд мешавад.

### Таҳсил дар мактаби ибтидоӣ ва миёна

Ба таври умумӣ дастрас будан ба таҳсилоти ибтидоӣ ва гирифтани маълумоти ибтидоӣ ба ҳамаи кӯдаконе,  ки дар рӯи замин зиндагӣ мекунанд, яке аз вазифаҳои муҳимтарини Мақсадҳои Рушди Ҳазорсолаи (МРҲ) ва «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) мебошад.

Таҳсилот – ин шарти пешакии муҳими муборизаи самаранок бо камбизоатӣ, таъмини ҳуқуқи занон, маҳдуд намудани миқёси меҳнати кӯдакон мебошад, ки барои саломатӣ ва хусусиятҳои истисмор зарароваранд, ҳамчунин ҳимояи кӯдакон аз истисмори шаҳватпарастӣ, риояи ҳуқуқи инсон ва меъёрҳои демократӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини назорат аз болои афзоиши шумораи аҳолӣ мебошад.

Ба нишондиҳандаҳои рафтан ба мактаби ибтидоӣ ва миёна таалluқ доранд:

- Коэффитсиенти холиси фарогирии кӯдакон ба системаи таҳсилоти ибтидоӣ
- Коэффитсиенти холиси рафтан ба донишкадаҳои таҳсилоти ибтидоӣ
- Коэффитсиенти холиси рафтан ба донишкадаҳои таҳсилоти миёна
- Таносуби байни хонаводаҳо - духтарбачаҳо ва писарбачаҳо (коэффитсиенти таносуби чинсҳо)

Ба нишондиҳандаҳои пешравӣ дар мактаб таалluқ доранд:

- Ҳиссаи кӯдаконе, ки ба синфи 5-ум гузаштаанд
- Коэффитсиенти гузаштан ба зинаи таҳсилоти миёна
- Коэффитсиенти холиси хатми мактаби ибтидоӣ

Аз шумораи умумии кӯдакони синни дохилшавӣ ба мактаби ибтидоӣ (7 сола) дар Точикистон 65 фоиз ба синфи якуми мактаби ибтидоӣ мераванд (чадвали ED.2). Духтарбачаҳо бештар нисбат ба писарбачаҳо сари вакт (66 фоиз) нисбат ба писарбачаҳо (63 фоиз) ба мактаби ибтидоӣ мераванд. Дар байни шаҳрҳо ва деҳот фарқият аст. Масалан, дар шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон аҳамияти инкишофдиҳанда ба 84-85 фоиз мерасад, дар айни замон дар НТҶ бузургии вай ҳамагӣ 42 фоизро ташкил медиҳад. Дохил шудани кӯдакон ба мактаби ибтидоӣ дар шаҳрчойҳо бештар хусусияти замонавӣ дорад (67 фоиз) нисбат ба деҳот (64 фоиз). Таъсири сатҳи саводнокии модарон ва вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ қайд карда мешавад: аз шумораи умумии кӯдакони 7 сола, ки модаронашон ба ҳисоби миёна таҳсилоти миёна доранд, 88 фоиз дар синфи якум таҳсил кардаанд. Барои хонаводаҳои сарватманд ин нишондиҳанда нисбат ба 64 фоизи хонаводаҳои қашшоқтарин қариб 73 фоизро ташкил медиҳад.

Дар чадвали ED.3 дар бораи ҳиссаи кӯдакони синни мактаби ибтидоӣ, ки ба мактаби ибтидоӣ ё миёна мераванд, маълумот оварда мешавад. Бештари кӯдакони синни мактаби ибтидоӣ (89 фоизи кӯдакони аз 7 то 10 сола) ба мактаб мераванд. Вале қариб ҳар кӯдаки даҳуми (11 фоиз) синни мактабӣ таҳсил намекунад. Фарқият аз рӯи тавсифоти фоновӣ мисли маълумотҳое, ки дар боло оварда шуданд, монандад. Фарқияти байни синну соли дохилшавӣ ба мактаби ибтидоӣ ва коэффитисиенти рафтан ба мактаби ибтидоӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки баъзе кӯдакон таҳсилро нисбат ба мӯҳлати зарурӣ дер сар мекунанд.

Коэффитсиенти холиси рафтан ба мактаби миёна дар чадвали ED.4 оварда шудааст. Далели тааҷҷубовар он аст, ки нарафтани 11 фоизи кӯдакон ба мактаби ибтидоӣ аз он иборат аст, ки қариб ҳар кӯдаки панҷуми синни мактабӣ ба мактаби миёна намеравад. Ин кӯдакон ё таҳсилро тарк кардаанд ё ҳанӯз дар мактаби ибтидоӣ таҳсил мекунанд (ниг. ба зер). Ин натиҷа пеш аз ҳама рақамҳои расмии солҳои таҳсили 2004/2005-ро ба хотир меоваранд. Ин шаҳодати он аст, ки коэффитсенти холиси мактабравӣ бо маълумоти соли таҳсили мазкур 80 фоизро ташкил дод.

Фарқияти ҷуғрофӣ низ назаррас аст: кӯдакон дар ВМКБ ва шаҳри Душанбе бештар (мутобиқан, 93 фоиз ва 84 фоиз) нисбат ба кӯдакони дигар минтақаҳо ба мактаби миёна мераванд. Ғайр аз ин , кӯдакони шаҳрҳо бештар нисбат ба кӯдакони деҳот ба мактаб мераванд. Писарбачаҳо зиёдтар 89 фоиз нисбат ба духтарбачаҳо 74 фоиз ба мактаб мераванд. Сатҳи саводнокии модарон ва сатҳи некӯаҳволии хонаводаҳо ба мактабравии кӯдакон ба мактаби миёна таъсири назаррас мерасонанд.

Аҳамияти коэффитсиенти холиси ба донишкадаҳои ибтидоӣ рафтани кӯдакони синни мактаби миёна дар ҷадвали ED.4W оварда шудааст. Ҳамагӣ 3 фоизи кӯдакони синни мактаби миёна ба мактаби ибтидоӣ мераванд, ин кӯдакон кайҳо бояд ба мактаби миёна мерафтанд. Боқимонда 15 фоиз умуман ба мактаб намераванд.

Ҳиссаи фоизии кӯдаконе, ки ба синфи якум рафтаанд ва то синфи панҷум таҳсилро давом додаанд, дар ҷадвали ED.5 инъикос ёфтаанд. Қариб ҳамаи кӯдакони дохилшавандаи синфи якум (99 фоиз) то синфи панҷум таҳсилро давом додаанд. Ба ин шумора хонандаҳои такроран ба синфашон монда (соли дуюм) дохил мешаванд.

Коэффитсиенти холиси хатми мактаби ибтидоӣ ва коэффитсиенти гузаштан ба мактаби миёна дар ҷадвали ED.6 оварда мешаванд. Дар лаҳзаи гузаронидани тадқиқот 85 фоизи кӯдакони синни хатми мактаби ибтидоӣ (10 сола) ба синфи болоии мактаби ибтидоӣ рафтанд. Фоизи хеле ками кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои қашшоқтарин зиндагӣ мекунанд ва хонаводаҳои квантили дуюм ба синфи охирони мактаби ибтидоӣ (80 фоиз) рафтанд. Ин нишондиҳандаро аз коэффитсиенти умумии хатми мактаби ибтидоӣ, ки кӯдакони ҳамаи синну солро, ки ба синфи болоии мактаби ибтидоӣ мераванд, фарқ кардан лозим аст. Бисёрии кӯдаконе, ки бомуваффақият таҳсилро дар синфи охирони мактаби ибтидоӣ ба охир расондаанд, 99 фоизашон таҳсилро дар синфи панҷуми  мактаби миёна давом додаанд.

Таносуби байни духтарбачаҳо ва писарбачаҳое, ки ба мактаби ибтидоӣ ва миёна рафтаанд, дар ҷадвали ED.7 инъикос ёфтааст. Ин таносуб бештар ба сифати коэффитсиенти таносуби ҷинсҳо маълум аст. Дар ҳамин ҳуҷҷат коэффитсиентҳои истифодашуда на ба коэффитсиентҳои умумии давомот (мактабравӣ), балки ба коэффитсиентҳои холис асоснок карда шудаанд. Коэффитсиенти охирин дар бораи коэффитсиенти таносуби ҷинсҳо тасаввуроти таҳрифро медиҳанд, асосан ба нисбати он ки дар бештари мавридҳо қисми асосии кӯдакон, синну солашон аз синну соли таҳсили мактаби ибтидоӣ – инҳо писарбачаҳо зиёд аст. Аз ҷадвал фаҳмидан мумкин аст, ки коэффитсиенти таносуби ҷинсҳо барои мактаби ибтидоӣ ба 1,00 баробар аст, зеро дар бораи мавҷуд набудани фарқияти сатҳи ба мактабравӣ, ба мактаби ибтидоӣ байни писарбачаҳо ва духтарбачаҳо гувоҳӣ медиҳад. Вале ин нишондиҳанда нисбат ба таҳсилоти  миёна то ба 0,83 кам мешавад; яъне ба ҳар 10 писарбачаҳое, ки ба мактаби миёна рафтаанд, 8 духтарбача рост меояд. Вазъияти номусоиди духтарбачаҳо дар вилояти Суғд ва ВМКБ, ҳамчунин дар байни кӯдакони хонаводаҳои сарватманд ва дар шаҳрҷойҳо, дар байни ҳамаи гурӯҳҳои забонӣ, ғайр аз забони русӣ камтар равшан аст.

## Саводнокии аҳолии калонсол

Яке аз мақсадҳои «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) – ин таъмин намудани саводнокии калонсолон мебошад. Сатҳи саводнокии калонсолон нишондиҳандаи Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола низ мебошад, ба дараҷаи баробар чӣ барои мардон ва чӣ барои занон саводнокӣ зарур аст. Дар чорчӯбаи МИКС варақаҳои пурсиш танҳо барои занон пешбинӣ шудаанд. Натиҷаҳо ба маълумотҳои оид ба занони 15-24 сола асоснок карда мешаванд. Сатҳи саводнокӣ дар асоси қобилияти заноне, ки ҷумлаҳои кӯтоҳу соддаро ба забонҳои тоҷикӣ ё русӣ хонда метавонанд ё аз далелҳои таҳсилоти онҳо дар мактаб (заноне, ки ба ҳаргуна сатҳи мактаби миёна таҳсил кардаанд, саводнок ҳисобида шудаанд) баҳо дода мешавд.

Сатҳи саводнокӣ дар байни ҷавонзанон дар Тоҷикистон 95 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамон тавре ки интизор рафт, сатҳи саводнокӣ дар байни заноне, ки таҳсил накардаанд ва таҳсилоти ибтидоӣ доранд, мутобиқан, 12 ва 32 фоизро ташкил медиҳад. Бештари ҷавонзанони 15-19 сола (94 фоиз) нисбат ба занони 20-24 сола (96 фоиз) камтар саводноканд. Он чизе, ки ба фарқияти минтақавӣ дахл дорад, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи саводнокии ҷавонзанон дар вилояти Хатлон ва НТҶ нисбат ба занони дигар минтақаҳо паст аст. Сатҳи саводнокии занони сарватмандтарин хеле баланд будааст; 98 фоизи занони 15-24 солаи хонаводаҳои сарватмандтарин нисбат ба 90 фоизи занони хонаводаҳои қашшоқтарин хеле баланд аст.

# XI. МУҲОФИЗАТИ ҲУҚУҚИ КӮДАК

## Ба қайдгирии таваллуд

Дар Конвентсияи дар бораи ҳуқуқи кӯдак гуфта мешавад, ки ҳар як кӯдак ба ном, шаҳрвандӣ, ҳамчунин ба ҳифзу нигоҳ доштани фардият ҳуқуқ дорад. Ба қайд гирифтани таваллуд усули асосии таъмини ин ҳуқуқҳо мебошад. «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) вазифадор менамояд, ки системае тартиб ва таҳия карда шавад, ки ба қайдгирии ҳар кадом кӯдак фавран ё баъди лаҳзаи таваллуд ва ҳуқуқи вай ба ном ва шаҳрвандӣ мувофиқи қонунҳои миллӣ ва мувофиқи ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ таъмин карда шавад. Ҳиссаи кӯдакони то панҷсола, таваллудҳое, ки ба қайд гирифта шудаанд, нишондиҳандаи фоизӣ мебошад.

Далели таваллуди 88 фоизи кӯдакони то 5 сола дар Тоҷикистон (ҷадвали CP.1) ба қайд гирифта шудааст, нисбат ба кӯдаконе, ки дар вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва ВМКБ зиндагӣ мекунанд, афзалият дорад. Аҷоибот дар он аст, ки ба қайдгирии таваллуди кӯдак дар деҳот бештар – 90 фоиз нисбат ба шаҳрҷойҳо 85 фоиз анҷом дода мешавад. Ба чӣ андозае, ки кӯдак калон шавад, ҳамон қадар имконияти бақайдгирии таваллуди вай зиёд аст: ин нишондиҳанда дар байни кӯдакони 0-11 моҳа аз 82 фоиз то ба 92 фоиз дар байни кӯдакони 48-59 моҳа афзудааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бақайдгирӣ дер анҷом дода шудааст. Бақайдгирии таваллуд бештар ба сатҳи саводнокии модарон вобаста аст. Фоизи таваллуди бақайд гирифташуда дар байни кӯдаконе, ки модаронашон таҳсилоти миёнаи махсус ё таҳсилоти олӣ доранд, (92 фоиз) хеле зиёд аст.

Дар байни кӯдаконе, ки таваллудашон ба қайд гирифта нашудааст, сабаби асосӣ арзиши маросими бақайдгирӣ мебошад, ин 42 фоизро ташкил медиҳад. Нокифоятии вакт, мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳо ва масофаи маҳалли бақайдгирӣ низ ҳамчун сабаби ба қайд нагирифтани таваллуди кӯдак нишон дода шудааст, аммо бо назардошти шумораи ками ҳодисаҳои бақайдгирифташуда, ба ин натиҷаҳо бо диққати даркории оҳистагӣ муносибат кардан зарур аст.

## Меҳнати кӯдакона

Дар моддаи 32 Конвентсияи дар бораи ҳуқуқи кӯдак чунин баён шудааст: «…Давлатҳо - иштирокчиён ҳуқуқи кӯдакро дар ҳимоя аз истисмори иқтисодӣ ва аз иҷрои ҳар гуна корҳое, ки барои саломатӣ ва инкишофи ҷисмонӣ, ахлоқи фикрӣ ва рӯҳӣ ё рушди иҷтимоӣ, дар гирифтани дониши онҳо хатарнок ё зараррасон мебошанд, эътироф мекунанд…» . Дар «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) 9 стратегияи мубориза бо меҳнати кӯдакон хотиррасон карда мешавад. Дар Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола (МРҲ) бошад, даъват дар бораи муҳофизати кӯдакон аз истисмор инъикос ёфтааст. Дар саволномаи МИКС як қатор саволҳо ба масъалаи меҳнати кӯдакон бахшида шудааст, яъне оё кӯдакони 5-14 сола

ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд? Агар дар давоми ҳафтае, ки тадқиқот гузашта истодааст, кӯдак кор кунад, ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб кардашуда ҳисобида мешавад, вай:

- дар 5-11 солагӣ дар давоми ҳафта ба ҳисоби миёна 1 соат кор кард барои музди кор ё 28 соат машғул буд / дар корҳои хона машғул буд;
- дар 12-14 солагӣ: дар давоми ҳафта ба ҳисоби миёна 14 соат кор кард / барои музди кор ё 28 соат машғул буд / бо корҳои хона машғул буд;

Ин муайянкунанда имконият медиҳад, ки меҳнати кӯдакон аз корҳои кӯдакон бо мақсади ошкор намудани намудҳои кор, ки бояд сарфи назар карда шаванд, ҷудо, яъне фарқ карда шавад. Моҳиятан, баҳои дар ҳамин гузориш пешниҳодшуда – ин нишондиҳандаи ҳадди ақали пахншавии меҳнати кӯдакона аст, гарчанде як қисми кӯдакон барои саломатиашон хатарнок дар давоми миқдори ками соат нисбат ба меъёри пешбинишудаи дар боло овардашуда ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шуда метавонад. Дар ҷадвали CP.2 дар бораи меҳнати кӯдакона бо тақсими намудҳои кор маълумот пешниҳод карда шудааст. Ин фоиз ба меҳнати умумии кӯдакон изофашуда намебошад, зеро кӯдакон метавонанд ба як ё бештар намуди фаъолият ҷалб карда шаванд.

Даҳ фоизи кӯдакони аз 5 то 14 сола дар Тоҷикистон ба меҳнати кӯдакона, асосан ба кори пардохтнашаванда ва хонагӣ ҷалб карда шудаанд.

Фарқияти минтақавӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи кӯдакони ба меҳнати кӯдакона ҷалб кардашуда дар ВМКБ аз ҳама зиёд аст, дар он ҷо қариб чоряки кӯдакони аз 5 то 14 сола ба меҳнати кӯдакона машғуланд. Ин модел дар сатҳи миллӣ нигоҳ дошта мешавад, гарчанде кӯдакон асосан ба меҳнати пардохтанашаванда ва хона ҷалб карда шудаанд. Аз дигар тараф, кӯдакони шаҳри Душанбе нисбат ба дигарон камтар ба меҳнати кӯдакона (2 фоиз), асосан ба корҳои бизнеси оилавӣ ҷалб карда шудаанд. Кӯдаконе, ки дар шаҳрҷойҳо истиқомат мекунанд, (8 фоиз) нисбат ба кӯдакони деҳот (11 фоиз) хеле кам ба меҳнат ҷалб карда мешаванд.

Кӯдакони оилаҳои қашшоқ, ҳамчунин кӯдаконе, ки модаронашон савод надоранд ва кӯдакони то 12-14 сола, ҳангоме, ки сухан дар бораи меҳнати кӯдакона меравад, гурӯҳи аз ҳама зиёд истисморшавандаро нишон медиҳанд. 14 фоизи кӯдакони хонаводаҳои қашшоқтарин ва 16 фоизи кӯдаконе, ки модаронашон ҳеҷ вақт ба мактаб нарафтаанд, ба меҳнати кӯдакона ҷалб карда шудаанд.

Дар ҷадвали CP.3 дар бораи ҳиссаи фоизии кӯдаконе, ки ба сифати хонандагони коргар ё хонандагони корманд тасниф шудаанд, маълумот пешниҳод карда шудааст. Хонандагони коргар - инҳо кӯдаконе мебошанд, ки ба мактаб мераванд. Агар аниқтар гӯем, дар он сурат аз 75 фоизи кӯдакони 5-14 солае, ки ба мактаб мераванд, 12 фоизашон инчунин ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб карда шудаанд. Ҳиссаи хонандагони коргар дар байни кӯдакони ВМКБ, деҳот ва хонаводаҳои қашшоқтарин аз ҳама зиёд аст.

Аз дигар тараф аз кӯдаконе, ки ҳамчун кӯдакони коргар тасниф шудаанд, қисми зиёдашон (89 фоиз) ба мактаб низ мераванд. Ин ҳисса дар байни кӯдаконе, ки дар хонаводаҳои забони сардори хонавода тоҷикӣ мебошаду истиқомат мекунанд, то андозае кам мебошад.

## Интизоми кӯдакона

Ҳамон тавре ки дар «Дунёи ба ҳаёти тифлон мувофиқ» (ДҲТМ) қайд карда мешавад, кӯдакон бояд аз ҳар гуна меъёрҳои зӯроварӣ ҳимоя карда шаванд, дар Изҳороти Ҳазорсола бошад, чунин даъват шудааст, кӯдакон бояд аз муомилаи қабеҳу ситамовар, истисмор ва зӯроварӣ ҳимоя карда шаванд. Дар чорчӯбаи гузаронидани МИКС оид ба Тоҷикистон ба модарон/мураббиёни кӯдакони 2-14 сола як қатор саволҳо дода шуданд, дар бораи он ки дар мавридҳое, ки кӯдакон беадабӣ ё рафтори бад мекунанд ба кадом усулҳо модарон маъмулан кӯдаконро тарбия мекунанд. Барои модуле, ки ба интизоми кӯдакон бахшида шудааст, дар чорчӯбаи ҷамъоварии маълумотҳо дар маҳалҳо бо усули интихоби тасодуфӣ аз ҳар кадом хонавода як кӯдаки 2-14 сола интихоб карда шуда буд. Аз ин саволҳо ду нишондиҳандаи зайл барои тавсифи интизоми кӯдакона истифода карда шудаанд: 1) шумораи кӯдакони 2-14 сола, ки ба сифати ҷазо ба фишори рӯҳӣ ё ба ҷазои сабуки ҷисмонӣ ё бо ҷазои сахти ҷисмонӣ гирифтор карда мешаванд; ва 2) шумораи волидайн/мураббиёни кӯдакони 2-14 сола, ки гӯё чунин меҳисобанд, бо мақсади тарбияи зарурӣ ба кӯдакон ҷазои ҷисмонӣ ҷорӣ кардан лозим аст.

Дар Тоҷикистон қариб чоряки кӯдакони (74 фоиз) 2-14 сола ба ҳисоби миёна ба яке аз шаклҳои ҷазои рӯҳӣ ё ҷазои ҷисмонӣ аз тарафи модарон/мураббиёни худ ё дигар аъзои хонавода гирифтор шудаанд. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки 16 фоизи кӯдакон ба ҷазои сахти ҷисмонӣ гирифтор шудаанд, бештар аз ин бошад, ҳар кӯдаки дуюм (55 фоиз) ба ҷазои нарми ҷисмонӣ гирифтор аст. Аз дигар тараф, ҳамагӣ 15 фоизи модарон/мураббиён чунин ҳисобиданд, ки ба кӯдакон ҷазои ҷисмонӣ ҷорӣ кардан лозим аст, ин муносибат бо сатҳи амалии ҷазои паҳншудаи ҷисмонӣ мухолифати аҷоибе дорад.

Ҳар кӯдаки панҷум дар  Тоҷикистон ба ҷазои интизомӣ бо истифодаи зӯроварӣ дучор шудаст, ҳар кӯдаки даҳум (7 фоиз) ҳеҷ вақт ба ҷазо ё ба дигар ҷазои интизомӣ бо чораҳои таъсиррасонӣ гирифтор нашудааст.

Писарбачаҳо бештар чӣ ба ҷазои нарм ва чӣ ба ҷазои сахти ҷисмонӣ (58 ё 18 фоиз) нисбат ба духтарбачаҳо (51 ва 14 фоиз) гирифтор шудаанд. Истифода ва ҷорӣ намудани чораи сахт – таъсиррасонии интизомӣ бештар дар вилояти Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе мушоҳида мешавад. Истифодаи онҳо то андозае болоравии сатҳи некӯаҳволиро заиф мегардонанд. Қариб 18 фоизи мураббиёни хонаводаҳои қашшоқтарин ҷазои сахти ҷисмониро нисбат ба кӯдак истифода мебаранд; ин ҳисса дар байни мураббиёни хонаводаҳои сарватмандтарин то ба 15 фоиз кам аст.

## Никоҳи барвақтӣ

То ба 18 солагӣ расидан ва баъдан ба шавҳар баромадан барои бисёрии духтарон амри воқеист. Аз рӯи баҳои ЮНИСЕФ дар тамоми ҷаҳон зиёда аз 60 000 000 занони 20-24 сола то расидан ба синни 18 ба никоҳ / иттифоқ баромадаанд. Омиле, ки ба нишондиҳандаи паҳншавии никоҳ дар синни кӯдакӣ таъсир мерасонад, иборат аст аз: ҳолати системаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии мамлакат (ЗАГС - САҲШ), ки ба гирифтани санади тасдиқи синни кӯдак далолат мекунад; мавҷудияти заминаҳои қонунгузории дахлдор ва механизмҳои дахлдори ҳуқуқӣ нисбат ҳодисаҳои баромадан ба ақди никоҳ дар синни кӯдакӣ;

ҳамчунин мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқи маъмулӣ ё мазҳабӣ-динӣ, ки ба муросо кардан бо чунин таҷриба имконият медиҳанд.

Дар бештари минтақаҳои ҷаҳон волидайн дар синни кӯдакӣ ба никоҳ баромадани духтарбачаҳои худро тақдир мекунанд, ба он умед мебанданд, ки ин ба онҳо неъматҳои иҷтимоӣ ва молиявӣ меоварад, дар айни замон вазнинии молиявии оиларо сабук мегардонад. Дар асл бошад, никоҳи синни кӯдакӣ вайрон кардани ҳуқуқи инсон мебошад, ба рушду нумӯи духтарбача хатарнок буда, пеш аз ҳама ба ҳомилашавии барвақтӣ ва печидагиҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки дар якҷоягӣ бо сатҳи пасти таҳсилот ва таҳсили касбӣ, ки таркиботи қашшоқиро ташкил медиҳанд, ҳолати гендериро метезонад. Ҳуқуқи ба "озодона ва пурра" ризоят ба ақди никоҳ дар Изҳороти умумии ҳуқуқи инсон ва он чизе, ки мувофиқа шуда наметавонад "озодона ва пурра" дар сурате, ки яке аз тарафҳо барои қабули қарори бошуурона нисбат ба ҳамсари ҳаётии худ ба таври кофӣ ба камол нарасидааст, эътироф шудааст. Дар Конвентсияи дар бораи барҳам додани ҳама гуна шакли поймолкунии ҳуқуқ нисбат ба занон ҳуқуқи ҳимоя аз никоҳи синни кӯдакӣ дар моддаи 16 қайд карда мешавад, ки чунин гуфта шудааст: «…Маросимҳо ва никоҳи кӯдак қувваи ҳуқуқӣ (юридикӣ) надоранд, ҳамаи чораҳои зарурӣ, аз ҷумла санадҳои қонунгузорӣ бо мақсади муайян намудани синну соли ҳадди ақали никоҳ истифода бурда мешаванд…» Гарчанде дар Конвентсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак оид ба масъалаи бевоситаи никоҳ пешбинӣ нашудааст, никоҳ дар синни кӯдакӣ ба дигар ҳуқуқҳо вобаста аст – ҳуқуқ барои озодона ифода кардани ақидаҳои худ, ҳуқуқ барои ҳимоя аз ҳар гуна шаклҳои муносибатҳои қабеҳи сахт, ҳамчунин ҳуқуқ барои ҳимоя аз амалу таҷрибаҳои анъанавӣ, ки ба саломатии кӯдак таъсир мерасонанд – ва бештар дар Кумитаи оид ба ҳуқуқи кӯдак муҳокима ва баррасӣ мешавад. Дигар созишномаҳои байналхалқӣ, ки ба масъалаҳои никоҳ дар синни кӯдакӣ дахолат мекунанд, *Конвентсия дар бораи мувофиқа ба никоҳ, синну соли ҳадди ақали ба никоҳ ва қайди никоҳ даромадан мебошад*.

Духтарони ҷавони ба шавҳарбаромада, гарчанде бештар гурӯҳи нонамоёнанд, гуногун мебошанд. Маҷбуран ҳаҷми зиёди корҳои хонаро иҷро кардан, серфарзанд шудани худро нишон додан, барои тарбияи кӯдакон масъулиятро ба дӯш гирифтан, дар айни замон, бо вуҷуди он ки худашон ҳанӯз дар синни кӯдакӣ қарор доранд, духтарони шавҳардор ва модарони синну соли ноболиғ дар қабули ҳар гуна қарор ва интихоби роҳи ҳаёту зиндагӣ ба имкониятҳои маҳдуд рӯ ба рӯ меоянд. Масъалан, ба никоҳ даромадан дар синни кӯдакӣ ба писарбачаҳо низ таъсир мерасонад, вале барои духтарбачаҳо миқёсан ва амиқан бештар таъсирноктар аст. Зиндагии якҷояи ғайриникоҳ, ҳангоме, ки ҷуфт зиндагӣ мекунанд, гӯё дар никоҳ мебошанд – ҳамон масъалаҳоеро нисбат ба ҳуқуқи инсон мебардорад, ки дар ақди никоҳ буданд. Ҳангоме ки духтар бо мард зиндагӣ мекунаду ғамхории вайро ба дӯш мегирад, ин бештар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вай занаки  калонсол шудаст, ҳатто агар вай ҳанӯз ба синни 18 нарасидааст. Масъалаҳои иловагии вобаста ба хусусиятҳои муносибатҳои ғайрирасмӣ (масалан, масъалаи ворисшавӣ, ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ӯҳдадориҳо, ҳамчунин эътирофи ҷамъиятӣ) метавонанд духтарбачаро ба он водор созанд, ки ба никоҳи иттифоқи ғайрирасмӣ нисбат ба он ашхосе, ки ба никоҳи расмӣ қарор доранд, аз нуқтаи назари гуногун бештар таҳқиршуда гардонанд.

Маълумотҳои тадқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки хавфи ба никоҳ даромадан барои духтарбача дар натиҷаи як қатор омилҳои зиёди ба ҳамдигар таъсиррасон ташаккул меёбад. Қашшоқӣ, ҳимояи духтарбача, ору номуси оила ва таъмини устуворӣ дар давраи ғайриусту вории иҷтимоӣ омилҳои зиёде ба ҳисоб меравaнд, ки дараҷаи хавфро барои духтарбача

ҷиҳати баромадан ба шавҳар ҳанӯз дар синни кӯдакӣ муайян мекунанд.Заноне, ки дар синни барвақтӣ ба шавҳар баромадаанд, бештар майл доранд ба он далел, ки шавҳар метавонад зани худашро лат кунад, занад ва бештар эҳтимоли он меравад, ки худашон дар оила ба зӯроварӣ гирифтор мешаванд. Фарқияти синну соли байни шарикон ба сифати омиле баррасӣ мешавад, ки ба динамикаи паҳн шудани таҷрибаи сӯиистифодаи қувваи ҷисмонӣ ва хавфи барвақт бева монданро зиёд мегардонад.

То расидан ба синни никоҳ ва синни оғози ҳаёти шаҳватпарастӣ духтарбачаҳо бо проблемаи баромадан ба никоҳ алоқаи зич доранд. Заноне, ки то расидан ба синни 18 ба никоҳ даромадаанд, чун қоида, нисбат ба он шахсоне, ки дар синни калонсолтар ба шавҳар баромадаанд, фарзанди бисёр доранд. Ҳодисаҳои фавт, сабаби асосии фавт чӣ дар байни духтарбачаҳои ба шавҳарбаромада ва чӣ дар байни духтарбачаҳои синни 15-19 ба шавҳар набаромада, махсусан  дар байни қисми ин гурӯҳи хеле ҷавон ба ҳомилагӣ алоқамандананд. Маълумотҳое вуҷуд доранд, ки духтарбачаҳои дар синни барвақтӣ ба шавҳарбаромада, бештар ба мардони аз худашон калонсол ба шавҳар мебароянд, ин хавфи сирояти инфектсияи ВНМО-ро ба вуҷуд меоварад. Волидайн кӯшиш мекунанд, ки духтарбачаҳои худро ба шавҳар диҳанд, то ки ору номуси худ ва духтарбачаҳояшонро ҳифз кунанд, дар айни замон мардон бошанд, бештар кӯшиш мекунанд, ки ба занони хеле ҷавон хонадор шаванд, то ки дар ақди никоҳ аз зане, ки мумкин аст ба касалии сирояткунанда гирифтор аст, наҷот ёбанд. Талабот ба ин зани ҷавон таваллуд кардани кӯдакон аст ва фарқият дар синну соли нобарори ҳамсарон дар оила ба он оварда мерасонад, ки чунин ҷуфтҳо хеле кам аз олоти муҳофизати ҳамл (презервативҳо) истифода мебаранд.

Барои муайян намудани ҳиссаи фоизии заноне, ки то расидан ба синни 15 ва 18 солагӣ ба ақди никоҳ баромадаанд, ду нишондиҳанда истифода карда мешаванд. Ҳиссаи фоизии занони дар синни барвақтӣ ё мухталиф ба никоҳ баромада дар ҷадвали СР.5 оварда шудаанд.

Аз 1 фоиз камтар занони 15-19 сола дар Тоҷикистон дар бораи ба никоҳ даромаданашон хабар доданд, ки то расидан ба синни 15 ба шавҳар баромадаанд. Ҳиссаи зиёди никоҳи то 15 солагӣ дар байни занони 25-29 сола (2 фоиз) ба қайд гирифта шудааст. Ба никоҳ баромадан дар синни барвақтӣ бештар дар байни занони таҳсилоташон ибтидоӣ ва миёнаи нопурра паҳн шудааст.

Вале қариб 15 фоизи зиёдтари ҳар кадом ҳафтум зани ҳамаи занони аз 20 то 49 сола то расидан ба 18 солагиашон ба никоҳ даромадаанд. Ин зуҳурот дар ВМКБ хеле кам ба назар мерасад, дар он ҷо 8 фоизи занон то расидан ба синни 18 ба шавҳар баромадаанд. Сатҳи вобастагии қавии байни саводнокии занон ва никоҳи барвақтӣ ба қайд гирифта мешавад. Дар айни замон 28 фоизи занони 20-49 сола, ки ба мактаби ибтидоӣ рафтаанд, то расидан ба синни 18 солагӣ ба никоҳ баромадаанд, ҳамагӣ 5 фоизи заноне, ки ба синфҳои болоӣ рафтаанд, низ дар синни барвақтӣ ба никоҳ баромадаанд. Дар чунин ҳолат низ ҳодисаҳое мушоҳида мешаванд, ки то расидан ба синни 15 солагӣ ба никоҳ баромадаанд, инро  таҳлили синну соли занон собит месозад; фоизи аз ҳама зиёди никоҳи занони синни то 18 дар байни занони 25-29 сола (23 фоиз) мушоҳида мешавад. Ин амал бештар дар байни аҳолии қашшоқ ва занони тоҷик паҳн шудааст, дар чунин ҳолат тақрибан ҳар кадом зани шашум то расидани синни вай ба 18 ба шавҳар баромадааст. Ҷадвали СР.5 низ нишон медиҳад, ки 6 фоизи занони 15-19 сола дар айни замон дар ақди никоҳ мебошанд ё бо иттифоқии мард зиндагӣ мекунанд.

Дар ҷадвали CP.6 дар бораи фарқияти синну соли байни мардон ва занон, ки нишондиҳандаи муҳим мебошад, маълумот оварда мешавад. Дар байни занони шавҳардори 15-19 сола 5 фоизашон ба одаме ба шавҳар баромадаанд, ки аз худашон 10 сол ё зиёдтар калонсоланд. Чунин ҳолат низ таносуби фоизии занони 20-24 сола мебошад.

## Зӯроварӣ дар оила

Ба занони 15-49 сола, ки дар айни замон шавҳар доранд ё бо итифоқии марде зиндагӣ мекунанд, нисбат ба он ки оё шавҳар ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои мухталиф зани худашро лату кӯб кунад, якчанд савол дода шуд. Ин саволҳо бо мақсади ошкор намудани тасаввуроти анъанавӣ, ки ба зӯроварӣ нисбат ба занон аз тарафи шавҳаронашон/шариконашон алоқаманданд, дода шудаанд. Дар чунин мавридҳо камбудии асосии содиршуда аз он иборат аст, ки занони тасдиққунандаи он ки шавҳар ё шарикашон лату кӯб кунад, чун қоида худашон ба чунин муносибати сахти шавҳар ё шарикон гирифтор мешаванд. Бо ҷавоби ин саволҳо дар ҷадвали CP.7 шинос шудан мумкин аст.

Дар Тоҷикистон тақрибан аз чор зан сетоашон, ки дар ақди никоҳ мебошанд ё бо марде иттифоқ бастаанд, чунин меҳисобанд, ки шавҳар/шарик ҳуқуқ дорад онҳоро лату кӯб кунад, асосан дар ҳолатҳое, ки шавҳаронашон баҳс мекунанд (68 фоиз), дар ҳолате, ки агар мустақилияти худро намоиш диҳанд – масалан аз хона баромада раванду ба шавҳар хабар надиҳанд (62 фоиз) ва агар ба кӯдакон нигоҳу бин накунанд (61 фоиз). Қариб нисфи занон чунин меҳисобанд, ки шарик ҳуқуқ дорад занро занад ё лату кӯб кунад, дар ҳолатҳое, ки ӯ ба шаҳватронии шавҳар иҷозат надиҳад ё хӯроки вай сӯхта бошад.

Тақсимоти минтақавӣ нишон медиҳад, ки зӯроварӣ дар оила дар шаҳри Душанбе камтар қобили қабул аст, зеро нисфи ками занон чунин меҳисобанд, ки зӯроварӣ аз тарафи ҳамсар эътироф пайдо кардааст. Дар айни замон, бештари занони (83 фоиз) вилояти Хатлон эътирофи зӯровариро дар оила тасдиқ мекунанд. Ин нуқтаи назар бештар дар деҳот дар байни занони таҳсилоташон кам ва занони хонаводаҳои қашшоқ ривоҷ ёфтааст.

Аҷоибот дар он аст, ки қабули чунин тартибот бештар дар байни ҷавонзанон паҳн шудааст; 85 фоизи занони 15-29 сола чунин меҳисобанд, ки ҳамсарашон ҳуқуқ доранд онҳоро зананд, дар айни ҳол ин фоиз дар байни занони 45-49 сола то 69 фоиз кам мешавад.

## Иштироки занон дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ

Тадқиқоти МИКС оид ба Тоҷикистон таҳлили иловагии дарки занон оид ба зӯроварӣ дар оила, ҳамчунин муносибат ва рафтори онҳо ба ақди никоҳро дар бар мегирад. Саволҳои зерин ба заноне, ки дар ақди никоҳ қарор доштанд ё бо иттифоқи марде зиндагӣ мекунанд, бо мақсади баҳогузорӣ ба иштироки занон дар қабули қарорҳо ва ҳалли масъалаҳои оила дода шуданд. “Маъмулан оид ба саломатии занон, дар бораи хариди калони оилавӣ, дар бораи хариди ҳамарӯзаи ашёи зарурии хонавода ва дар бораи ташрифоварии хешовандони зан кӣ қарор қабул мекунад?”

Се ҳиссаи заноне, ки шавҳар доранд ё бо иттифоқии мард зиндагӣ мекунанд, дар муҳокимаи ҳар кадом қарори қабул кардашуда иштирок мекунанд (ҷадвали CP.7a). Аз дигар тараф, ба ҳамин миқдор занон (34 фоиз) дар ягон масъалаи вобаста ба хариди оилавӣ, саломатии худ ва ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок намекунанд. Занони шаҳри Душанбе ва шаҳрҷойҳо бештар дар масъалаҳои дар боло зикршуда иштирок мекунанд. Ғайр аз ин, чӣ қадаре ки занон калонсолтар бошанд, ҳамон қадар бештар дар ҳаллу фасли қабули қарорҳо иштирок мекунанд; танҳо 18 фоизи занони 15-19 сола дар қабули қарорҳо иштирок мекунанд, гарчанде дар занони шавҳардори 45-49 сола ин фоиз аз ду баробар зиёд аст. “Ҳуқуқи” занон дар иштироки ҳалли масъалаҳои оилавӣ ба сатҳи саводнокӣ ва ба дараҷаи некӯаҳволии хонавода вобаста аст.

Дар ҷадвалҳои CP.7в – CP.7е дар бораи аъзои хонавода, ки нисбат ба саломатии занон, хариди ашёи хонавода ва ташрифоти хешовандони зан қарори охирини қабул карда шудааст, натиҷаҳои пурсиш пешниҳод карда шудаанд. Ҳамагӣ 13 фоизи занон оиди саломатии худашон мустақилона қарор қабул мекунанд. Дар 36 фоизи ҳодисаҳо қарори асосиро шавҳар қабул мекунад, дар айни замон 39 фоизи занон ин қарорҳоро бо якҷоягии шавҳар қабул мекунанд. Чунин вазъият нисбат ба дигар қабули қарорҳо мушоҳида мешавад. Масалан, 14 фоизи занон нисбат ба хариди ҳаррӯза қарор қабул мекунанд, дар айни замон, дар мавриде, ки сухан дар бораи хариди калон меравад, ин то 6 фоиз кам мешавад. Ҳамагӣ 8 фоизи занон дар бораи ташрифоти оилавӣ ва хешовандон мустақилона қарор қабул мекунанд.

# XII. ВНМО/АНМО

### Дониш дар бораи роҳҳои сирояти ВНМО/АНМО

Яке аз шартҳои муҳими паст кардани сатҳи паҳншавии ВНМО мавҷудияти дониши мукаммалу мӯътамад дар бораи он ки ВНМО чӣ тавр сироят мекунад, ҳамчунин дар бораи усулҳои огоҳии гузаштани вай мебошад. Иттилооти мӯътамад ин қадами аввалин дар роҳи баланд бардоштани иттилоотию бохабарии одамони ҷавон ва ба онҳо пешниҳод намудани васоити ҳимоя аз инфектсияҳо мебошад. Гумроҳӣ нисбат ба ВНМО ба таври кофӣ паҳншуда мебошад ва метавонад одамони ҷавонро ба гумроҳӣ барад ва низ тақвиятро ба огоҳонидан ва паҳншавии ин инфектсияҳо ба нестӣ бурда расонад. Дар минтақаҳои гуногун, эҳтимол гумроҳии гуногун вуҷуд дошта бошад, гарчанде баъзеи онҳо хусусияти умумӣ доранд, (масалан, хӯроки якҷоя метавонад ба гузаштани ВНМО мусоидат кунад ё ВНМО метавонад ба воситаи газидани хомӯшакҳо гузарад). Сессияи махсуси Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ВНМО/АНМО (СМАГСММ) аз ҳукуматҳо даъват намуд, ки сатҳи иттилоотӣ ва рушдро дар одамони ҷавон малакаю маҳорати ҳимояро аз ВНМО баланд бардоранд. Нишондиҳандаҳои пешравӣ дар комёбии ин мақсадҳо, ҳамчунин Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола (МРҲ) нисбат ба ду баробар паст кардани миқёси ВНМО-инфектсияҳо дар худ маълумотҳоеро дар бар мегиранд, ки беҳтар намудани иттилоотро дар бораи ВНМО ва усулҳои аз байн бурдани интиқолу гузаронидани инфектсияҳо, ҳамчунин тағйироти рафтору муносибат ба мақсадҳои огоҳонидани паҳншавии минбаъдаи касалиро инъикос менамоянд. Модуле, ки ба масъалаҳои ВНМО бахшида шудааст, ба занони 15-49 сола татбиқ карда шуд.

Яке аз нишондиҳандаҳое, ки ба шумораи нишондиҳандаҳои МРҲ ва СМАГСММ дахл дорад, ба сифати фоизии ҳиссаи ҷавонзанон хизмат мекунад, ки дар бораи усулҳои огоҳонидани гирифтории ВНМО ва дигар инфектсияҳои гузаранда дониши мӯътамаду асоснок доранд. Ба занҳо дар бораи он савол доданд, ки оё онҳо дар бораи се усули асосии пешгирии гузаштани ВНМО – алоқаи таносулӣ бо яке аз шарики бовариноке, ки инфектсияолуд нест, истифодаи ҳатмии олоти муҳофизат аз ҳамл (презерватив) ва парҳез ё қаноат кардан аз шаҳватронӣ маълумот доранд. Натиҷаҳо дар ҷадвали НА.1 оварда шудаанд.

Дар Тоҷикистон 42 фоизи занони пурсидашуда дар бораи АНМО шунидаанд. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи фоизии заноне, ки се усули пешгирии ВНМО-ро медонанд, танҳо 11 фоизро ташкил медиҳад. Чоряки занон дар бораи усули алоқаи таносулӣ бо яке аз шарики бовариноке, ки инфектсияолуд нест, 21 фоизашон дар бораи истифодаи ҳатмии олоти муҳофизат аз ҳамл (презерватив) ва 19 фоизашон дар бораи парҳез ё қаноатро ба сифати усулҳои асосии пешгирии гузаштани ВНМО медонанд. Сарфи назар аз он ки 32 фоизи занон то андозае як усулро медонанд, қисми зиёди онҳо (68 фоиз) не яке аз усулҳо, не ҳар се усулро медонанд.

Дониши дуруст дар бораи огоҳии ВНМО бештар дар занони шаҳрҷойҳо, занони сарватманд ва занони дорои таҳсилоти махсуси миёна ё олӣ вомехӯрад. Аз дигар тараф заноне, ки таҳсилоти ибтидоӣ доранд ё ба хонаводаҳои қашшоқтарин тааллуқ доранд, дар бораи АНМО кам медонанд, дониши онҳо дар бораи гузаштани инфектсияи ВНМО аз таҳсилоти миёна ҳам паст аст. Тааҷҷубовар он аст, ки ҷавонзанон дар бораи усулҳои огоҳии инфектсияи ВНМО хеле кам шунидаанд. Ҳамагӣ 23 фоизи занони синни 15-19 сола дар бораи АНМО шунидаанд ва ба таври фавқулодда фоизи кам (5 фоиз) дар бораи се роҳи гузаштани инфектсия маълумот доранд.

Дар ҷадвали НА.2 дар бораи ҳиссаи фоизии заноне, ки метавонанд нисбат ба гумроҳии ВНМО дуруст тавсиф намоянд, маълумот оварда шудааст. Нишондиҳанда ба ду гумроҳии бештар паҳншудатарин ва қобили таваҷҷӯҳ дар Тоҷикистон, аз ҷумла, нисбат ба он ВНМОе, ки метавонад дар вақти хӯроки якҷоя гузарад ва дар натиҷаи газидани хомӯшакҳо асоснок карда шудааст. Дар ҷадвал ҳамчунин нисбати бохабарии занон дар бораи он ки ВНМО наметавонад ба таври ғайритабиӣ гузарад, иттилоот оварда шудааст. Вай метавонад ба воситаи истифодаи якҷояи сӯзандору барои тазриқ (инъектсия) гузарад. Аз шумораи занони пурсидашуда ҳамагӣ 6 фоиз ду гумроҳии бештар паҳншударо  рад кардаанд ва дар бораи он дониши худро намоиш доданд, инсоне, ки солим менамояд, метавонад инфектсия дошта бошад.

Гумроҳии бештар дар байни занони хеле қашшоқ ва занони таҳсилоташон паст паҳн гаштааст. Агар ба фарқияти минтақавӣ назар андохта шавад, маълум мешавад, ки аз ҳама зиёдтар занони бохабар занони ВМКБ ва шаҳри Душанбе мебошанд.
Дар ҷадвали НА.3 маълумотҳои умумикардашуда аз ҷадвалҳои НА.1 ва НА.2 ҳамчунин маълумотҳо дар бораи ҳиссаи фоизии заноне, ки дар бораи ду усули пешгирии гузаштани ВНМО ва инкор кардани се огоҳии ба таври васеъ паҳншударо медонанд, оварда шудаанд. Сатҳи дониш дар бораи усулҳои огоҳонидан ва гузаштани ВНМО мисли пештара кофӣ нест, гарчанде дар ин ҷо фарқияте вуҷуд дорад, ки ба маҳалли истиқомат, гурӯҳҳои синну сол, сатҳи саводнокӣ ва некӯаҳволии занон вобастаанд. Умуман, ҳамагӣ 4 фоизи занон ҳамон тавре, ки маълум шуд, дониши кофӣ доранд, дар ин маврид нишондиҳандаи мазкур дар ноҳияҳои шаҳрӣ (8 фоиз) нисбат ба деҳот (2 фоиз) зиёд аст. Сатҳи баландтарини дониш дар байни занони ВМКБ ва шаҳри Душанбе қайд карда шуд; аммо, бо вуҷуди он, вай аз 15 фоиз кам аст. Ҳамагӣ 2 фоизи занони 15-24 сола дар бораи усулҳои гузаштани инфектсияи ВНМО дониши ҳаматарафа доранд.  Ҳамон тавре, ки тахмин рафт, фоизи заноне, ки дониши зарурӣ доранд, мувофиқи сатҳи саводнокиашон зиёд мешавад. (расми НА.1).

Дониш дар бораи имконияти гузаштани ВНМО аз модар ба кӯдак низ ба таври кофӣ қадами аввалин барои занон мебошад. Ҷиҳати гузаштани ташхиси ВНМО ҳангоми ҳомиладорӣ бо мақсади пешгирӣ кардани инфектсияи кӯдаки навзод, занон дар бораи он бояд донанд, ки ВНМО ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ва дар давраи синамаккони метавонад гузарад. Сатҳи дониш дар байни занони синни 15-49 сола нисбат ба гузаштани ВНМО аз модар ба кӯдак дар ҷадвали НА.4 оварда шудааст. Умуман, 37 фоизи занон дар бораи он медонад, ки ВНМО метавонад аз модар ба кӯдак гузарад. Фоизи заноне, ки ҳар се роҳи гузаштани ВНМО-ро медонанд, 27 фоизро ташкил медиҳад, дар айни замон 4 фоизи занон ягон роҳи гузаштани ВНМО-ро намедонанд. Дониш дар бораи гузаштани ВИЧ аз модар ба кӯдак нисбатан бо дониши ҳаматарафаи тағйирёбандаи фоновӣ монанданд.

Расми НА.1. Фоизи занone, ки дар бораи гузаштани инфектсияи ВНМО/АНМО дониши ҳаматарафа доранд, Тоҷикистон , 2005




Нишондиҳандаҳои муносибат ба ВНМО-и сирояткунанда имконият медиҳанд, ки стигматизатсия ва маҳдудкунии ҳуқуқ, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд, чен карда шаванд. Сатҳи стигматизатсия ва поймолкунии ҳуқуқ дар ҳолате паст дониста мешавад, ки агар пурсидашавандаҳо-мусоҳибон ба чаҳор саволи зерин ҷавоби мусбат дода бошанд: 1) оё онҳо дар бораи бемории АНМО-и аъзои оила ғамхорӣ мекунанд; 2) оё аз савдогари бо инфектсияи АНМО сироятшуда сабзавоти тару тоза мехаранд; 3) оё чунин меҳисобанд, ки ба муаллимаи бо бемории АНМО иҷозат дода шавад, то ки дар мактаб дарс гузарад; 4) оё намехоҳед, далели ба бемории ВНМО гирифтор шудаи аъзои оиларо махфӣ нигоҳ доред. Дар ҷадвали НА.5 дар бораи муносибати занон бо одамоне, ки ба ВНМО/АНМО мубталоанд, зиндагӣ мекунанд, маълумот оварда шудааст.

Дар Тоҷикистон 95 фоизи занone, ки дар бораи АНМО шунидаанд, ба ҳисоби миёна бо яке аз аризаи маҳдудкунандаи ҳуқуқ розианд. Изҳороти бештар паҳншуда хоҳиш надоштан аз фурӯшандаи гирифтори бемории ВНМО/АНМО харидани сабзавоти тару тоза дахл дорад. Бисёрии занон 88 фоиз, ки дар бораи ВНМО/АНМО шунидаанд, аз одами бемори ВНМО/АНМО гирифторшуда хоҳиши харидани сабзавоти тару тозаро надоранд. Қариб аз се як ҳиссаи ҳамаи занон хоҳиши онро надоранд, ки дар бораи аъзои оилаи ба ВНМО гирифторшуда ғамхорӣ кунанд. Занони бе таҳсилот ё бо таҳсилоти ибтидоӣ бештар ба ҳолати мазкур муносибати поймолкунии ҳуқуқро намоиш медиҳанд, дар ҳоле, ки қариб нисфи ин занон розигӣ изҳор кардаанд.

Боз яке аз нишондиҳандаи муҳим мавҷуд будани дониш дар бораи он ки дар куҷо аз санҷиши ВНМО гузаштан имконпазир аст, ҳамчунин барои истифодаи имконияти гузаштани санҷиш хизмат мекунад. Ҷавобҳо ба саволҳо дар занон мавҷуд будани дониш дар бораи муассисаҳое, ки дар куҷо аз ташхису санҷиши ВНМО гузаштан мумкин аст ва дар бораи далели гузаштани чунин санҷиш бо пурсидашавандаҳо-мусоҳибон дар ҷадвали НА.6 оварда мешаванд. Танҳо 13 фоизи занон медонанд, ки дар куҷо аз санҷиш гузаранд ва танҳо миқдори кам (4 фоиз) амалан аз санҷиш гузаштаанд. Ба

андозае баланд шудани сатҳи некӯаҳволии занон, донистани маҳалли ҷои гузаштани санҷиш аз ВНМО низ афзуда истодааст.

Фоизи заноне, ки дар давоми ду соле, ки тадқиқот гузашт, кӯдак таваллуд кардаанд, дар чорчӯбаи муоина ва нигоҳубини то таваллуд хизматҳои маслиҳатӣ пешниҳод карда шуданд ва аз санҷиши ВНМО гузаштанд. Ин натиҷаҳо дар ҷадвали НА.7 оварда шудаанд. Бо вуҷуди он ки 77 фоизи ин занон аз мушоҳидаи то таваллуд гузаштаанд, камтар аз чоряки занон дар бораи усулҳои муҳофизат аз ВНМО дониш омӯхтаанд. Ҳамагӣ 11 фоизи занон дар рафти мушоҳида аз санҷиши ВНМО гузаштанд; аз он ҷумла 10 фоизашон натиҷаҳоро гирифтаанд. Шаҳри Душанбе ягона ҷое мебошад, ки зиёда аз чоряки занон хабар доданд, ки дар бораи пешгирии ВНМО иттилоот гирифтаанд. Ғайр аз ин, 21 фоизи заноне, ки дар шаҳри Душанбе сукунат доранд, аз санҷиш гузаштаанд ва дар рафти мушоҳидаҳо натиҷаҳоро гирифтаанд. Аз дигар тараф занони ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбат ба дигарон хеле кам аз мушоҳида ва санҷиши ВНМО гузаштаанд.

# XIII. ЯТИМОН

Кӯдакони зиёде дар бештари мамлакатҳои ҷаҳон ятим мемонанд. Кӯдаконе, ки ятим мондаанд, ба хавфи зиёди маҳрум шудан аз ғамхорӣ гирифтор ва объекти истисмор шуда метавонанд. Чунин вазъият дар ҳолате ба вуқӯъ меояд, ки агар волидайнашон нест ё онҳо имконияти ба онҳо кӯмак карданро надоранд. Мушоҳидаи пошидани нишондиҳандаҳои мухталиф барои ятимон ва кӯдакони қашшоқ ва муқоисаи ин нишондиҳандаҳо бо маълумотҳои барои ҳамсолони онҳо имконият медиҳад, то муайян карда шавад, ки то чӣ андоза ҷамъиятҳо хубанд ва ҳукуматҳо ба талаботи онҳо диққат медиҳанд.

Барои мушоҳидаи ин нишондиҳандаҳо баҳогузории қонеъкунандаи муайян намудани кӯдакони қашшоқ ва ятиммондаро тартиб додан зарур аст. Гурӯҳи мушовирони мушоҳида ва баҳогузории ЮНЭЙДС гурӯҳи кории муайян намудани кӯдаконе, ки касалӣ ё фавти калонсол таъсир кардааст, таъсис дод. Мувофиқи ин муайянкунӣ ба кӯдакони ятиммонда он кӯдаконе тааллуқ доранд, ки агар онҳо яке аз волидайнро гум карда бошанд.

Фоизи кӯдаконе, ки бе волидайн ё танҳо бо модар ё падар зиндагӣ мекунанд, дар ҷадвали OTPH.1 оварда шудааст. Дар Тоҷикистон 89 фоизи кӯдакони синни 0 то 17 бо ҳар ду волидайн сукунат мекунанд, 5 фоизи кӯдакон як ё ҳар ду волидайнро гум кардаанд.

# XIV. БОХАБАР БУДАН ДАР БОРАИ БЕМОРИИ СИЛ

## Дониш дар бораи роҳҳои сирояти сил

МИКС-и 2005 дар Тоҷикистон нисбат ба дониш дар бораи бемории сил ва роҳҳои сирояти он модули иловагиро дар бар мегирад. Модул оид ба бемории сил нисбати занони 15-49 сола ҷорӣ карда шуд ва аз онҳо пурсиданд, ки оё онҳо дар бораи бемории сил ва чӣ тавр паҳн мешаваду сироят мекунад, шунидаанд? Натиҷаҳо дар ҷадвалҳои TB.1-TB.6 пешниҳод карда шудаанд.

Ҳар кадом зани дуюми синни 15-49 дар бораи бемории сил шунидааст. Заноне, ки дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва дар деҳот ва заноне, ки таҳсилоташон паст мебошад, дар бораи сил дониши кам доранд.

Аз шумораи заноне, ки дар бораи бемории сил шунидаанд, бисёриҳо ба ҳисоби миёна бо як аломати мушаххаси ин беморӣ (92 фоиз) шинос буданд. Ҳамаи аз 51 фоизи заноне, ки дар бораи бемории сил шунидаанд, бо сифати аломати касалии сил сулфаро муайян кардаанд, 37 фоизашон якхел сулфаро бо балғам, 34 фоизашон камшавии вазнро номбар карданд, 29 фоизашон бошад, дар давоми се ҳафта ба сулфа ҳавола карданд. Камтар аз 16 фоизи занон дигар аломатҳоро номбар карданд. Аз ҳама зиёдтар аломати овардашуда, ки ба духтур муроҷиат карданро тақозо кардааст, сулфа номбар шуд; қариб нисфи (49 фоизи) заноне, ки дар бораи бемории сил шунидаанд, гуфтанд, ки ба таври таъҷилӣ ба ёрии тиббии касбӣ муроҷиат кардан лозим аст.

Аз се ду ҳиссаи (67 фоизи) заноне, ки дар бораи сил шунидаанд, медонанд, ки ин бемориро муолиҷа кардан мумкин аст. Дар шаш ҳодисаи бемории сил як аъзои оила аз бемории сил азият кашидааст, 12 фоизашон бошанд, одамеро (ҳамкор, хешованд ё рафиқу дӯстро) медонанд, ки ба касалии сил гирифтор аст. Фоизи зиёди занон (88 фоиз) ба аъзои оила, ки ба касалии сил гирифтор аст, нигоҳубин кардаанд, муолиҷаро дар шифохона анҷом додаанд. Бо вуҷуди ин, маҳдудияти одамони бемории сил васеъ паҳн шудааст. Сеяки занон, дар ҳолате, ки яке аз аъзои оилаи онҳо гирифтори бемории сил мешаванд, ин бемориро махфӣ медоранд.

Қисми зиёди занон (88 фоиз) чунин меҳисобанд, ки силро дар шифохонае, ки ба сифати муассисаи асосӣ номбар шудааст, муолиҷа кардан лозим аст,зеро барои ёрии касбӣ ба он ҷо муроҷиат кардан зарур аст.

# БИБЛИОГРАФИЯ

Boerma, J. T., Weinstein, K. I., Rutstein, S.O., and Sommerfelt, A. E. , 1996. Data on Birth Weight in Developing Countries: Can Surveys Help? Bulletin of the World Health Organization, 74(2), 209-16.

Blanc, A. and Wardlaw, T. 2005. Monitoring Low Birth Weight: An Evaluation of International Estimates and an Updated Estimation Procedure. Bulletin of the World Health Organization, 83 (3), 178-185.

Filmer, D. and Pritchett, L., 2001. Estimating Wealth Effects Without Expenditure Data – or Tears: An Application to Educational Enrolments in States of India. Demography 38(1): 115-132.

Rutstein, S.O. and Johnson, K., 2004. The DHS Wealth Index. DHS Comparative Reports No. 6. Calverton, Maryland: ORC Macro.

UNICEF, 2006. Monitoring the Situation of Children and Women. Multiple Indicator Cluster Survey Manual, New York.

United Nations, 1983. Manual X: Indirect Techniques for Demographic Estimation (United Nations Publication, Sales No. E.83.XIII.2).

United Nations, 1990a. QFIVE, United Nations Program for Child Mortality Estimation. New York, UN Pop Division

United Nations, 1990b. Step-by-Step Guide to the Estimation of Child Mortality. New York, United Nations.

WHO and UNICEF, 1997. The Sisterhood Method for Estimating Maternal Mortality: Guidance Notes for Potential Users, Geneva.

http://www.childinfo.org

# ҶАДВАЛҲО

Ҷадвали HH.1: Натиҷаҳои пурсишҳои хонаводаҳо ва одамони ҷудогона
Шумораи хонаводаҳо, занон ва кӯдакони то панҷсола аз рӯи натиҷаҳои пурсишҳои хонаводаҳо, занон ва кӯдакони то панҷсола, ҳамчунин коэффитсиенти ҷавобҳои хонаводаҳо, занон ва кӯдакони то панҷсола, Тоҷикистон, соли 2005

| | Ҷои истиқомат | | Минтақа | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ноҳияи шаҳрӣ | Деҳаи ноҳия | шаҳри Душанбе | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | НТҶ | ВМКБ | Ҳамагӣ |
| ШУМОРАИ ХОНАВОДАҲО | | | | | | | | |
| Интихобшуда | 2839 | 4129 | 1711 | 1320 | 1345 | 1296 | 1296 | 6968 |
| Сераҳолӣ | 2836 | 4125 | 1710 | 1319 | 1342 | 1296 | 1294 | 6961 |
| Пурсидашуда | 2677 | 4007 | 1594 | 1285 | 1297 | 1269 | 1239 | 6684 |
| Коэффитсиенти ҷавобҳо | 94.4 | 97.1 | 93.2 | 97.4 | 96.6 | 97.9 | 95.7 | 96.0 |
| ШУМОРАИ ЗАНОН | | | | | | | | |
| Ба меъёрҳо ҷавобгӯ | 3750 | 6876 | 2074 | 2297 | 2087 | 2200 | 1968 | 10626 |
| Пурсидашудаҳо | 3593 | 6650 | 2031 | 2244 | 1999 | 2165 | 1804 | 10243 |
| Коэффитсиенти ҷавобҳо | 95.8 | 96.7 | 97.9 | 97.7 | 95.8 | 98.4 | 91.7 | 96.4 |
| Коэффитсиенти умумии ҷавобҳо | 90.4 | 93.9 | 91.3 | 95.2 | 92.6 | 96.4 | 87.8 | 92.6 |
| ШУМОРАИ КӮДАКОНИ ТО ПАНҶСОЛА | | | | | | | | |
| Ба меъёрҳо ҷавобгӯ | 1477 | 2893 | 828 | 1174 | 815 | 924 | 629 | 4370 |
| Модарон / мураббиёни пурсидашуда | 1437 | 2836 | 814 | 1154 | 794 | 910 | 601 | 4273 |
| Коэффитсиенти ҷавобҳо | 97.3 | 98.0 | 98.3 | 98.3 | 97.4 | 98.5 | 95.5 | 97.8 |
| Коэффитсиенти умумии ҷавобҳо | 91.8 | 95.2 | 91.6 | 95.8 | 94.2 | 96.4 | 91.5 | 93.9 |

Ҷадвали НН.2: Тақсимоти аъзои хонаводаҳо аз рӯи синну сол ва ҷинсият
Тақсимоти фоизии аҳолии хонаводаҳо аз рӯи синну сол бо ҷудо кардан ба гурӯҳҳои синни панҷсола ва гурӯҳҳои синну соли хӯрандаҳо аз рӯи ҷинсият , шумораи кӯдакони 0-17 сола, Тоҷикистон, соли 2005

| | Мардон | | Занон | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумора | Фоиз | Шумора | Фоиз | Шумора | Фоиз |
| СИННУ СОЛ | | | | | | |
| 0-4 | 2383 | 11.4 | 2318 | 11.2 | 4701 | 11.3 |
| 5-9 | 2832 | 13.5 | 2567 | 12.4 | 5398 | 12.9 |
| 10-14 | 2965 | 14.2 | 2680 | 12.9 | 5646 | 13.5 |
| 15-19 | 2701 | 12.9 | 2584 | 12.4 | 5285 | 12.7 |
| 20-24 | 1914 | 9.1 | 2100 | 10.1 | 4014 | 9.6 |
| 25-29 | 1426 | 6.8 | 1513 | 7.3 | 2939 | 7.0 |
| 30-34 | 1261 | 6.0 | 1330 | 6.4 | 2590 | 6.2 |
| 35-39 | 1144 | 5.5 | 1261 | 6.1 | 2405 | 5.8 |
| 40-44 | 1098 | 5.3 | 1196 | 5.8 | 2294 | 5.5 |
| 45-49 | 910 | 4.3 | 838 | 4.0 | 1748 | 4.2 |
| 50-54 | 663 | 3.2 | 787 | 3.8 | 1451 | 3.5 |
| 55-59 | 405 | 1.9 | 400 | 1.9 | 805 | 1.9 |
| 60-64 | 318 | 1.5 | 302 | 1.5 | 620 | 1.5 |
| 65-69 | 307 | 1.5 | 319 | 1.5 | 627 | 1.5 |
| 70+ | 589 | 2.8 | 579 | 2.8 | 1167 | 2.8 |
| Гузаронда шудааст/ | 3 | (*) | 2 | (*) | 5 | (*) |
| СИННУ СОЛИ ГУРӮҲҲОИ ХӮРАНДАҲО | | | | | | |
| <Аз 15 сола ҷавонтар | 8180 | 39.1 | 7565 | 36.4 | 15745 | 37.8 |
| 15-64 | 11840 | 56.6 | 12311 | 59.3 | 24151 | 57.9 |
| 65 ва калонсолтар | 896 | 4.3 | 898 | 4.3 | 1794 | 4.3 |
| Гузаронда шудааст/ | 3 | (*) | 2 | (*) | 5 | (*) |
| СИННУ СОЛ | | | | | | |
| Кӯдакони 0–17 сола | 9972 | 47.7 | 9115 | 43.9 | 19086 | 45.8 |
| Калонсолони 18 сола ва калонсолтар / Гузаронда шудааст | 10947 | 52.3 | 11661 | 56.1 | 22609 | 54.2 |
| ҲАМАГӢ | 20919 | 100.0 | 20776 | 100.0 | 41695 | 100.0 |

Эзоҳот: (*) – Рақамҳоеро иваз мекунад, ки ба камтар аз 25 ҳодисаи носанҷида асоснок карда шудаанд.

Ҷадвали НН.3: Ҳайати хонавода
Тақсимоти фоизии хонаводаҳо аз рӯи тавсифоти ҷудогона, Тоҷикистон, соли 2005

| | Фоизи санҷидашуда | Шумораи хонаводаҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Санҷидашуда | Носанҷида |
| ҶИНСИ САРДОРИ ХОНАВОДА | | | |
| Мард | 81.7 | 5460 | 5432 |
| Зан | 18.3 | 1224 | 1252 |
| МИНТАҚА | | | |
| Шаҳри Душанбе | 11.2 | 749 | 1594 |
| Вилояти Хатлон | 31.3 | 2092 | 1285 |
| Вилояти Суғд | 32.9 | 2201 | 1297 |
| НТҶ | 21.5 | 1440 | 1269 |
| ВМКБ | 3.0 | 202 | 1239 |
| ҶОИ ИСТИҚОМАТ | | | |
| Ноҳияи шаҳрӣ | 32.9 | 2198 | 2677 |
| Деҳаи ноҳия | 67.1 | 4486 | 4007 |
| ШУМОРАИ АЪЗОИ ХОНАВОДА | | | |
| 1 | 3.2 | 217 | 252 |
| 2-3 | 10.5 | 699 | 796 |
| 4-5 | 27.9 | 1866 | 1955 |
| 6-7 | 31.5 | 2104 | 2070 |
| 8-9 | 16.0 | 1070 | 967 |
| 10+ | 10.9 | 728 | 644 |
| ҲАМАГӢ | 100.0 | 6684 | 6684 |
| Аз рӯи ҳадди камтарин 1 кӯдак дар синни то 18 сола | 88.6 | 6684 | 6684 |
| Аз рӯи ҳадди камтарин 1 кӯдак дар синни то 5 сола | 46.5 | 6684 | 6684 |
| Аз рӯи ҳадди камтарин 1 зан дар синни 15–49 сола | 93.0 | 6684 | 6684 |

Эзоҳот: (*) – Рақамҳоеро иваз мекунад,  ки ба камтар аз 25 ҳодисаи носанҷида асоснок карда шудаанд.

Ҷадвали НН.4: Тавсифоти асосии занон
Тақсимоти фоизии занони 15-49 сола аз рӯи тавсифоти асосӣ, Тоҷикистон, соли 2005.

| | Фоизи санҷидашуда | Шумораи занон | |
|---|---|---|---|
| | | Санҷидашуда | Носанҷида |
| МИНТАҚА | | | |
| Шаҳри Душанбе | 8.5 | 876 | 2031 |
| Вилояти Хатлон | 34.0 | 3480 | 2244 |
| Вилояти Суғд | 31.7 | 3246 | 1999 |
| НТҶ | 22.9 | 2344 | 2165 |
| ВМКБ | 2.9 | 297 | 1804 |
| ҶОИ ИСТИҚОМАТ | | | |
| Ноҳияи шаҳрӣ | 28.2 | 2891 | 3593 |
| Деҳаи ноҳиявӣ | 71.8 | 7352 | 6650 |
| СИННУ СОЛ | | | |
| 15-19 | 23.9 | 2445 | 2432 |
| 20-24 | 19.3 | 1981 | 1942 |
| 25-29 | 13.9 | 1428 | 1448 |
| 30-34 | 12.4 | 1270 | 1268 |
| 35-39 | 11.6 | 1192 | 1188 |
| 40-44 | 11.1 | 1137 | 1126 |
| 45-49 | 7.7 | 790 | 839 |
| ВАЗЪИ ОИЛАВӢ / ИТТИФОҚ | | | |
| Ҳоло шавҳар дорад / дар иттифоқ қарор дорад | 61.0 | 6245 | 6007 |
| Шавҳар дошт / дар иттифоқ қарор дошт | 5.3 | 538 | 564 |
| Ба шавҳар набаромадаст / дар иттифоқ набуд | 33.8 | 3460 | 3672 |
| МАҚОМИ МОДАРӢ | | | |
| Ягон вақт таваллуд карда буд | 60.8 | 6224 | 6058 |
| Ҳеҷ вақт таваллуд накардааст | 39.2 | 4019 | 4185 |
| ТАҲСИЛОТИ ЗАНОН | | | |
| Таҳсилот надорад | 1.6 | 159 | 133 |
| Ибтидоӣ | 2.6 | 267 | 222 |
| Миёнаи нотамом | 30.7 | 3145 | 2966 |
| Миёнаро хатм кардааст | 52.1 | 5334 | 5220 |
| Миёнаи махсус | 6.9 | 704 | 774 |
| Таҳсилоти олӣ | 6.2 | 631 | 927 |
| Ғайристандартӣ/Гузаронда шудааст | (*) | 2 | 1 |

| | Фоизи санҷидашуда | Шумораи занон | |
|---|---|---|---|
| | | Санҷидашуда | Носанҷида |
| КВИНТИЛҲО АЗ РӮИ ИНДЕКСИ НЕКӮАҲВОЛӢ | | | |
| Қашшоқтарин | 18.5 | 1893 | 1416 |
| Дуюм | 19.3 | 1981 | 1694 |
| Миёна | 20.4 | 2085 | 1980 |
| Чорум | 20.8 | 2126 | 2417 |
| Сарватмандтарин | 21.1 | 2158 | 2736 |
| ҲАМАГӢ | 100.0 | 10243 | 10243 |

Эзоҳот: (*) – Рақамҳоеро иваз мекунад,  ки ба камтар аз 25 ҳодисаи носанҷида асоснок карда шудаанд.

Ҷадвали НН.5: Тавсифоти асоии кӯдакон
Тақсимоти фоизии кӯдакони то панҷсола аз рӯи тавсифоти асосӣ, Тоҷикистон, соли 2005

| | Фоизи санҷидашуда | Шумораи кӯдакони синни то панҷсола | |
|---|---|---|---|
| | | **Санҷидашуда** | **Носанҷида** |
| ҶИНС | | | |
| Мард | 50.7 | 2168 | 2160 |
| Зан | 49.3 | 2105 | 2113 |
| МИНТАҚА | | | |
| Шаҳри Душанбе | 7.9 | 336 | 814 |
| Вилояти Хатлон | 40.1 | 1714 | 1154 |
| Вилояти Суғд | 28.2 | 1205 | 794 |
| НТҶ | 21.7 | 928 | 910 |
| ВМКБ | 2.1 | 90 | 601 |
| ҶОИ ИСТИҚОМАТ | | | |
| Ноҳияи шаҳрӣ | 26.4 | 1129 | 1437 |
| Деҳаи ноҳиявӣ | 73.6 | 3144 | 2836 |
| СИННУ СОЛ | | | |
| То 6 моҳа | 9.2 | 393 | 388 |
| 6–11 моҳа | 10.5 | 447 | 442 |
| 12-23 моҳа | 19.6 | 836 | 833 |
| 24-35 моҳа | 20.6 | 878 | 890 |
| 36-47 моҳа | 20.2 | 865 | 856 |
| 48-59 моҳа | 20.0 | 853 | 864 |
| ТАҲСИЛОТИ МОДАР | | | |
| Таҳсилот надорад | (1.0) | 43 | 37 |
| Ибтидоӣ | 2.2 | 95 | 81 |
| Миёнаи нотамом | 27.5 | 1177 | 1099 |
| Миёнаро хатм кардаст | 56.9 | 2429 | 2405 |
| Миёнаи махсус | 7.1 | 303 | 334 |
| Таҳсилоти олӣ | 5.2 | 222 | 315 |
| Ғайристандартӣ/Гузаронда шудааст/ | (*) | 3 | 2 |
| КВИНТИЛҲО АЗ РӮИ ИНДЕКСИ НЕКӮАҲВОЛӢ | | | |
| Қашшоқтарин | 22.4 | 959 | 745 |
| Дуюм | 19.0 | 813 | 720 |
| Миёна | 18.8 | 803 | 760 |
| Чорум | 20.0 | 854 | 985 |
| Сарватманд | 19.8 | 844 | 1063 |
| ҲАМАГӢ | 100.0 | 4273 | 4273 |

Эзоҳот ()- Рақамҳое, ки ба 25-49 ҳодисаи носанҷида асоснок карда шудаанд.
(*) – Рақамҳоеро иваз мекунад, ки ба камтар аз 25 ҳодисаи носанҷида асоснок карда шудаанд.

Ҷадвали CM.1: Фавти кӯдакон дар синни барвақтӣ
Тақсимоти коэффитсиентҳои фавти кӯдакони навзод ва фавти кӯдакони то панҷсола аз рӯи тавсифоти асосӣ ва демографӣ, Тоҷикистон, соли 2005

| | | Коэффитси-енти фавти кӯдакони навзод* | Коэффитси -енти фавти кӯдакони то панҷсола** |
|---|---|---|---|
| ҶИНС | | | |
| | Мард | 75 | 92 |
| | Зан | 54 | 66 |
| МИНТАҚА | | | |
| | Шаҳри Душанбе | 50 | 59 |
| | Вилояти Хатлон | 81 | 102 |
| | Вилояти Суғд | 61 | 73 |
| | НТҶ | 47 | 57 |
| | ВМКБ | 46 | 54 |
| ҶОИ ИСТИҚОМАТ | | | |
| | Ноҳияи шаҳрӣ | 58 | 70 |
| | Деҳаи ноҳиявӣ | 68 | 83 |
| ТАҲСИЛОТ | | | |
| | Таҳсилот надорад / ибтидоӣ | 75 | 95 |
| | Миёнаи нотамом | 73 | 91 |
| | Миёнаро хатм накардааст | 63 | 76 |
| | Миёнаи махсус | 56 | 67 |
| | Таҳсилоти олӣ | 13 | 14 |
| КВИНТИЛҲО АЗ РӮИ НЕКӮАҲВОЛӢ | | | |
| | Қашшоқтарин 60% | 79 | 100 |
| | Сарватмандтарин 40% | 46 | 54 |
| ҲАМАГӢ | | 65 | 79 |

* Нишондиҳандаи МИКС - 2; МРҲ Нишондиҳандаи 14

** Нишондиҳандаи МИКС - 1; Нишондиҳанда МРҲ 13

Ҷадвали NU.1w: Ҳиссаи кӯдакони то панҷсола, ки қаду вазни онҳо чен карда нашуда буд, моҳ ё соли таваллуд ё дигар маълумотҳо шумораи умумии ҳодисаҳои нишондодашуда, ки аз таҳлил хориҷ шудаанд, вуҷуд надоштанд, Тоҷикистон, соли 2005

| | Кӯдаконе, ки чен карда нашудаанд | Қад ё вазн фаромӯш шудааст | Моҳ ё соли таваллуд фаромӯш шудааст | Дигар ҳодиса | Шумораи умумии ҳодисаҳо, ки аз таҳлил хориҷ шудаанд | Шумораи кӯдакон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶИНС | | | | | | |
| Мард | ,9 | - | - | 4,3 | 5,2 | 2168 |
| Зан | 1,0 | - | ,1 | 4,6 | 5,7 | 2105 |
| МИНТАҚА | | | | | | |
| Шаҳри Душанбе | ,7 | - | ,1 | 3,5 | 4,3 | 336 |
| Вилояти Хатлон | 1,5 | - | - | 4,3 | 5,8 | 1129 |
| Вилояти Суғд | ,7 | - | - | 4,5 | 5,3 | 3144 |
| НТҶ | | | | | | |
| ВМКБ | 2,2 | - | - | 9,0 | 11,2 | 393 |
| 6-11 моҳа | 1,1 | - | - | 6,9 | 8,1 | 447 |
| 12-23 моҳа | 1,1 | - | - | 6,5 | 7,6 | 836 |
| 24-35 моҳа | ,9 | - | ,2 | 2,5 | 3,6 | 878 |
| 36-47 моҳа | ,5 | - | - | 2,6 | 3,0 | 865 |
| 48-59 моҳа | ,5 | - | - | 3,0 | 3,5 | 853 |
| ТАҲСИЛОТИ МОДАР | | | | | | |
| Ибтидоӣ | (14,2) | (-) | (-) | (5,8) | (20,0) | 43 |
| Миёнаи нотамом | 2,6 | - | - | 4,8 | 7,3 | 95 |
| Миёнаро хатм кардаст | 1,0 | - | ,1 | 4,5 | 5,7 | 1177 |
| Миёнаи махсус | ,7 | - | - | 4,7 | 5,4 | 2429 |
| Таҳсилоти олӣ | ,2 | - | - | 4,3 | 4,5 | 303 |
| Ғайристандартӣ/ Гузаронда шудааст/ | ,8 | - | ,1 | ,9 | 1,9 | 222 |
| КВИНТИЛҲО АЗ РӮИ ИНДЕКСИ НЕКӮАҲВОЛӢ | | | | | | |
| Қашшоқтарин | 1,9 | - | ,2 | 5,9 | 8,0 | 959 |
| Дуюм | ,7 | - | - | 3,6 | 4,3 | 813 |
| Миёна | ,7 | - | - | 5,5 | 6,2 | 803 |
| Чорум | ,7 | - | - | 3,3 | 4,0 | 854 |
| Сарватмандтарин | ,5 | - | ,1 | 3,8 | 4,3 | 844 |
| ҲАМАГӢ | ,9 | - | - | 4,5 | 5,4 | 4273 |

Эзоҳот: ()- Рақамҳое, ки ба 25-49 ҳодисаи носанҷида асоснок карда шудаанд.

Оид ба таҳсилоти модар – 2 ҳодисаи номаълуми барномаи ғайристандартии таҳсил, ки фаромӯш шудаас-ту аз ҷадвалҳо хориҷ карда шудаанд.

Ҷадвали NU.1: Кофӣ набудани ғизои кӯдакон
Ҳиссаи фоизии кӯдакони 0-59 моҳа, ки ба дараҷаи ниҳоят вазнин ё мӯътадил аз нокифоягии ғизо азият мекашанд, Тоҷикистон, соли 2005

| | Муносибати вазн нисбат ба синну сол | | Муносибати қад нисбат ба синну сол | | Муносибати вазн нисбат ба қад | | | Шумораи кӯдакони 0-59 моҳа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | % кам | % кам | % кам | % кам | % кам | %кам | % зиёд | |
| | - 2 SD* | - 3 SD* к | - 2 SD** | - 3 SD** | - 2 SD*** | - 3 SD*** | + 2 SD | |
| ҶИНС | | | | | | | | |
| Мард | 17.6 | 4.2 | 28.2 | 10.4 | 7.2 | 2.0 | 3.5 | 2057 |
| Зан | 17.1 | 3.0 | 25.6 | 7.8 | 7.2 | 1.1 | 3.6 | 1985 |
| МИНТАҚА | | | | | | | | |
| Шаҳри Душанбе | 13.3 | 2.7 | 20.6 | 8.9 | 6.8 | 1.4 | 5.6 | 322 |
| Вилояти Хатлон | 20.2 | 4.7 | 29.0 | 10.0 | 9.3 | 2.6 | 3.0 | 1619 |
| Вилояти Суғд | 15.3 | 2.4 | 28.9 | 9.7 | 4.0 | .3 | 5.9 | 1126 |
| НТҶ | 16.2 | 3.4 | 22.9 | 6.5 | 7.8 | 1.4 | .8 | 893 |
| ВМКБ | 20.0 | 4.5 | 29.7 | 11.6 | 5.2 | 1.1 | 3.0 | 83 |
| ҶОИ ИСТИҚОМАТ | | | | | | | | |
| Ноҳияи шаҳрӣ | 17.2 | 3.2 | 26.1 | 9.3 | 7.4 | 2.4 | 4.0 | 1064 |
| Деҳаи ноҳия | 17.4 | 3.8 | 27.3 | 9.1 | 7.1 | 1.3 | 3.4 | 2979 |
| СИННУ СОЛ | | | | | | | | |
| Аз 6 моҳа хурдтар | 4.6 | 1.1 | 10.8 | 1.2 | 8.8 | 1.6 | 8.5 | 349 |
| 6-11 моҳа | 20.1 | 3.4 | 19.4 | 4.7 | 11.1 | 1.6 | 2.6 | 411 |
| 12-23 моҳа | 30.3 | 7.8 | 28.2 | 11.8 | 16.2 | 4.0 | 3.8 | 772 |
| 24-35 моҳа | 19.9 | 4.9 | 28.3 | 10.0 | 6.0 | 1.2 | 3.4 | 846 |
| 36-47 моҳа | 12.5 | 1.8 | 30.5 | 9.8 | 2.5 | .7 | 3.2 | 839 |
| 48-59 моҳа | 11.7 | 1.3 | 31.4 | 10.5 | 2.0 | .5 | 2.2 | 824 |
| ТАҲСИЛОТИ МОДАР | | | | | | | | |
| Таҳсил накардаст | (29,5) | (-) | (30,5) | (13,3) | (8,4) | (-) | (3,5) | 34 |
| Ибтидоӣ | 12.9 | 4.3 | 30.0 | 6.4 | 3.5 | 1.8 | 6.1 | 88 |
| Миёнаи нотамом | 16.8 | 3.3 | 25.6 | 7.8 | 7.0 | .7 | 3.0 | 1111 |
| Миёнаро хатм кардааст | 18.1 | 4.3 | 28.8 | 10.0 | 7.7 | 2.0 | 3.8 | 2298 |
| Миёнаи махсус | 17.6 | 1.4 | 22.6 | 9.7 | 6.6 | 2.9 | 4.4 | 289 |
| Таҳсилоти олӣ | 12.4 | 1.0 | 19.4 | 6.3 | 4.4 | .5 | 2.4 | 218 |

| | Муносибати вазн нисбат ба синну сол | | Муносибати қад нисбат ба синну сол | | Муносибати вазн нисбат ба қад | | | Шумораи кӯдакони 0-59 моҳа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | % кам | % кам | % кам | % кам | % кам | %кам | % зиёд | |
| | - 2 SD* | - 3 SD* к | - 2 SD** | - 3 SD** | - 2 SD*** | - 3 SD*** | + 2 SD | |
| КВИНТИЛҲО АЗ РӮИ ИНДЕКСИ НЕКӮАҲВОЛӢ | | | | | | | | |
| Қашшоқтарин | 23.5 | 5.0 | 31.8 | 11.5 | 8.8 | 1.5 | 3.2 | 882 |
| Дуюм | 18.9 | 4.1 | 29.0 | 9.7 | 6.3 | 1.7 | 3.9 | 777 |
| Миёна | 18.6 | 4.0 | 30.1 | 9.8 | 9.7 | 2.4 | 3.4 | 754 |
| Чорум | 14.1 | 2.9 | 24.0 | 7.9 | 7.0 | 1.4 | 3.2 | 821 |
| Сарватмандтарин | 11.5 | 2.1 | 19.8 | 6.6 | 4.1 | .9 | 4.2 | 808 |
| ҲАМАГӢ | 17.4 | 3.6 | 27.0 | 9.1 | 7.2 | 1.6 | 3.6 | 4042 |

* Нишондиҳандаи МИКС 6; нишондиҳандаи МРҲ 4

** Нишондиҳандаи МИКС 7

*** Нишондиҳандаи МИКС 8

Эзоҳот: () – Рақамҳое, ки ба 25-49 ҳодисаи носанҷида асоснок арда шудаанд.

Оид ба таҳсилоти модар – 2 ҳодисаи номаълуми барномаи ғайристандартии таҳсил, ки фаромӯш шудаасту аз ҷадвалҳо хориҷ карда шудаанд.

Ҷадвали NU.1.A: Ба дараҷаи бениҳоят серӣ ғизо истеъмол накардани кӯдакон
Ҳиссаи кӯдакони аз 12 то 59 моҳа, ки аз бениҳоят ё ба дараҷаи мӯътадил серӣ истеъмол накардани ғизо азият мекашанд, Тоҷикистон, соли 2005

| | Ҳаҷми китф <110 мм | Ҳаҷми китф 110-119 мм | Ҳаҷми китф 120-124 мм | Ҳаҷми китф 125-134 мм | Ҳаҷми китф 135 мм >= | Ҳиссаи кӯдакони бо варам | Таносуби вазн ва қад % камтар-2SD | Таносуби қад ва вазн % камтар-3SD | Таносуби қад ва вазн % зиёд+2SD | Ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо: % (WHZ < -2SD ё ОП <125мм) | Ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо: % (WHZ < -2SD ё ОП <125м варам) | Ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо: % (WHZ < -3SD ё ОП<110мм) | Ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо: % (WHZ < -3SD ё ОП <110мм ё ҳисобот) | Шумораи кӯдакон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷинс | | | | | | | | | | | | | | |
| Мард | .6 | 1.6 | 2.1 | 9.3 | 86.4 | 1.5 | 6.9 | 2.3 | 3.2 | 9.5 | 10.7 | 2.8 | 4.2 | 1692 |
| Зан | 1.0 | 1.4 | 2.5 | 10.0 | 85.2 | 2.8 | 6.1 | .9 | 3.1 | 9.2 | 11.5 | 1.7 | 4.5 | 1590 |
| МИНТАҚА | | | | | | | | | | | | | | |
| Шаҳри Душанбе | - | - | 1.9 | 5.2 | 92.8 | 2.8 | 6.4 | 1.3 | 5.2 | 8.1 | 10.7 | 1.3 | 4.1 | 261 |
| Вилояти Хатлон | 1.4 | 2.1 | 3.1 | 11.1 | 82.3 | 1.9 | 8.4 | 2.8 | 2.5 | 12.4 | 13.9 | 3.9 | 5.7 | 1295 |
| Вилояти Суғд | .7 | 1.5 | 1.7 | 10.7 | 85.4 | 2.8 | 4.2 | .3 | 5.4 | 6.9 | 9.4 | 1.0 | 3.7 | 922 |
| НТҶ | .2 | .9 | 1.7 | 6.9 | 90.3 | 1.4 | 6.3 | 1.2 | .9 | 7.6 | 8.9 | 1.4 | 2.8 | 736 |
| ВМКБ | .6 | .7 | 1.3 | 13.8 | 83.6 | 1.6 | 4.7 | 1.2 | 2.5 | 6.7 | 7.9 | 1.9 | 3.4 | 68 |
| ҶОИ ИСТИҚОМАТ | | | | | | | | | | | | | | |
| Ноҳияи шаҳрӣ | 1.5 | 1.3 | 2.0 | 7.7 | 87.5 | 2.1 | 7.3 | 2.5 | 3.6 | 10.9 | 12.6 | 4.0 | 5.9 | 900 |
| Деҳаи ноҳия | .5 | 1.6 | 2.4 | 10.4 | 85.2 | 2.1 | 6.2 | 1.2 | 3.0 | 8.7 | 10.6 | 1.7 | 3.7 | 2381 |
| СИННУ СОЛ | | | | | | | | | | | | | | |
| 12-23 моҳа | 2.5 | 4.8 | 5.5 | 22.5 | 64.8 | 3.3 | 16.2 | 4.0 | 3.8 | 22.8 | 25.6 | 6.1 | 9.4 | 772 |
| 24-35 моҳа | .6 | 1.3 | 2.7 | 10.6 | 84.8 | 1.9 | 6.0 | 1.2 | 3.4 | 9.6 | 11.0 | 1.8 | 3.6 | 846 |
| 36-47 моҳа | - | - | 1.0 | 5.0 | 93.9 | 1.8 | 2.5 | .7 | 3.2 | 3.6 | 5.1 | .7 | 2.6 | 839 |
| 48-59 моҳа | .2 | .1 | - | 1.3 | 98.3 | 1.5 | 2.0 | .5 | 2.2 | 2.2 | 3.7 | .7 | 2.2 | 824 |

| | Ҳаҷми китф <110 мм | Ҳаҷми китф 110-119 мм | Ҳаҷми китф 120-124 мм | Ҳаҷми китф 125-134 мм | Ҳаҷми китф 135 мм >= | Ҳиссаи кӯдакони бо варам | Таносуби вазн ва қад % камтар-2SD | Таносуби қад ва вазн % камтар-3SD | Таносуби қад ва вазн % зиёд+2SD | Ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо: % (WHZ < -2SD ё ОП <125мм) | Ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо: % (WHZ < -2SD ё ОП <125м варам) | Ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо: % (WHZ < -3SD ё ОП<110мм) | Ба таври глобалӣ бениҳоят серӣ истеъмол накардани ғизо: % (WHZ < -3SD ё ОП <110мм ё ҳисобот) | Шумораи кӯдакон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҚАД | | | | | | | | | | | | | | |
| < 75 см | 4.1 | 9.7 | 9.9 | 30.8 | 45.5 | 3.6 | 19.9 | 3.1 | 8.0 | 32.4 | 35.2 | 6.5 | 10.2 | 300 |
| >=75 см | .5 | .7 | 1.5 | 7.5 | 89.9 | 1.9 | 5.2 | 1.4 | 2.7 | 7.0 | 8.7 | 1.9 | 3.7 | 2982 |
| ТАҲСИЛОТИ МОДАР | | | | | | | | | | | | | | |
| Таҳсил накардааст | (*) | (*) | (*) | (*) | (*) | (*) | (*) | (*) | (*) | (*) | (*) | (*) | (*) | 23 |
| Ибтидоӣ | - | 2.3 | 4.1 | 7.9 | 85.6 | 1.2 | 4.6 | 2.4 | 5.9 | 8.8 | 9.9 | 2.4 | 3.5 | 66 |
| Миёнаи нотамом | .3 | 1.8 | 1.6 | 10.2 | 86.0 | 2.8 | 5.9 | .6 | 2.7 | 8.1 | 10.3 | 1.0 | 3.6 | 869 |
| Миёнаро хатм кардааст | .8 | 1.5 | 2.6 | 9.7 | 85.4 | 2.1 | 7.1 | 1.9 | 3.5 | 9.8 | 11.6 | 2.6 | 4.7 | 1897 |
| Миёнаи махсус | 3.0 | .6 | 1.9 | 6.7 | 87.7 | 1.4 | 6.2 | 3.0 | 2.7 | 11.3 | 12.7 | 6.0 | 7.4 | 238 |
| Таҳсилоти олӣ | .1 | 1.1 | 1.6 | 8.5 | 88.6 | .6 | 4.9 | .6 | 2.5 | 7.2 | 7.7 | .7 | 1.3 | 179 |
| КВИНТИЛИ ИНДЕКСИ НЕКӮАҲВОЛӢ | | | | | | | | | | | | | | |
| Қашшоқтарин | | .3 | 1.8 | 2.9 | 13.9 | 81.1 | 2.9 | | 8.4 | 1.4 | 3.0 | 11.3 | 13.7 | 1.6 |

*Нишондиҳандаи хусусиятноки мамлакатҳо

Эзоҳот: ()- Рақамҳое, ки ба 25-49 ҳодисаи носанҷида асоснок карда шудаанд. Оид ба таҳсилоти модар – 2 ҳодисаи номаълуми барномаи ғайристандартии таҳсил, ки „ фаромӯш шудааст“ ва 23 ҳодисаи носанҷида „таҳсилот надорад“ аз ҷадвалҳо хориҷ карда шудаанд.

Ҷадвали NU.2: Синамаккони ибтидоӣ
Ҳиссаи фоизии занони 15-49 сола, ки дар давоми ду соли то гузарондани тадқиқот кӯдаки зинда таваллуд кардаанд ва кӯдаки навзодро на дертар баъди як соати баъди таваллуд ва на дертар баъди як шабу рӯзи баъди таваллуд ба маккондани сина овардаанд, Тоҷикистон, соли 2005

| | Ҳиссаи заноне, ки синамакkонирo на дертар баъди як соати таваллуд оғоз кардаанд 8 | Ҳиссаи заноне, ки синамаккониро на дертар аз баъди як шабу рӯзи таваллуд сар кардаанд | Шумораи заноне, ки онҳо дар давоми ду соли то санаи гузарондани тадқиқот кӯдаки навзод доштанд |
|---|---|---|---|
| МИНТАҚА | | | |
| Шаҳри Душанбе | 61.5 | 86.7 | 133 |
| Вилояти Хатлон | 46.6 | 85.9 | 682 |
| Вилояти Суғд | 76.5 | 88.0 | 501 |
| НТҶ | 64.6 | 87.9 | 361 |
| ВМКБ | 76.5 | 87.0 | 34 |
| ҶОИ ИСТИҚОМАТ | | | |
| Ноҳияи шаҳрӣ | 59.4 | 85.2 | 427 |
| Деҳаи ноҳиявӣ | 61.4 | 87.6 | 1284 |
| МОҲҲОИ БАЪДИ ТАВАЛЛУД | | | |
| <то 6 моҳа | 59.7 | 86.4 | 423 |
| 6-11 моҳа | 60.2 | 85.0 | 482 |
| 12-23 моҳа | 62.0 | 88.5 | 806 |
| ТАҲСИЛОТИ МОДАР | | | |
| Ибтидоӣ | (60.0) | (93.3) | 38 |
| Миёнаи нотамом | 57.7 | 85.3 | 529 |
| Миёнаро хатм кардааст | 62.3 | 87.7 | 928 |
| Миёнаи махсус | 63.6 | 89.3 | 116 |
| Таҳсилоти олӣ | 67.7 | 87.0 | 83 |
| КВИНТИЛҲО АЗ РӮИ ИНДЕКСИ НЕКӮАҲВОЛӢ | | | |
| Қашшоқтарин | 57.2 | 87.7 | 374 |
| Дуюм | 58.3 | 88.0 | 343 |
| Миёна | 65.0 | 86.5 | 352 |
| Чорум | 61.2 | 89.0 | 334 |
| Сарватмандтарин | 63.4 | 83.6 | 309 |
| ҲАМАГӢ | 60.9 | 87.0 | 1711 |

* МИКС нишондиҳанда 45

Эзоҳот: ()- Рақамҳое, ки ба 25-49 ҳодисаи носанҷида асоснок карда шудаанд. Оид ба таҳсилоти модар – 2 ҳодисаи номаълуми барномаи ғайристандартии таҳсил, ки фаромӯш шудааст ва 23 ҳодисаи носанҷида „таҳсилот надорад“ аз ҷадвалҳо хориҷ карда шудаанд.

Чадвали NU.3: Синамакконӣ
Ҳиссаи фоизии кӯдакони зиндамонда, мувофиқи мақоми синамакконӣ барои ҳар кадом гурӯҳи синну сол, Тоҷикистон, соли 2005

| | Кӯдакони 0-13 моҳа | | Кӯдакони 0-5 моҳа | | Кӯдакони 0-9 моҳа | | Кӯдакони 12-15 моҳа | | Кӯдакони 20-23 моҳа | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳиссаи кӯдаконе, ки танҳо шири сина мемаканд | Шумораи кӯдакон | Ҳиссаи кӯдаконе, ки танҳо шири сина мемаканд* | Шумораи кӯдакон | Ҳиссаи кӯдаконе, ки сина мемаканд ва ғизои сахт истеъмол мекунанд** | Шумораи кӯдакон | Ҳиссаи кӯдаконе, ки шири сина мемаканд*** | Шумораи кӯдакон | Ҳиссаи кӯдаконе, ки шири сина мемаканд *** | Шумораи кӯдакон |
| ҶИНС | | | | | | | | | | |
| Мард | 43.2 | 119 | 27.9 | 192 | 17.8 | 161 | 79.0 | 159 | 40.5 | 137 |
| Зан | 28.9 | 126 | 23.0 | 201 | 12.6 | 147 | 70.6 | 149 | 26.7 | 116 |
| МИНТАҚА | | | | | | | | | | |
| Шаҳри Душанбе | (23.8) | 19 | 17.0 | 33 | 17.6 | 21 | 58.8 | 23 | (36.4) | 19 |
| Вилояти Хатлон | 33.5 | 89 | 19.8 | 170 | 4.4 | 146 | 78.8 | 100 | 35.2 | 110 |
| Вилояти Суғд | 49.5 | 84 | 44.5 | 107 | (42.3) | 69 | 78.5 | 109 | (29.0) | 71 |
| НТҶ | 19.6 | 49 | 12.6 | 77 | 10.2 | 68 | 67.8 | 69 | (38.0) | 49 |
| ВМКБ | (61.0) | 4 | (51.1) | 7 | (24.2) | 5 | (89.1) | 7 | (39.2) | 4 |
| ҶОИ ИСТИҚОМАТ | | | | | | | | | | |
| Ноҳияи шаҳрӣ | 33.3 | 56 | 23.8 | 84 | 23.5 | 66 | 72.7 | 80 | 35.3 | 63 |
| Деҳаи ноҳия | 36.6 | 189 | 25.9 | 310 | 13.1 | 243 | 75.7 | 228 | 33.8 | 190 |
| ТАҲСИЛОТИ МОДАР | | | | | | | | | | |
| Ибтидоӣ/Таҳсил накардааст | (*) | 7 | (*) | 18 | (*) | 13 | (*) | 12 | (*) | 3 |
| Миёнаи нотамом | 36.9 | 94 | 26.7 | 135 | 9.9 | 89 | 73.3 | 93 | 26.5 | 79 |
